В *подготовительной части судебного заседания* председательствующий обязан разъяснить подсудимому его права, перечисленные в ст.47 УПК РФ, в том числе его право знать, в чем он обвиняется (п.1 ч.4)[2]. Отметим, что суд должен в доходчивой для подсудимого форме, изложить сущность квалификации его деяния. Обязанность разъяснения следует рассматривать как очередную гарантию прав подсудимого: признание вины является смягчающим вину обстоятельством и может влиять на вид, размер уголовного наказания и условия его отбывания, то есть на вопросы применения норм УК РФ. Кроме того, признание вины или согласие с обвинением порождает определенные уголовно-процессуальные последствия – влияет на формы судопроизводства: на основании ч.5 ст.316 УПК РФ при согласии обвиняемого с предъявленным ему обвинением, суд рассматривает материалы уголовного дела в особом порядке.

*В судебном заседании вопросам квалификации* уделяется основное внимание, прежде всего с точки зрения доказанности (недоказанности) объема обвинения, сформулированного органами досудебного производства. При этом, суд не может выйти за его пределы (ст.252 УПК РФ). Оценка представленных в суд доказательств осуществляется при состязательном оспаривании их содержания со стороны обвинения или защиты, наделенных одинаковыми процессуальными правами.

*Оценка (квалификация) судом доказанных обстоятельств в последствие находит свое отражение в итоговом судебном акте – приговоре.* На основании п.3 ч.1 ст.299 УПК, суд при постановлении приговора в совещательной комнате обязан разрешить, в том числе, вопрос о том, «является ли это деяние преступлением и какими пунктом, частью, статьей Уголовного кодекса Российской Федерации оно предусмотрено». При этом, давая свою оценку, он может положить в основу приговора только те доказательства, которые были исследованы в судебном заседании.

В этой связи, факторы, которые влияют на судебную квалификацию, могут быть ограничены, например, неявкой свидетелей и невозможностью их оглашения в суде. Данные на предварительном расследовании показания неявившихся в суд лиц, не могут быть положены в основу приговора и использоваться в процессе квалификации. Такой запрет следует из общего правила устности и непосредственности, указанного в ст.240 УПК РФ.

*Квалификация, указанная в приговоре суда* имеет существенное правовое значение. Она влияет не только на признание лица виновным в совершении конкретного преступления, но и влечет за собой такие правовые последствия, как определение ему вида исправительного учреждения, решение вопросов отсрочки исполнения наказания и т.п.

Квалификация, отраженная в судебном приговоре может не совпадать с оценкой деяния, изложенной органами предварительного расследования в обвинительном заключении (акте или постановлении). Такое несоответствие может иметь место только в рамках пределов судебного разбирательства, установленных в ст.252 УПК РФ при одновременном требовании соблюдения законности, обоснованности и справедливости приговора (ст.297 УПК РФ)

В случае несогласия суда с выводами органов предварительного расследования, он вправе вынести оправдательный приговор (ч.2 ст.302 УПК РФ). Так, оправдательный приговор выносится при отсутствии события преступления (п.1 ч.2 ст.203 УПК РФ) или установлена непричастность подсудимого к совершению преступления (п.2 ч.2 ст.302 УПК РФ), либо в деянии подсудимого отсутствует состав преступления (п.3 ч.2 ст.302 УПК РФ). Как видно два из перечисленных трех оснований, прямо относятся к уголов-

---

[1] Постановление Конституционного Суда РФ от 8.12.2003 № 18-П «По делу о проверке конституционности положений статей 125, 219, 227, 229, 236, 237, 239, 246, 254, 271, 378, 405 и 408, а также глав 35 и 39 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации в связи с запросами судов общей юрисдикции и жалобами граждан» // Собрание законодательства РФ. 22.12.2003. № 51. Ст. 5026.

[2] Такая обязанность суд следует из требования, указанного в ч. 1 ст. 11 УПК РФ.

но-правовой оценке (квалификации) судом исследованных в заседании доказательств и окончательного судебного вывода.

Квалификация в приговоре обосновывается в описательно-мотивировочной части, которая должна содержать описание преступного деяния, с указанием места, времени, способа его совершения, формы вины, мотивов, целей и последствия преступления (п.1 ч.1 ст.307 УПК РФ). Результат судебной квалификации отражается в резолютивной части приговора. Так, при вынесении обвинительного приговора суд в его резолютивной части обязан указать пункт, часть, статью уголовного кодекса РФ, предусматривающую ответственность за преступление, в совершении которого подсудимый признан виновным (п.3 ч.1 ст.308 УПК РФ).

*Квалификации при рассмотрении уголовного дела судом с участием присяжных заседателей* специфична тем, что присяжные решают вопросы факта[1] (п.п. 1-3 ч.1 ст.339 УПК РФ)[2], а юридическую квалификацию и применение уголовно-правовых норм осуществляет профессиональный судья (председательствующий). В своем напутственном присяжным слове, председательствующий обязан на основании п.2 ч.3 ст.340 УПК РФ «сообщить содержание уголовного закона, предусматривающего ответственность за совершение деяния, в котором обвиняется подсудимый». На наш взгляд, такое сообщение несет недостаточную информацию для присяжных заседателей. Целесообразно *не сообщать, а разъяснять* им, то есть довести в доходчивой для них форме смысл и содержание обвинения.

Квалификация в суде присяжных продолжается после вынесения обвинительного вердикта. Так, в ч.3 ст.347 УПК РФ установлено «исследование обстоятельств, связанных с квалификацией содеянного подсудимым…», а при постановлении приговора, на основе обвинительного вердикта присяжных, председательствующий обязан указать «в описательно-мотивировочной части квалификацию содеянного…» (п.3 ч.1 ст.351 УПК РФ).

Вместе с тем, квалификация, изложенная в приговоре суда, не является окончательной и может быть, при наличии оснований, изменена в последующих стадиях уголовного судопроизводства. Такая возможность ее изменения направлена на исправление судебной ошибки вышестоящим судом и является гарантией правосудности судебного акта, защитой прав и законных интересов личности, интересов общества и государства.

В этой связи, особенность *квалификации в стадии апелляционного производства* обусловлена тем, что квалификация данная судом первой инстанции может быть изменена в апелляционном судебном заседании, в том числе путем вынесения нового решения, без возвращения уголовного дела прокурору или в нижестоящий суд для пересмотра. Такие широкие полномочия суда апелляционной инстанции вызваны необходимостью сокращения судебных сроков рассмотрения дела и решения основного вопроса уголовного судопроизводства.

Специфика квалификации в апелляционном суде осуществляется на основе имевшихся ранее, полученных судом первой инстанции, доказательств, а так же полученных самостоятельно апелляционным судом, новых доказательств. Так, например, одним из оснований отмены приговора нижестоящего суда является неправильное применение уголовного закона (ст. 389.18 УПК РФ).

*Квалификация в кассационном и надзорном производстве* так же имеет свои особенности: оценка доказательств по уголовному делу, а точнее их сбор, получение новых сведений, как это имеет место в апелляционном суде, несколько ограничена, так как предметом проверки (оценки) могут быть только доказательства, исследованные в суде первой или апелляционной инстанций. Вместе с тем, суд кассационной (надзорной) инстанции может изменить квалификацию в сторону смягчения положения осужденного.

---

[1] Подробнее о правовом значении вопросов присяжным см., например: Насонов С.А. Особенности пределов судебного разбирательства при рассмотрении уголовного дела судом с участием присяжных заседателей // Lex russica. 2014. № 5. С. 575 – 586; Владыкина Т.А. Постановка вопросов, подлежащих разрешению присяжными заседателями // Адвокатская практика. 2013. № 3. С. 32 – 38; Моисеева Т. Нарушения положений ст. 339 УПК РФ, допускаемые при формулировании вопросов присяжным заседателям: анализ практики Верховного Суда Российской Федерации // Уголовное право. 2013. № 1. С. 100 – 105; Ведищев Н.П. Содержание вопросов присяжным заседателям // Адвокат. 2012. № 3. С. 5 – 33 и др.

[2] Имеются в виду три обстоятельства: 1) доказано ли, что деяние имело место; 2) доказано ли, что это деяние совершил подсудимый; 3) виновен ли подсудимый в совершении этого деяния.

Так, общие основания для изменения или отмены приговора в апелляционном порядке установлены в ст.389.15 УПК РФ, одним из них является неправильное применение уголовного закона (п.3 ч.1 ст.389.15 УПК РФ). Более подробно признание вышестоящим судом неправильного применения уголовного закона, в том числе неверной уголовно-правовой оценки деяния, установлено в ст.389.18 УПК РФ: «1) нарушение требования Общей части Уголовного кодекса Российской Федерации; 2) применение не той статьи или не тех пункта и (или) части статьи Особенной части уголовного кодекса, которые подлежали применению…». Основания отмены или изменения судебного решения в кассационном производстве являются «…существенные нарушения уголовного и (или) уголовно-процессуального закона, повлиявшие на исход дела» (ч.1 ст.401.15 УПК РФ).

Значимость исправления судебной ошибки, в том числе и квалификации общественно-опасного деяния или деяния, запрещенного уголовным законом, в кассационном и надзорном производствах по уголовному делу состоит в том, что ранее, до изменений, был установлен определенный предел – один год. Федеральный закон от 31.12.2014 г., № 518-ФЗ «О внесении изменений в статьи 401.2 и 412.2 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации и признании утратившими силу отдельных положений законодательных актов Российской Федерации»[1] внес изменения в нормы УПК РФ и устранил срочность (один год) такого производства для кассационного и надзорного порядков уголовного судопроизводства. Основным аргументом авторов этого закона (проекта закона) является то, что ограничение права на обжалование определенных решений соответствующим лицом не может способствовать укреплению режима законности, исправлению допущенных ошибок[2]. Принятие изменения в определенной мере было сформировано в результате научных публикаций В.Д.Потапова и других российских ученых[3].

*Квалификация при возобновлении производства* по делу в виду новых или вновь открывшихся обстоятельств, обусловлена возможностью появления обстоятельств, в том числе связанных с необходимостью изменения установленной ранее в приговоре квалификации. При этом уголовно-процессуальный закон различает такие обстоятельства: *новыми* признаются те из них, которые не были известны суду на момент вынесения судебного решения, исключающие преступность и наказуемость деяния или подтверждающие наступление в период рассмотрения уголовного дела судом или после вынесения судебного решения новых общественно опасных последствий инкриминируемого обвиняемому деяния, являющихся основанием для предъявления ему обвинения в совершении более тяжкого преступления (п.2 ч.2 ст. 413 УПК РФ), а *вновь открывшиеся обстоятельства* – которые существовали на момент вступления приговора или иного судебного решения в законную силу, но не были известны суду (п.1 ч.2 ст.413 УПК РФ). При этом при возобновлении производства по уголовному делу возможна новая квалификация деяния, установленного приговором суда, вступившим в законную силу. Так, например, среди перечисленных обстоятельств в УПК РФ указана «заведомая ложность показаний потерпевшего, или свидетеля, заключение эксперта <…> повлекшие за собой постановление незаконного приговора…», а соответственно и неправильную квалификацию деяния. При этом, на основании нового пункта 2.1 ч.4 ст.413 УПК РФ, к новым обстоятельствам закон относит «наступление в период рассмотрения уголовного дела судом или после вынесения судебного решения новых общественно опасных последствий инкрими-

---

[1] Федеральный закон от 31.12.2014 № 518-ФЗ «О внесении изменений в статьи 401.2 и 412.2 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации и признании утратившими силу отдельных положений законодательных актов Российской Федерации» // Официальный интернет-портал правовой информации http://www.pravo.gov.ru. 31.12.2014.

[2] Пояснительная записка «К проекту Федерального закона «О внесении изменений в статьи 401.2, 401.6 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации» // Документ опубликован не был. СПС Консультант Плюс. Дата обращения к ресурсу 11.01.15.

[3] См., например: Потапов В.Д. Широкая свобода обжалования в судах апелляционной, кассационной и надзорной инстанций в редакции Федерального закона от 29 декабря 2010 года № 433-ФЗ // Российский следователь. 2011. № 5. С. 4 – 6; Он же: Кассационное и надзорное производство: общее и особенное в контексте законодательных новелл от 29 декабря 2010 г. // Уголовное право. 2011. № 2. С. 99 – 102; Смирнов А.В. Реформа порядка пересмотра судебных решений по уголовным делам: надзор // СПС Консультант Плюс. 2011 и др.

нируемого обвиняемому деяния, являющихся основанием для предъявления ему обвинения в совершении более тяжкого преступления».

В этой связи представляется интересным мнение Т.Л. Оксюк: «требуется задействование процессуальных механизмов, которые позволяли бы предотвратить вынесение несправедливого, незаконного и необоснованного приговора, *на предшествующих стадиях* (выделено нами), когда существенно значимым обстоятельствам события, которое будет служить предметом исследования по уголовному делу, в обвинительном заключении, обвинительном акте или обвинительном постановлении дается неправильная уголовно-правовая оценка, очевидная для суда, либо когда в ходе предварительного слушания или судебного разбирательства установлены фактические обстоятельства, являющиеся основанием для предъявления обвинения в совершении более тяжкого преступления, что препятствует всестороннему и объективному разрешению уголовного дела и может отразиться на правильности окончательной квалификации судом совершенного обвиняемым деяния, а потому поставить под сомнение законность и обоснованность вынесенного по делу судебного решения»[1].

В случае производства о применении принудительных мер медицинского характера, указанных в п.п. «б» - «г» ч.1 ст.97 УПК РФ, закон устанавливает специфику квалификации. Так, квалификации подлежит *не преступление, а уголовно-наказуемое деяние*, его время, место, способ и другие обстоятельства с ним связанные (п.1 ч.2 ст.434, п.п. 1-3 ст.442 УПК РФ), как одно из обстоятельств подлежащих доказыванию.

Квалификация при международном сотрудничестве российских и иностранных правоохранительных органов учитывается, например, в содержании запроса о производстве процессуальных действий, который составляется в письменной форме и включает сведения «о фактических обстоятельствах совершенного преступления, его квалификации, текст соответствующей статьи Уголовного кодекса Российской Федерации…» (п.6 ст.454, п.3 ч.4 ст.460 УПК РФ). При этом, на процесс квалификации влияют не только собранные по делу доказательства на территории Российской Федерации, но и полученные на территории иностранного государства «его должностными лицами в ходе исполнения ими поручения об оказании правовой помощи по уголовным делам или направленные в Российскую Федерацию в приложении к поручению об осуществлении уголовного преследования…» (ст.455 УПК РФ). Вопросы квалификации учитываются при решении вопроса об отказе в выдаче лица иностранному государству. Так, например, выдача лица не допускается (безальтернативно), если «деяние, послужившее основанием для запроса иностранного государства о выдаче, в соответствие с уголовным законодательством Российской Федерации не является преступлением» (п.6 ч.1 ст. 464 УПК РФ)[2].

Вместе с тем при экстрадиции российского гражданина, в отношении которого на территории Российской Федерации ведется уголовное преследование, могут возникать проблемы квалификации преступления. Так, например, в июле 2011 года Басманный суд санкционировал заочный арест Александра Игнатенко, скрывшегося от ареста за границей. В ноябре того же года он был объявлен в международный розыск за мошенничество и получении взяток на 47 миллионов рублей от предполагаемых организаторов незаконного игорного бизнеса в Московской области. 2 января 2012 года Игнатенко задержали в Польше и с тех пор он находился под арестом. 7 февраля 2013 года экс-зампрокурора экстрадировали в Москву[3].

При доставлении обвиняемого в Россию ему предъявили обвинение в получении взятки. Вторую уголовную статью о мошенничестве исключила из обвинения польская сторона. Таково было условие выдачи его России[4]. Как видно, после достижения соглашения со стороны Генеральной Прокуратуры РФ и польских коллег, квалификация деяния вынужденно изменилась путем исключения из объема обвинения статьи УК РФ.

[1] Оксюк Т.Л. Актуальные проблемы возобновления производства по уголовному делу ввиду новых или вновь открывшихся обстоятельств // Законность. 2014. № 1. С. 14-19.

[2] Этот пункт дополнен на основании Федерального закона от 17.12.2009 № 324-ФЗ «О внесении изменений в статью 59 Уголовного кодекса Российской Федерации и Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации» // Собрание законодательства РФ. 21.12.2009. № 51. Ст. 6161.

[3] Российская газета. 18.06.2013.

[4] Козлова Н. Игнатенко отказался давать показания // Российская газета. 08.02.2013.

*Квалификация* в процессе производства по уголовному делу *подвержена внешним и внутренним факторам.* Такое совмещение объективного и субъективного позволяет дать точную оценку деяния и собранных по уголовному делу доказательств.

Сложный процесс квалификации, как в досудебном, так и в судебном производствах по уголовному делу, включает в себя оценку не только основных признаков состава преступления (объект, объективная сторона, субъективная сторона и субъект), но и факультативных признаков. По делу должны быть собраны, проверены и оценены доказательства, подтверждающие, например, направленность умысла лица на причинение значительного ущерба или на изнасилование несовершеннолетней и т.д. Это требование следует из принципа вины, установленного в ст.5 УК РФ, запрещающей объективное вменение.

Особую сложность вызывает квалификация бланкетных диспозиций. В этом случае процесс доказывания осложняется тем, что оценке подлежит не только деяние, предусмотренное нормами УК РФ, но и иными правовыми актами, которые действовали на момент совершения преступления.

Таким образом, на всем производстве по уголовному делу, во всех стадиях современного российского уголовного судопроизводства, вопросам квалификации, оценке деяния и применению норм уголовного закона, уделено значительное внимание. Установленная возможность ее изменения направлена на исправление судебной ошибки и определение точной, уголовно-правовой оценки, соответствующей добытым по уголовному делу доказательствам.

**Аннотатсия**

**Баҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва татбиқи меъёрҳои КҶ ФР дар марҳилаҳои судии истеҳсолоти ҷиноятии Россия**

Проблемаҳои асосии бандубасти амали хатарноки ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои судӣ аз марҳилаи омодашавии судя ба истеҳсолоти судӣ баррасӣ шудаанд. Суд ба хулосаҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ вобаста набуда, ҳуқуқи пешниҳод намудани баҳои амали судшавандаро дорад. Инчунин ҳукми суди марҳилаи якум метавонад бо тартиби кассатсионӣ шикоят бурда шавад. Чунин назорати судӣ имкон медиҳад, ки хатогиҳои мавҷудаи суди марҳилаи поёнӣ бартараф карда шаванд.

**Аннотация**

**Уголовно-правовая оценка и применение норм УК РФ в судебных стадиях российского уголовного судопроизводства**

Рассмотрены основные правовые проблемы квалификации общественно-опасного деяния в судебных стадиях, начиная со стадии подготовительных действий судьи к судебному разбирательству. Суд не связан выводами органов предварительного расследования и вправе дать свою оценку деянию подсудимого. Кроме того, приговор суда первой инстанции может быть обжалован в апелляционном или кассационном порядке. Такой судебный контроль позволяет устранить допущенную нижестоящим судом ошибку в квалификации содеянного.

**Annotation**

**Criminal and legal assessment and application of standards of the criminal code of Russian Federation in judicial stages of the Russian criminal legal proceedings**

The main legal problems of qualification of public and dangerous act in judicial stages, since a stage of preparatory actions of the judge to judicial proceedings are considered. The court isn’t connected by conclusions of bodies of preliminary investigation and has the right to give the assessment to act of the defendant. Besides, sentence of court of the first instance can be appealed in an appeal or cassation order. Such judicial control allows to eliminate the mistake made by inferior court in qualification of deeds.



**Раҳимзода М.З.,**
*директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

# ПРОБЛЕМАҲОИ АКТУАЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ ВА СОҲИБКОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *проблемаҳои актуалӣ; қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ; техникаи қонунгузорӣ; истилоҳоти ҳуқуқӣ; маданӣ; мухолифат; номутобиқатӣ.*

***Ключевые слова:*** *актуальные проблемы; гражданское и предпринимательское законодательство; юридическая техника; юридическая терминология; гражданский; противоречие; коллизия.*

***Keywords****: actual problems; civil and business law; legal technique; legal terminology; civil; contradiction; collision.*

Дар даврони соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ дар асоси сарчашмаҳои ба худ хос инкишоф ёфта, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ба миёномадаро дар шароити навӣ рушди ҷомеъа ба танзим медароранд. Дар давраи аввали соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ бо душворӣ инкишоф меёфт. Зеро, вазъияти сиёсии бамиёномадаи аввали солҳои 90-ум ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва танзими самараноки ҳуқуқии он имконият намедод. Ҳамзамон, қонунҳое, ки қабул карда мешуданд, натанҳо ҷузъӣ ва гуногунсоҳа буданд, балки барои инкишофи муносибатҳои навӣ дар ҷомеъа бавуҷудомада мусоидат карда наметавонистанд. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи гражданӣ ва соҳибкорӣ дар асоси қонунҳои дар замони Шӯравӣ қабулкардашуда, аз ҷумла Кодекси граждании аз ҷониби Шӯрои Олии ҶТ 28 декабри соли 1963 тасдиқ гардида ва аз 1 январи соли 1965 мавриди истифода қарор гирифта, амалӣ карда мешуд. Аз сабаби он ки Кодекси мазкур дар шароити низоми фармондиҳию маъмурӣ қабул шуда буд, дар лаҳзаи ташаккулёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати мустақил бисёр муқаррароти он кӯҳна гардида, ҷавобгӯи муносибатҳои нави ҷамъияти, аз ҷумла иқтисоди бозорӣ набуданд. Вобаста ба шароити ба вуҷудомада, баъзе аз моддаҳои Кодекси граждании соли 1963, ки барои танзими муносибатҳои нави дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба вуҷудомада мувофиқ буд, дар ҳолате истифода бурда мешуданд, ки агар онҳо ба Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (23.12. 1991); Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (23.12.1991); Қонуни ҶТ «Оид ба танзими ҳуқуқии масъалаҳое, ки ба сохтмони манзили инфиродӣ алоқаманданд» (21.07.1994); Қонуни ҶТ «Оид ба моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (14,12.1996) Кодекси манзилии ҶТ( 12.12. 1997) ва дигар қонунҳои ҶТ, ки баъди соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон қабул шудаанд, мухолифат надошта бошанд.

Аввалин Кодекси граждании замони соҳибихтиёрӣ, қисми якум 30 июн ва қисми дуюм 11 декабри соли 1999 қабул гардида ва аз якуми январи соли 2000 мавриди амал қарор дода шуданд. Қисми сеюми Кодекси гражданӣ бошад, аз якуми марти соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд. Баъди қабули Кодекси гражданӣ қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ бо суръати хеле баланд инкишоф ёфта доираи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии гуногунро дарбар гирифт. Барои танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин соҳибкорӣ қонунҳои зиёде, аз ҷумла дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, дар бораи коопе-

ративҳо, дар бораи корхонаҳои давлатӣ, дар бораи дастгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва ғайраҳо қабул карда шуданд.

Зарурати танзими чунин дигаргуниҳо натанҳо дар шароити иқтисодию иҷтимоӣ ва фазои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ низ ба миён омад. Аз ин лиҳоз, давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодии АвроОсиё лоиҳаи Консепсияи такмили қонунгузории граждаииро дар асоси Қарори ҷаласаи худ аз 23 декабри соли 2011 қабул намуданд. Дар Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24 апрели соли 2013, бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурияти дар таҳияи нав пешниҳод намудани Кодекси гражданӣ изҳори ақида карда шуд. Бо ин мақсад дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2013, №АП-2257 гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав таъсис дода шуд. Ҳамзамон, бо Қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ аз 30 апрели соли 2014, таҳти №4 Консепсияи рушди қонунгузории гражданин ҶТ қабул карда шуд[1].

Қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва соҳибкорӣ аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии гуногун иборат мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие ҳисобида мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмӯъ ё дар соҳаи муайян танзим менамояд (сархати 3 қ.1.м.2). Ҳамин тариқ, қонунгузории гражданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мафҳуми васеъ аз Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва одатҳои муомилоти корӣ иборат мебошад. Чунин фаҳмиш дар моддаҳои. 2, 5 ва 7 КГ, инчунин дигар қонунҳои амалкунанда низ ифода ёфтааст.

Бояд зикр намоем, ки таҷрибаи татбиқи меъёрҳои Кодекси гражданӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ ва соҳибкориро танзимкунанда, барои таҳлил маводҳои зиёдеро оид ба такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ дар навбати аввал, Кодекси гражданӣ пешниҳод гардонид. Ҳамзамон, таҳлил нишон дод, ки қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ ба монанди дигар соҳаҳои қонунгузории Тоҷикистон дорои проблемаҳои зерин мебошад:

1. Дар қонунҳо якхела ва аниқ инъикос накардани чараёнҳои дар ҷомеа ба амаломада;

2. Риоя накардани талаботи техникаи қонунгузорӣ;

3. Аз ҷиҳати мазмуни ҳуқуқӣ коста будани истилоҳоти (калимаи) ба забони тоҷикӣ (ё дигар забонҳо) интихобкардашуда, инчунин мавҷуд будани хатоҳои услубӣ ва имлоӣ;

4. Ба назар нагирифтани талаботи низомнокӣ дар қонунгузорӣ, нусхабардорӣ ва вайрон намудани принсипҳои мутобиқати дохилӣ дар санадҳои меъёрии хуқуқии қабулкардашуда;

5. Мавҷуд будани номутобиқатӣ (коллизия), нуқсон (холигӣ) ва мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

6. Мавзӯи ночиз доштан ё фарогирии масоили дуюмин дараҷа будани онҳо[2].

Албатта, дуруст истифода намудани восита ва усулҳои техникаи қонунгузорӣ, аз ҷумла барасмиятдарории онҳо мазмуни сифати қонунро баланд бардошта ва дар ниҳояти кор нақши муҳимро дар таъмини иҷрои он мебозад. Вале дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар марҳилаҳои гуногуни замони гузариш қабулкардашуда, аз ҷумла Кодекси гражданӣ дар фарқият ба қонунҳои ҳоло қабулкардашуда ба масъалаи техникаи қонунгузорӣ диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Баъди қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[3] таркиби санади меъёрии ҳуқуқӣ аз муқаддима, қисм, фасл, зерфасл, боб, параграф, модда, қисм дар модда, банд, зербанд ва сархат иборат дониста шуд (моддаи 34). Яъне, КГ аз ҷиҳати техникаи қонунгузорӣ то ҳол ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида нашудааст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳангоми такмили қонунгузории гражданӣ ба ин масъала аҳамияти зарурӣ дода шавад. Яъне, таркиби Кодекси гражданӣ бояд ба талаботи моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ карда шавад.

---

1 Ниг.: маҷаллаи «Қонунгузорӣ» №2 (14), 2014. С. 134-151.

2 Ниг.: Раҳимов М.З. Сифати қонун ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии он. // Забон ва сифати қонун. Душанбе, 2010. С.17.

3 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №3, мод.99.

Раванди соҳибистиқлолият аз мо тақозо менамояд, ки ҳангоми истифодаи ин ё он калимаю истилоҳот дар қонунгузории амалкунанда на танҳо ба равонии он, балки ба доираи фарогирии он калима мазмуни мафҳуми муайянро эътибор диҳем. Ҳангоми истифодаи калимаҳо, хусусан калимаҳое, ки сифр маънои ҳуқуқӣ доранд, дар қонун бо эҳтиёткории махсус бояд муносибат намуд. Чунки дар забони қонун ҳар як калима илман асоснок шуда, маънои ба худ хос ва оқибати муайяни ҳуқуқиро дар назар дорад. Ба монанди: ҷавобгарӣ, ҷуброн кардан, зарар, зиён, ноустуворона, предмет, молумулк, объект, уҳдадорӣ, ҷамъияти саҳомии кушода, корхонаи давлатӣ, муҳлати мурури даъво ва ғайраҳо. Бо иваз намудани калимаҳои мазкур ба калимаҳои дигар, ба монанди: мавзӯъ, вазифадор, ҷаримаи аҳдшиканӣ, талофӣ, масъулият, амвол, муҳлати даъво ва ғайраҳо мумкин аст, ки моҳияту мазмуни онҳо тағйир ёфта, боиси дар амал нодуруст татбиқ шудани меъёри қонун ва оқибатҳои номатлуби ҳуқуқӣ гардад.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба забони содда ва равону фаҳмое навишта шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд ва зимни ин, услуби расмии забони адабӣ ва истилоҳотӣ ҳуқуқӣ низ риоя гардад (м.38). Вале дар баъзе ҳолатҳо дар қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ истилоҳот бо забони тоҷикӣ номушаххас, гуногунмаъно ва тарзе истифода шудаанд, ки вазни меъёрии онро коста менамоянд. Масалан, калимаю истилоҳоти «ҷуброн», «рӯёнидан», «ситонидан», «товон», «зиён», «зарар», «нафъ», «фоида» «шахс», «шахси ҳуқуқӣ», «шахси воқеӣ», «қонунҳои гражданӣ», «қонунгузории гражданӣ», «қарори суд», «ҳалномаи суд», «санади судӣ», «муфлисшавӣ», «муҳлати оқилона», «муҳлати қобили қабул», «аҳдҳои беэътибор», «тасарруф», «молик», «соҳибмулк», «соҳиб», «истифода», «ихтиёрдорӣ» ва ғайраҳо дар баъзан мавридҳо ғалат ё бидуни дарназардошти моҳияту мазмуни истилоҳ истифода карда шудаанд, ҳол он ки ҳар яки он вобаста аз ҳолат бояд дар макони худ истифода шаванд.

Ҳамзамон, дар қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ калимаю истилоҳоти иқтибосӣ бидуни зарурат зиёд истифода шудаанд, ки ба табиату қонуниятҳои овозии забони тоҷикӣ созгор нестанд, дар ҳоле ки муодили онҳо дар забони илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳатто гуфтугӯӣ роиҷ мебошанд. Масалан, калимаҳои «гражданӣ», «регресс», «пеня», «легат», «фоиз», «новатсия», «ставка», «ипотека», «госпитал», «заклад», «суғурта», «угай», «чипта» ва ғайраҳо. Дар забони қонунгузорӣ бошад, ҳар як истилоҳ маънои хосро доро буда, истифодаи муродифи он ва ё шарҳи умуми иҷтимоии он ҷоиз нест.

Аз ин ҷо зарурати бо забони давлатӣ ва адабии фаҳмо ифода кардани калимаҳое, ки дар қонунгузорӣ истифода шудаанд, ба миён меояд.

Вақтҳои охир яке аз масъалаҳои хеле мубрам ва баҳсноки истилоҳотӣ ба ҷои истилоҳи «гражданӣ», ки аз забон русӣ гирифта шудааст, истифода намудани истилоҳи «маданӣ» мебошад. Ба ҳуқуқшиносон маълум аст, ки калимаи лотинии «civil» аз «civilis» ба маънои «шаҳрвандӣ»(маданӣ), «давлатӣ», баъдан аз «civis» ба маънои «шаҳрванд» истифода мешавад. Истилоҳи қонуни маданӣ аз juris civile аз ҳуқуқи Рим гирифта шудааст. Juris civile ҳамон маънои ҳуқуқи шаҳрвандро дорад, ки аз тарҷумаҳои лотинӣ ба воситаи забони сурёӣ (суриёнӣ) ба забони арабӣ роҳ ёфтааст, ки ин истилоҳ оҳиста - оҳиста дар нигоштаҳои Форобӣ ва дигар ҳакимони исломӣ ҷойгоҳи махсус ёфт. Juris civile ё қонуни маданӣ дар баробари Jus Gentium ё қонуни ом қарор дошт, ки бардагон ва бегонагонро дарбар мегирифт. Ба ҳамин муносибат дар асрҳои миёна вақте сухан дар бораи ҳуқуқи маданӣ меравад, мақсад ҳуқуқи Рим буд, ки дар баробари ҳуқуқи калисо истифода мешуд, вале рафта – рафта ҳуқуқи маданӣ мафҳуми аслии худро аз даст дод ва ба маънои «ҳуқуқи хусусӣ» дар муқобили ҳуқуқи умумӣ қарор гирифт. Баъди аз байн рафтани империяи Рим, ҳуқуқи умумӣ бекор карда шуд ва ҳар касе, ки номе аз ҳуқуқи Рим ё ҳуқуқи маданӣ мебурд, мақсадаш ҳуқуқи хусусии римиён буд, ки мавриди тақлиди бисёре аз миллатҳо, аз ҷумла фаронсавиён қарор гирифт[1]. Баъдан, бо аҳамияти дубора пайдо кардани ҳуқуқи умумӣ, бахусус пас аз Инқилоби кабири Фаронса (1789) ин истилоҳ дар маънои ҳуқуқи хусусӣ (робитаи афрод бо якдигар) ба кор рафт ва дар муқобили ҳуқуқи умумӣ (робитаи афрод бо давлат) истифода шуд[2]. Ҳа-

[1] Доктор Котузиён, Носир. Муқаддимаи илми ҳуқуқ, Теҳрон, ширкати саҳҳомӣ, 1380. С.88

[2] Доктор Ҷаъфари Лангрудӣ. Маҳаммад Ҷаъфар. Фалсафаи ҳуқуқи маданӣ. Теҳрон, “Ганҷи дониш”, 1390с, С. 90.

мин тавр, пас аз Инқилоби кабири Фаронса истилоҳи ҳуқуқи маданӣ ҷойгузини ҳуқуқи хусусӣ шуд. Чунонки қонуни соли 1804 Наполеон низ ба ин ном хонда шуд ва имрӯз ба номи «Кодекси мадании Наполеон» низ машҳур аст

Ҳамзамон, бояд зикр намоем, ки дар фалсафаи исломӣ истилоҳи «маданӣ» мансуб ба мадина (шаҳр) ва киноя аз ҷомеаи башари (тамаддун) аст. Тамаддун аз нуқтаи назари фаҳмиши онҳо маънои ҷомеаи башариро дошта, ҳар гоҳе, ки дар бораи таммаддун сухан меронем, аз маданӣ будани инсон, сухан аз категорияи иҷтимоӣ будани он меравад. Зеро, инсон дорои сиришти маданӣ буда, ба истилоҳи онҳо маънои шаҳрвандӣ низ ҳамин аст. Дар забони форсӣ истилоҳи «маданӣ» дар баробари истилоҳи «шаҳрӣ», «ҳамшаҳрӣ», «шаҳрнишин» ва «шаҳрванд» истифода карда мешавад.

**Калимаи «маданӣ» дар фарҳангҳои тоҷикӣ дар маънoҳои зерин ифода ёфтааст:**

1. Мансуб ба мадина; шаҳрӣ, сокини шаҳр;
2. Мансуб ба маданият: равобити маданӣ, ҳаёти маданӣ;
3. Дорои савияи олӣ дар дониш ва одоби муошират: одами маданӣ[1].

Тавре ки мебинем, истилоҳи «маданӣ» мазмунан на танҳо яке аз муродифҳои калимаи «шаҳрвандӣ» буда, балки то дараҷае васеъ мебошад. Калимаи шаҳрвандӣ таъкид ба яке аз субъектҳои муносибатҳои граждаииро дорад, аммо калимаи «маданӣ» на танҳо ба субъекти муносибат, балки таъкид ба моҳияти муносибатҳо менамояд, ки матлабро пурра ифода мекунад. Баръакс, вожаи «маданӣ» натанҳо маънои «шаҳр», «шаҳрванд» балки маънои «равобити маданӣ», «ҳаёти маданӣ», «савияи олӣ дар одоби муошират»-ро низ дорад, ки маҳз ифодагари моҳияти муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие мебошад, ки дар байни субъектҳои ҳуқуқи маданӣ (граждаиӣ) ба вуҷуд меояд. Ҳамзамон, бинобар сабабе, ки калимаи «маданӣ» робитаи маданиро низ ифода менамояд, он барои истилоҳсозӣ дар соҳаи ҳуқуқ мувофиқи мақсад аст. Бояд зикр намоем, ки истилоҳ бояд аз вожа (калима) фарқ карда шавад. Калима воҳиди нутқест, ки як мафҳумро ифода мекунад[2]. Истилоҳ бошад, калима ё иборае мебошад, ки дар ҳавзаи амалкарди ягон соҳаи илму фан маънои мушаххасро ифода мекунад[3].

Доир ба калимаи русии «гражданский (-ая, -ое)», ки дар кишвари мо ҳамчун истилоҳи «граждаиӣ» истифода мегардад чунин гуфтанӣ ҳастем, ки дар луғату фарҳангҳои русӣ калимаи мазкур ба чунин маъно омадааст: сифати шаҳрванд ҳамчун табааи ягон давлат[4], мансуб ба ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандон дар давлат[5], мансуб ба муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон байни якдигар ва муносибати онҳо бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо[6]. Ҳамин тавр, дар тамоми луғату фарҳангҳои русӣ шаҳрванд ба маънои мансубият ба ягон давлат ва ё муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон байни якдигар ва муносибати онҳо бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо[7] истифода шудааст. Ҳамзамон, дар луғату фарҳангҳои тоҷикӣ истилоҳи «граждаиӣ» чунин шарҳ ёфтааст: «Граждаиӣ – 1. Ниг:. шаҳрвандӣ: ҳуқуқи шаҳрвандӣ; 2. Ғайриҳарбӣ, ғайринизомӣ…»[8]. Бояд зикр намоем, ки калимаи «шаҳрвандӣ» тоҷикӣ буда, аз решаи «шаҳр» сохта шудааст. «Шаҳрвандӣ – марбут ба шаҳрванд; табаа»; «Шаҳрванд – аҳолии расмии шаҳр ё кишвар»[9]. Аз ин ҷо истифодаи истилоҳи «маданӣ» дар муносибатҳои хусусӣ ба ҷои калимаи «граждаиӣ» ба маврид мебошад.

Оид ба истифодаи калимаи «шаҳрвандӣ» ба ҷои калимаи «граждаиӣ» чунин гуфтани ҳастем, ки дар қонунгузории кишвари мо калимаи мазкур дар забони қонунгузорӣ барои ифодаи падидаи ҳуқуқи оммавӣ бо таври васеъ истифода бурда мешавад. Масалан, калимаи шаҳрвандӣ ҳамчун падидаи сиёсию ҳуқуқӣ

[1] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз ду ҷилд). ҷилди 1, А-Н. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон, Душанбе, 2008. С. 739. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (А-О). Москва, 1969. С. 618.

[2] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз ду ҷилд). ҷилди 1, А-Н./ Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон, Душанбе, 2008. С. 580.

[3] Ниг.: Асари номбаршуда. С. 561.

[4] Ниг.: Толковый словарь русского языка. Т.1 (А-КЮРИНЫ). М., 1934. С. 613-614

[5] Ниг.: Словарь русского языка. Том 1 (А-Й). М., 1981. С. 342.

[6] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 2003. С. 143.

[7] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 2003. С.143.

[8] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1 (А-Н). Душанбе, 2008. С. 331.

[9] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 2 (О-Я). Душанбе, 2008. С. 632.

дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» истифода шудааст[1]. Аз ин ҷо зарурият ба истифодаи калимаи «шаҳрвандӣ» ба ҷои калимаи «гражданӣ» дар муносибатҳои хусусӣ намемонад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар истилоҳсозӣ бояд ба истилоҳи асл (забони баромад) муроҷиат намуд, на ба забони «миёнарав». Ба ҳамин хотир дар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Украина ба ҷойи истилоҳи «гражданӣ» истилоҳи асли «civil» («Цивіль») истифода мегардад. Гузашта аз он, бояд ба инобат гирифт, ки имрӯз дар Осиёи Миёна ҳангоми номгузорӣ кардани Кодекси гражданӣ аз калимаҳое, ки тавассути забони тоҷикӣ вориди забони онҳо шудааст, истифода карда истодаанд (масалан, дар Ӯзбекистон – «фуқаро», дар Туркманистон – «раият», дар Озарбойҷон – «мулк»; дар Қазоқистон бошад – «азамат»)[2]. Дар Эрон, Афғонистон, Туркия, Урдун ва дигар давлатҳо калимаи «маданӣ» истифода шуда истодааст. Ҳамзамон дар давлатҳои дар охир зикршуда қонуни маданӣ қабул карда шудааст, на Кодекси маданӣ. Аз лиҳозе, ки дар давлатҳои зикршуда истилоҳи қонуни маданӣ истифода мегардад, иваз кардани «Кодекси гражданӣ» ба «Кодекси маданӣ» қобили қабул мебошад.

Проблемаи муҳими қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ бартараф намудани номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни қонунҳо, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ мебошад. Зеро, номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни меъёрҳои қонунгузорӣ боиси вайрон гардидани танзими низомнокии ҳуқуқӣ гардида, фаъолияти мӯътадили кори низоми ҳуқуқиро халалдор сохта ва ба танзими самараноки ҳуқуқӣ, ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Азбаски таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва бисёрдараҷа мебошад, дар он албатта номутобиқатӣ, нусхабардорӣ ва мухолифатҳо ҷой дошта метавонад. Чунин номутобиқатӣ ва мухолифатҳо дар ҳуқуқ ҳамчун қисми таркибии номутобиқатӣ ва мухолифатҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Бояд қайд намуд, ки низоми ҳуқуқӣ ба монанди ҳама гуна зуҳуроти иҷтимоӣ наметавонад дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошта бошад, вай доимо тағйир ёфта ва бо тағйирёбӣ мунтазам боиси мухолифат ва номутобиқатии нав мегардад. Аз ин ҷо номутобиқатӣ ва мухолифати байни қонунҳо ҳам ба иродаи субъектҳои ташаббуси ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам новобаста аз иродаи онҳо вуҷуд дошта метавонад. Ба чунин ҳолат дар баъзе  қонунҳои амалкунанда дучор шудан мумкин аст. Номутобиқатӣ, мухолифат дар қонунгузории гражданӣ дар шаклҳои гуногун ифода меёбад. Мухолифати қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ метавонад дар номутобиқатии меъёрҳои он ба Конститутсия, ё дар мухолифати дохилии меъёрҳои Кодекси гражданӣ ё ин ки қонунгузории муносибатҳои гражданӣ ва соҳибкориро танзимкунанда, ифода ёбад.

Тибқи моддаи 14 Конститутсия маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон раво дониста мешавад. Вале тибқи Кодекси гражданӣ ҳуқуқҳои гражданӣ бо мақсади ҳифзи маънавиёт, тандурустӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи муҳити зист дар асоси қонун маҳдуд карда мешаванд (қ. 3 мод. 3 КГ). Ҳамин тавр, меъёрҳои Кодекси гражданӣ ҳолатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои гражданиро нисбат ба муқарраароти Конститутсия то дараҷае васеъ намуда, бо дарназардошти талаботи қонун маҳдуд менамояд. Ҳол он ки моддаи 14 Конститутсия ҳолатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои гражданиро тибқи қонун иҷозат намедиҳад.

Конститутсияи ҶТ рӯёнидани товони зарари моддӣ ва маънавиеро, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебинад, аз ҳисоби онҳо муқаррар менамояд (қ. 3. М. 32 КГ). Вале тибқи қисми 1. моддаи 1084 КГ зараре, ки мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, инчунин шахсони мансабдори онҳо расонидаанд, аз ҳисоби хазинаи давлат (моддаи 238) ҷуброн карда мешавад. Ба фикри мо, бартараф кардани чунин номутобиқатӣ ва ба талаботи моддаи 32 Конститутсия мутобиқ

---

[1] Ниг.: Раҳимзода М.З., Бобоҷонов И.Ҳ., Меликов У.А., Бадалов Ш.К. Дар бобати маънои истилоҳи «гражданӣ» дар қонунгузории муосир ва зарурати иваз намудани он ба истилоҳи «маданӣ». / Қонунгузорӣ, 2014,№ 3(15). С. 37.

[2] Ниг.: Асари номбаршуда. С. 7.

намудани он ба манфиати таҷриба буда, мухолифати байни моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети ҷорӣ» (2015) оид ба аз ҳисоби маблағи сметаи хароҷоти онҳо руёнидани зарар бартараф менамояд. Мушкилоти дигаре, ки дар таҷриба ба вуҷуд омадааст ва зарурияти ҳалли худро дар қонун тақозо менамояд, ин зараре мебошад, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда истифода бурдани ба ҳабсгирӣ ё забонхат барои ба ҷое нарафтан, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба шаҳрванд расонида шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад (қ.1. мод.1086). Агар чанде, ки меъёри мазкур ба талаботи моддаи 21 Конститутсия дар бораи аз ҷониби давлат, на дигар мақомот, ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад, мувофиқ бошад ҳам, вале моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» рӯёнидани зарари моддию маънавиеро, ки аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонида мешавад, аз ҳисоби маблағи хароҷоти онҳо муқаррар менамояд. Ба талаботи Конститутсия мутобиқ намудани меъёри Қонуни ҷории буҷет мувофиқи мақсад мебошад.

Дар қонунгузории ҶТ яке аз мушкилоти муҳим таносуби меъёрҳои КГ ҶТ ва дигар қонунҳо мебошад. Тибқи моддаи 2 КГ ҶТ «Меъёрҳои қонунҳои граждание, ки дигар қонунҳо ва асноди дигари қонунӣ дарбар гирифтаанд, бояд бо ҳамин Кодекс мутобиқ бошанд». Пеш аз ҳама зикр карданӣ ҳастем, ки чунин ҳолат метавонад боиси тамоюли шахшуда мондани танзими ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ гардад. Ҳамзамон чунин масъалагузорӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ беназокатона (хато) мебошад, зеро Кодекси гражданӣ қонуни конститутсионӣ набуда, балки қонуни - муқаррарӣ мебошад. Аз ин ҷо нисбат ба он бояд талаботи моддаи 70 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» татбиқ гардад. Дар асоси моддаи мазкур қувваи бештари ҳуқуқӣ ба санади меъёрии ҳуқуқии баробардараҷае дода мешавад, ки нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқии ҳамин дараҷа ҳангоми мавҷуд будани ихтилофҳо дар ҳолатҳое, ки агар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як мавзӯи танзим нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ баъдтар қабул шуда бошад, ё ин ки агар мавзӯи танзими ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки умумӣ мебошад, махсус бошад.

Конститутсияи ҶТ натанҳо озодии фаъолияти иқтисодӣ, балки озодии фаъолияти соҳибкориро низ кафолат медиҳад. (м.12). Ин гувоҳи он аст, ки озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ як чиз набуда, балки аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Озодии фаъолияти иқтисодӣ дар имконияти истифодаи ҳар кас қобилият ва молу мулки худро барои соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии қонун манъ накарда, инчунин дар озодии ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, озодии ҳар кас оид ба ихтиёрдорӣ кардани қобилияти худ ба меҳнат ва интихоби намуди фаъолият ифода меёбад. Ҳамин тавр, озодии фаъолияти иқтисодӣ танҳо ба имконияти амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд намегардад. Фаъолияти соҳибкорӣ қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Фаъолияти иқтисодӣ чи тавре, ки дар адабиёти ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ қайд карда мешавад, фаъолият оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ дар ҷараёни истеҳсол ва фурӯши мол натанҳо аз истифодаи молу мулк, иҷрои кор ё расонидани хизмат, чи тавре, ки Кодекси гражданӣ пешбинӣ намудааст[1], иборат мебошад. Ҳарчанд тибқи Конститутсия фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ ҳамаъно набошанд ҳам, қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Кодекси гражданӣ инро ифода накардааст.

Ҳамзамон, дар Кодекси гражданӣ соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст (қ. 3. мод. 1. КГ). Вале дар м. 1. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя

[1] Быков А.Г. О содержании курса предпринимательского права и принципах его построения // А.Г. Быков: Человек, Ученый, Учитель. М.: Стартап, 2013. С. 75.

ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014[1] соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ бақайдгирифташудае мебошад, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст. Чи тавре, ки мебинем дар Қонуни мазкур ба даст овардани фоида дар фаъолияти соҳибкорӣ аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) новобаста аз мунтазам амалӣ намудани он муқаррар карда шудааст. Дар чунин ҳолат соҳибкорӣ мумкин аст барои як маротиба аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) ба даст овардани фоида ғайриқонунӣ эътироф намуд. Инчунин, дар Қонуни мазкур ба даст овардани фоида аз ҳисоби «истеҳсоли мол» низ пешбинӣ карда шудааст, вале дар Кодекси гражданӣ чунин ҳолат ифодаи худро наёфтааст.

Ҷараёни дигаре, ки ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ва минбаъд зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ тақозо менамояд, васеъшавии доираи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Ба ин пеш аз ҳама, ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, таъсир мерасонад. Чунин ҳолат такмили танзими ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои ашёиро ба миён овард. Аз он ҷумла дар қонунгузории гражданӣ институти «соҳибӣ» ва ҳифзи «соҳибият» ифодаи пурраи ҳуқуқии худро наёфтааст. Қоидаҳои алоҳидаи ҳифзи «соҳибӣ», ки дар Кодекси гражданӣ ифода ёфтааст, талаботи дар шароити иқтисоди бозорӣ мураккабшудаи муомилоти граждаииро қонеъ карда наметавонад. Дар ҳаёт ҳолатҳое мешаванд, ки новобаста аз соҳибмулк будани шахс ашё бисёр вақт воқеан дар дасти ӯ қарор дошта метавонад ва шахс ба чунин ашё имконияти таъсир расонидан дорад. Барои чунин соҳибӣ аломатҳои муайян бояд якбора вуҷуд дошта бошад. Аввало, ашё дар ихтиёри шахс бошад, сониян, ашё воқеан дар тобеияти шахс бошад ва солисан, ашё дониста ба даст оварда шуда бошад. Барои муайян кардани «соҳибӣ» зарурият ба қонунӣ будан ё набудани чунин ихтиёрдорӣ кардан намебошад, агарчанде, ки нисбат ба оқибатҳои ҳуқуқии ба миён меомада, фарқ байни соҳибияти салоҳиятдор ва бесалоҳиятӣ амал менамояд. Мақсади чунин навоварӣ бо таври фаврӣ ҳифз намудани «соҳибият» мебошад. ки онро қонунгузории давлатҳои хориҷӣ хело барвақт ба танзим даровардаанд. Аз ҷумла дар Кодексҳои граждании дар Гурҷистон, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Туркманистон, Эстония ба масъалаи мазкур бобҳои алоҳида бахшида шудаанд. Аз ин ҷо бо дарназардошти гузориши зикршуда зарурияти танзими он дар Кодекси гражданӣ ба миён меояд.

Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки қонунгузории амалкунандаи гражданӣ қоидаҳои мукаммалро оид ба ҳуқуқҳои моликиятӣ муқаррар намуда, ба ҳуқуқҳои ашёи беасос нақши дуюминдараҷаро сазовор медонад. Аз ин ҷо зарурияти васеъ намудани доираи ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ ба миён меояд. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ дар боби 18 КГ ҶТ пешбинӣ карда шудааст. Дар он масъалаҳои ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ ва ҳуқуқҳои дигари ашёӣ ба танзим дароварда шуда, масъалаи сервитути ашёи ғайриманқул ба танзим дароварда нашудааст. Барои ҳамин ҳам зарур аст, ки ба боби мазкури Кодекси гражданӣ параграфи нав - сервитути ашёи ғайриманқул илова карда шуда, дар он меъёрҳо доир ба ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқули бегона, сервитути ихтиёрӣ, сервитути ҳатмӣ, нигоҳ доштани сервитут ҳангоми додан, гузаштани ҳуқуқи моликиятӣ ба бино ва иншоот ва қатъ шудани сервитут бояд ифода карда шаванд. Мақсад аз пешниҳоди чунин тағйиротҳо ба иштирокчиёни муомилоти гражданӣ, пеш аз ҳама, ба шаҳрвандон додани имкониятҳои васеъ оид ба ҳуқуқи ашёӣ мебошад. Ба ҳамин восита ҷараёни манфии маҳдуд кардани номгӯи ҳуқуқ ба объектҳои ғайриманқул, аз ҷумла, ба фурӯш мондани ҳуқуқи истифодабарии замин бартараф карда мешавад.

Дар замони муосир тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф карда шудааст (м. 5). Вале дар Кодекси гражданӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар доираи объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ, қисман дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ карда шуда, ба таври муфассал танзим нагардидаанд. Ҳол он ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ яке

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7, қ. 2. мод. 404.

аз зерсоҳаҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, эътироф ва танзими муфассалтари мусбати ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, зарурати дар як фасли алоҳида танзим намуданро тақозо мекунад.

**Аннотатсия**

**Проблемаҳои актуалии қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ**

Дар мақолаи мазкур доир ба проблемаҳои актуалии қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки дар замони соҳибихтиёрии Тоҷикистон новобаста аз ҳамаҷониба рушд ёфтани қонунгузориҳои мазкур ҳамзамон масъалаҳои мубраме боқӣ мондаанд, ки зарурияти такмили қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва соҳибкориро тақозо менамоянд. Ба ҷумлаи онҳо танзими ҳуқуқии муносибатҳои шахсии молумулкӣ, соҳибӣ ва ҳифзи ҳуқуқии он, ҳуқуқи ашёӣ ва ҳимояи он, сервитут ва танзими ҳуқуқии он ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Аннотация**

**Актуальные проблемы гражданского и предпринимательского законодательства**

В настоящем статье речь идет об актуальных проблемах гражданского и предпринимательского законодательства Республики Таджикистан. Отмечается, что после преобретения Таджикистаном суверенитета и всестороноого развития законодательства в этих сферах, остались еще нерешенные проблемы, которые требуют дальнейшего совершенствования гражданского и предпринимательского законодательства. К таким проблемам, в частности относятся вопросы правового регулирования личных неимущественных отношений, владения и его защита, вещные права и их защита, сервитут и его правовое регулирование и т.п.

**Annotation**

**Actual problems of civil and business law**

This article deals with the actual problems of civil and business law of the Republic of Tajikistan. It is noted that after the obtaining of Tajikistan's sovereignty and all-round development of legislation in these areas, there are still unresolved issues, buyout require further improvement of civil and business law. These problems, in particular, include the legal regulation of personal relations, ownership and its protection, property rights and their protection, easements and legal regulation, etc.



**Азизов И.М.,**
*иҷрокунандаи вазифаи сардори шуъбаи қонунгузории меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: azizov80@bk.ru*

# ЗАМИНАҲО ВА ЗАРУРИЯТИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ КОДЕКСИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ; фаъолияти бонкӣ; қонунгузории бонкӣ; кодекси бонкӣ; бонк; кодификатсия; кодификатсияи қонунгузорӣ; консепсия.*

***Ключевые слова:*** *законодательство; банковская деятельность; банковское законодательство; банковский кодекс; банк; кодификация; кодификация законодательства; концепция.*

***Keywords**: legislation; banking; banking law; banking code; bank; codification; codification of legislation; concept.*

Фаъолияти бонкӣ яке аз бахшҳои муҳим ва мустақили соҳаи иқтисодиёти Тоҷикистон буда, бевосита дар иҷрои фаъолияти молиявии давлат саҳми аввалиндараҷа дорад. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди қонунгузории фаъолияти бонкӣ, ки ҳамчун фаъолияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, асосан ду давраро дарбар мегирад. Давраи якум, то солҳои 90-уми асри гузашта ва давраи дуюми он бошад, давраи гузариш ва давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Давраи якум ҳамчун давраи муқаррарӣ ба ҳисоб меравад. Он аслан тавассути иқтисоди нақшавӣ ё банақшагирифташуда ба амал баровардa мешуд, ки дар он нақши бонкҳо он қадар назаррас набуданд. Зеро, бонк ва фаъолияти бонкӣ танҳо дар шакли бонкҳои давлатӣ амал мекарданд, ки он ҳам бошад дар асоси моликияти давлатӣ таъсис ёфта, манфиати мақомоти давлатиро ифода мекард. Тавре дар боло ишора намудем, давраи дуюм давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад, ки то имрӯз мо дар ин раванд қарор дорем. Дар ин давра зарур аст, ки тамоми соҳаҳо ба талаботи ин раванд, яъне талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардонида шаванд, аз ҷумла, муносибатҳои бонкӣ, ки маҳаки асосии онро қонунгузорӣ ташкил менамояд. Бе гузаронидани ислоҳоти қонунгузории соҳа рушди муносибатҳои минбаъда мушкил ва ғайримкон мебошад. Зеро, имрӯз дар баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва пайдо гардидани шаклҳои гуногуни моликият, тағйир ёфтани муносибат ба он аз мо тақозо менамояд, ки нисбати он боз ҳам ҷиддитар муносибат намоем. Аз ин рӯ, сиёсати имрӯзаи давлат, ки нисбати фаъолияти бонкӣ гузаронида мешавад, унсури асосии он такмили санадҳои ҳуқуқи низоми бонкӣ буда, яке аз самтҳои асосии мақомоти давлатӣ мебошад. Бо ин мақсад ҷиҳати рушд ва дастгирӣ намудани фаъолияти бонкӣ аз ҷониби давлат як қатор корҳо ба иҷро расонида шудаанд ва ҳамасола дар мадди таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат қарор дорад. Чуноне ки Роҳбари давлат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон ҳанӯз дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 апрели соли 2011 қайд карданд: «Дар ин давра мо ислоҳоти низоми бонкиро идома дода, заминаи меъёрии ҳуқуқии онро ба талаботи муосир мутобиқ намуда истодаем»[1]. Ин тадбири хирадмандонаи андешидаи Сарвари давлат амри воқеи ва саривақтӣ мебошад. Аз тарафи дигар, агар ба ақидаи олимони соҳаи ҳуқуқ назар намоем, «аз нуқтаи назари иҷрои функсияҳои иқтисодӣ, низоми бонкӣ қисми таркибии низоми молиявӣ буда, ба воситаи бонкҳо қариб, ки тамоми захираи пулӣ, ба ғайр аз маблағе, ки дар дасти аҳолӣ мебошад, гардиш менамояд»[2]. Аз ин рӯ, бе мавҷуд будани қонун-

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ. Садои мардум. Душанбе, Шарқи озод. №50(2722) аз 21.04.2011.

[2] Ниг. Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ - Душанбе; Деваштич, 2005. С. 303.

гузории ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ танзим намудани ин муносибатҳо кори басо душвор мебошад. Бо ҳамин мақсад имрӯз фурсате фаро расидааст, ки бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар низоми қарздиҳию молиявӣ мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд даст кашида, ба қонуни ягона рӯ оварем, ки ба талаботи шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошад. Ба сифати чунин санад «Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бaромад карда метавонад. Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, дар ҷумҳурӣ бо мақсади такмили қонунгузорӣ Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.02.2011 таҳти №1021 қабул гардид. Тибқи Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2012 №143) таҳияи кодекси бонкӣ пешбинӣ гардидааст. Дар айни замон таҳия ва қабули кодекси бонкӣ, ки тибқи Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур пешбинӣ гардидааст, сариваҳти ва зарурӣ мебошад. Зеро, танзими муносибатҳои бонкӣ дар баъзе мавридҳо аз доираи қонун берун монда, аз ҷониби санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ ба танзим дароварда мешаванд. Чунин ҳолат ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои муосир намебошад. Аз ҳамин лиҳоз, зарурияти мукаммалнамоии қонунгузории бонкӣ дар шароити имрӯза ба миён меояд. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои муҳими низоми қонунгузории миллӣ, муайян намудани самтҳои асосӣ ва тарзу усулҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ таҳия карда шудааст. Дар ин асос дақиқ муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда ба талаботи замон ва ҷомеа, инчунин, аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо имкониятҳои зиёд доранд ва ҳар чӣ бештар ва самаранок истифода карда мешаванд. Аз тарафи дигар, яке аз самтҳои асосии такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар сарҳати 3 зербанди 15 банди 4 Консепсия[2] пешбинӣ гардидааст, кодификатсияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо мақсади бартараф намудани номувофиқатиҳо ва мухолифат дар қонунҳо, мураттабсозӣ ва танзими ягонаи низоми ҳуқуқии давлат, таъмини мувофиқатии қонунгузорӣ ва кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамон як муносибати ҷамъиятиро танзимкунанда, анҷом дода мешавад. Тавре таҷрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ ба мо нишон дод, дар самти фаъолияти бонкӣ қонунҳои зиёде қабул карда шуд. Дар баробари ин дар қисми зиёди онҳо тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд. Аммо бо вуҷуди қабул намудани қонунҳои нав, ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ низ мушкилоти ҷойдошта роҳи ҳалли худро наёфтанд. Чунки, бо вуҷуди қабули қонунҳои нав ва тағйиру иловаҳои воридгардида ҳамоно ҷараёни қабули санадҳои зерқонунӣ дар ин самт идома дорад. Бинобар ин, таркиби қонунгузории соҳа мураккаб ва бисёрдараҷа гардида, дар он албатта номутобиқатӣ, нусхабардорӣ ва мухолифатҳо ҷой дошта метавонанд. Аз ин лиҳоз, раванди соҳибистиқлолият аз мо тақозо менамояд, ки ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа аз кодификатсияи қонунгузорӣ истифода намоем. Кодификатсия шакли мураттабгаштаи меъёрэҷодкунӣ буда, мазмун ва моҳияти он дар мураттабсозии қонунгузорӣ ифода меёбад. Кодификатсия фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда буда, ба хотири таъсиси санади меъёрии ҳуқуқии мураттабшудаи нав, ки бо роҳи таҳлил ва таҳияи ҳаматарафаи қонунгузории амалкунанда ва моҳиятан тағйирёфтаи нав ба амал бароварда мешавад. Дар натиҷаи кодификатсия қисми зиёди меъёрҳои кӯҳнашуда ва такроршудаи дохили санадҳои меъёри ҳуқуқӣ кам карда мешавад ва сохтори санади кодификатсияшуда бо мазмуну хусусиятҳои хоси худ инкишофёбии муносибатҳоро дарбар мегирад. Омили асосӣ оид ба низоми ҳуқуқии муайяни давлат, пеш аз ҳама, шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшудаи соҳавӣ ва комплексӣ мебошад. Барои мисол ба якчанд мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон рӯ меорем. Масалан, дар Фаронса дар ҳоли ҳозир 62 санадҳои меъёрии ҳуқуқии

[1] Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаҳои татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015. Душанбе: Матбааи ДМТ 2012. 124 С.

[2] Ҳамон ҷой.

кодификатсияшуда амал менамояд, ба монанди: кодекси пулию молӣ, кодекси ҷамъиятии тандурустӣ, кодекси мурофиавии андоз ва ғайраҳо. Низоми ҳуқуқии Фаронса дар сатҳи баланди кодификатсионӣ қарор дошта, устуворӣ ва мунтазамии худро нигоҳ медорад. Натиҷаи чунин устуворӣ он иборат аст, ки кодекси граждании он зиёда аз 200 сол боз амал менамояд. Инчунин, корҳо оид ба таъсис додани санади қонунгузории ягона дар соҳаи молия ва қарз дар давлатҳои тараққикарда, аз ҷумла, дар ИМА низ идома дорад. Дар айни замон дар ИМА корҳо оид ба кодификатсияи умумии қонунгузорӣ бо мақсади якнамоӣ ва кам кардани охирин санади қонунгузорӣ гузаронида шуда истодааст.

Ҳамзамон, яке аз принсипҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар зербандҳои 19 ва 20 банди 4 Консепсия пешбинӣ гардидааст, принсипи маҷмӯӣ мебошад, ки он дар самаранокии танзими ҳуқуқӣ ҳангоми ба таври маҷмӯӣ таҳия намудани санадҳои қонунгузорие, ки муносибатҳои ҷамъиятии мушаххасро ба танзим медоранд, ифода меёбад. Ҳангоми татбиқи принсипи мазкур амали бевоситаи қонунгузорӣ васеъ гардида, меъёрҳои ҳаволакунандаи он кам ва дар натиҷа, зуҳуроти коррупсионӣ низ дар санадҳои меъёрии қонунгузорӣ бартараф мегардад, ки мувофиқи мақсад мебошад. Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда мушкилии воқеии қонунҳои қабулшуда дар соҳаи фаъолияти бонкӣ низ аз он иборат мебошанд, ки бештари онҳо хусусияти ҳаволакунанда доранд. Аз ин ҷо қисми зиёди муносибатҳои мазкур бо санадҳои зерқонунӣ ба танзим даровarда мешаванд. Чунончӣ, дар соҳаи фаъолияти бонкӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкии (дастурамалҳо, қоидаҳо, тартиб) амалкунанда дар маҷмӯъ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон қабул гардидаанд, зиёда аз 50 ададро ташкил медиҳад, ки ногузир ба мухолифати меъёрҳои қонунгузории соҳа оварда мерасонад. Аз ин рӯ, принсипи маҷмӯӣ такмили қонунгузориро ба танзим даровarда, барои кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии як муносибатҳои ҷамъиятиро таҳти танзим қарордода мусоидат менамояд. Амалӣ намудани мушоҳидаи қонунгузорӣ аз нигоҳи андозаҳои ҳуқуқию техникии зикршуда барои муайян намудани камбудиҳои то як дараҷа муқаррарии барасмиятдарории қонунҳо мусоидат менамояд. Гузаронидани мушоҳидаи қонунгузорӣ дар ҳамаи мақомоти қонунгузорӣ ба мо имконият медиҳад, ки мушкилоти ҷойдошта муайян намуда, дар оянда ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо онҳоро ба назари эътибор гирем, то ин ки сифати қонунҳои қабулкардашуда ҷавобгӯи талаботи давлат ва ҷомеа бошад. Аз ин рӯ, таҳия ва қабул намудани кодекси бонкӣ, ки он моҳиятан мазмуни тасҳеҳи қонунгузорӣ ба воситаи коркарди санади ягонаи асосгузор ҳуқуқҳои Бонки миллӣ, ва дигар бонкҳоро оид ба муқаррар намудани ҳисоботҳо, гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, ҳисоботи муҳосиботӣ, ҳисобот, назорати асъорӣ ва дигар ҳуқуқҳои онро маҳдуд наменамояд, зарур мебошад. Мақсади Кодекси бонкӣ ин пеш аз ҳама, таъсис додани механизми ягонаи мунтазами ҳуқуқии зарурӣ барои фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявие, ки тибқи қонунгузории амалкунанда фаъолият менамоянд, коркарди роҳҳои нав барои пешрафти фаъолияти онҳо мебошад. Қабули Кодекси бонкӣ ба сифати қонуни асосии соҳа моҳиятан барои баланд бардоштан ва мустаҳкам намудани бахши бонкӣ, ҳамчунин, шумораи зиёди номутобиқатӣ дар қонунҳо, ки дар онҳо меъёрҳои ҳаммаънои танзимкунанда аз байн бардошта мешавад, мебошад. Таҷрибаи як қатор давлатҳо нишон медиҳад, ки қонунгузорӣ дар соҳаи бонк ва қарз зери назорати махсуси давлат қарор дошта, ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо то дараҷае душвор мебошад. Дар баробари ин мувофиқи таҷрибаи аксари давлатҳои тараққикарда қабули Кодекси бонкӣ рушди соҳаи бонкиро натанҳо тақвият мебахшад, балки устувор низ мегардонад. Масалан, агар ба таҷрибаи дигар давлатҳо рӯ биёрем, Кодекси бонкӣ дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Ҷумҳурии Беларус аз соли 2000 то ба имрӯз амал менамояд. Таҷрибаи 15 солаи кодекси мазкур дар самти фаъолияти бонкдорӣ ба таври мусбӣ арзёбӣ карда мешавад. Зеро, дар кодекси мазкур меъёрҳои ҳаволакунанда кам мебошанд, ки барои амалишавии меъёрҳои он қабули санадҳои иловагиро талаб наменамояд ва дар пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

Инчунин, дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ лоиҳаи Кодекси бонкӣ пурра омода гардида, мавриди баррасӣ қарор дорад. Мутахассисони соҳаи бонкӣ зарурати қабули онро дар он мебинанд, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ қонунҳои зиёде қабул намудаанд, ки имрӯз ба талабот ҷавобгӯ намебошанд. Ворид намудани тағйиру ило-

ваҳои зиёд, ихтилофот, мухолифати онҳо ва қафо мондан аз таҷрибаи пешрафтаи бонкдории ҷаҳонӣ, ҷавобгӯ набудани он ба талаботи иштирокчиёни муносибатҳои бонкӣ, эҳтиёҷ доштан ба низомнокӣ, маҷмӯӣ ва консептуалӣ водор намудааст, ки танҳо бо роҳи қабул намудани Кодекси бонкӣ метавон ояндаи рушди фаъолияти бонкдориро муайян намуд. Дар Федератсияи Россия масъалаи қабули Кодекси бонкӣ якчанд маротиба мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз тарафи мутахассисони соҳа ҳатто лоиҳаи Кодекси бонкӣ омода гардида буд, вале дар ниҳоят қабул нагардид. Аммо баҳсҳо оид ба ин мавзӯъ мунтазам вуҷуд доранд ва боварӣ ҳаст, ки мутахассисони бонкдории Россия боз ба ин мавзӯъ дер ё зуд бармегарданд.

Новобаста аз таҳлилҳои дар боло овардашуда шояд аз тарафи мутахассисони соҳа фикру ақидаҳое боз ба миён оянд, ки имрӯз ҷумҳурии мо ба қабули Кодекси бонкӣ тайёр нест ё ин ки бо қабул гардидани он Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз институтҳои танзимнамоии худро аз даст медиҳад. Бо вуҷуди қабул намудани Кодекси бонкӣ он дар таносуб бо Кодекси гражданӣ қарор мегирад. Лекин бояд қайд намоем, ки дар баробари дигар дастовардҳое, ки мо тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба даст овардем, дар соҳаи фаъолияти бонкӣ қонунҳое қабул намудаем, ки дар дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя ин гуна қонунҳо қабул нагардидааст. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ[1]», (26 июли соли 2014, №1108) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ[2]», (28 июни соли 2011, №719) дар ҷумҳуриҳои Россия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо имрӯз дар шакли қонун қабул нагардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки барои пешрафти фаъолияти бонкдорӣ ва такмили қонунгузории соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррасе анҷом дода шуданд. Пас чаро барои рушди минбаъдаи фаъолияти бонкдории ҷумҳуриамон бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ қадамҳои устувор нагузорем?

Хулоса, рӯйхати зиёди санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ, таҷрибаи мураккабу вазнини зиёда аз 20-солаи фаъолияти низоми қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта яке аз омилҳо ва заминаи воқеӣ барои таҳия ва қабули Кодекси бонкӣ мебошад. Бо қабул гардидани Кодекс он норасоиҳову мушкилоти дар қонунгузории бонкӣ мавҷудбуда роҳи ҳалли худро ёфта, ҳамзамон барои худи бонкҳо ва мизоҷони онҳо, мақомоти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содда ва фаҳмотар мегардад. Аз тарафи дигар, дар чунин ҳолат ба вуҷуд омадани Кодекси бонкӣ моҳиятан бо чунин суръат қабул гардидани санадҳои зерқонуниро хотима бахшида, инчунин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳоро низ мушкил мегардонад, ки аз манфиат холӣ нест.

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 (1464) (қисми 2) 2014с., моддаи 405 С.134.

[2] Ҳамон ҷой № 6 (1427) 2011с., моддаи 432 С. 238.

**Аннотатсия**

**Заминаҳо ва зарурияти таҳия ва қабули Кодекси бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муаллиф дар мақолаи худ яке аз масъалаҳои муҳими фаъолияти бонкӣ, яъне зарурияти такмили қонунгузории бонкиро таҳлил намудааст. Муаллиф бо такя ба Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузорӣ ва барномаҳои қабулгардидаи он таҳия ва қабули кодекси бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад. Зеро, бе мавҷуд будани қонунгузории ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ танзим намудани ин муносибатҳо кори душвор мебошад.

**Аннотация**

**Основания и необходимость разработки и принятия Банковского кодекса в Республике Таджикистан**

Автор в своей статье проанализировал одну из важнейших проблем банковской деятельности, то есть необходимости совершенствования законодательства о банковской деятельности. Автор, основывясь на Концепции прогнозонго развития законодательства и принятия на её основе программ, считает необходимым разработать и принять Банковский кодекс в Республике Таджикистан. Потому что при отсутствии соответствующего законодательства на сегодняшний день регулировать эти отношения является трудной работой.

**Annotation**

**Fundamentals and the need for the development and adoption of the Banking Code in the Republic of Tajikistan**

The author in his article analyzes one of the most important issues of banking activity, that is, the need for improvement of the legislation on banking activity. The author makes reliance on the concept development of the legislation and the need for the development and adoption of the Banking Code of the Republic of Tajikistan. Because with the lack of appropriate legislation, it is difficult today to regulate these relationships.



**Усмонзода Г.,**
*прокурори калони Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 3*
*E-mail: military-procecutor@mail.ru*

# ҲИФЗИ ҚОНУНИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *муҳити зист; олами наботот; олами ҳайвонот; сарватҳои табиӣ; мамнуъгоҳ; ҷангал; замин.*

***Ключевые слова:*** *окружающая среда; растительный мир; животный мир; природные ресурсы; заповедник; лес; земля.*

***Keywords***: *environment; vegetable world; animal's world; natural resources; reserve; forest; earth.*

Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 13) муқаррар шудааст, ки замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами нababототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Кафолати мазкур тавассути як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои ҳифзи сарватҳои табииро ба танзим медароранд, амалӣ мегардад. Ба зумраи ин санадҳо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи олами ҳайвонот», «Дар бораи олами наботот», «Дар бораи ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», инчунин кодексҳои об, замин ва ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиат ва таъмини амнияти экологӣ равона шудааст.

Дар Қонуни мазкур муқаррар шудааст, ки сарватҳои табиӣ объектҳои ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб рафта, аз ифлосшавӣ, вайроншавӣ, осеб дидан, камшавӣ, харобшавӣ ва дигар таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд.

Ба сарватҳои табиӣ замин, қаъри он, хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, ҳавои атмосфера, қабати озонии Замин, олами нababототу ҳайвонот, аз ҷумла, тамоми намудҳои ҷангал, инчунин фонди генетикии онҳо дохиланд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда» пешбинӣ шудааст, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ин қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае мебошанд, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқарраарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст.

Вобаста ба мақсадҳои ташкил, хусусиятҳои низоми муҳофизат ва истифода категорияҳои зерини ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда муқаррар карда шудааст:

1. Мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ – ҳудуди замин ё муҳити об, ки аз фаъолияти хоҷагидорӣ пурра гирифта шуда, барои нигоҳдорӣ ва омӯзиши комплексҳои табиии хос ва нодир, генофонди нababототу ҳайвонот, гузаронидани мониторинги ҷараёни равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ пешбинӣ гардидааст;

2. Паркҳои табиии давлатӣ – ҳудуде, ки комплексҳои табиии дорои аҳамияти махсуси экологӣ, таърихӣ ва эстетикиро дарбар гирифта, барои мақсадҳои ҳифзи муҳити зист, рекреатсионӣ, илмӣ ва фарҳангӣ пешбинӣ шудааст;

3. Парваришгоҳҳои табиӣ – ҳудуде, ки бо мақсади нигоҳ доштан ва барқарор намудани ҷузъҳои алоҳидаи табиат ва комплексҳои табиӣ ба давраи муайян ҷудо гардидааст;

4. Боғҳои давлатии ҳайвонот;

5. Ёдгориҳои табиии давлатӣ – объекти табиии нодир, барқарорнашаванда ва аз ҷиҳати экологӣ, илмӣ, эстетикӣ ва фарҳангӣ пурарзиш;

6. Минтақаҳои экологию этнографӣ;

7. Паркҳои дендрологӣ ва боғҳои ботаникӣ – муассисаҳое, ки вазифаи онҳо ташкили коллексияи дарахту буттаҳо бо мақсади ҳифзи гуногунии биологӣ ва ғанӣ гардонидани олами наботот, интродуксия ва мутобиқсозии намудҳои нави растанӣ, инчунин бо мақсадҳои илмӣ, таълимӣ ва фарҳангию маърифатӣ мебошад;

8. Минтақаҳои табиии осоишӣ, табобатию солимгардонӣ ва рекреатсионӣ – қитъаи замин, муҳити об ё ҳамбастагии онҳо, ки аҳамияти эстетикӣ, экологӣ ва фарҳангӣ дошта, бо мақсадҳои истироҳату солимгардонии аҳолӣ истифода мешавад.

Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Амалҳое, ки ошкоро ё пинҳонӣ ҳуқуқи моликияти давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро вайрон мекунанд, манъ мебошанд.

Ғайр аз ин, мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» олами наботот ҳамчун асоси ҳаёту фаъолияти мардуми Тоҷикистон истифода бурда шуда, таҳти муҳофизати махсуси давлат қарор мегирад.

Таъмини риояи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва дигар чораҳое, ки барои нигоҳдории муҳити нашъунамои растаниҳои худрӯй ва гурӯҳи ташкилкунандаи онҳо, истифодаи оқилона ва муҳофизати онҳо аз таъсири манфии антропогенӣ барои зиёд кардани қобилияти барқароршавӣ, маҳсулнокӣ ва устувории онҳо мақсади асосӣ ва вазифаҳои муҳофизати объектҳои олами наботот мебошад.

Муҳофизати гурӯҳи табиии растаниҳо бояд дар асоси муносибати комплексӣ ба онҳо, чун ба ташаккули мураккаби системаҳои экологӣ сурат гирад.

Яке аз сарватҳои табиие, ки дар соҳаи он бисёр ҳуқуқвайронкуниҳо ба чашм мерасанд, ин замин мебошад. Маҳз бинобар ин сабаб дар қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои риоя накардани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба замин, тартиби ҳифз ва истифодаи замин, истифодаи ғайримақсадноки замин, риоя накардани талаботи низоми истифодаи замин, лоиҳакашӣ, ҷойгир намудан, сохтан ва ба истифода додани объектҳое, ки ба ҳолати замин таъсири манфӣ мерасонанд, напардохтани маблағи андози замин, ифлос кардани замин, истифодаи замин бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи он, риоя накардани тартиби ба истифода додани замин, пинҳон доштани маълумот оид ба мавҷудияти захираи махсуси замин, худсарона иваз кардани қитъаҳои замин, риоя накардани тартиби муқарраршудаи аз як намуд ба намуди дигар гузаронидани замин, қабул намудани қарори ғайриқонунӣ дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин, саркашӣ аз бақайдгирии қитъаи замин ва истифодаи он ва ғайраҳо ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст.

Ғайр аз ин, дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон барои вайрон кардани талаботи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, истифодаи захираҳои об, истифодабарии ҷангал, ҳифзи олами ҳайвонот ва наботот, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ низ ҷавобгариҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ пешбинӣ гаштаанд.

Ҳамин тариқ, давлат ҳифзи сарватҳои табииро кафолат дода, онро тавассути қонунҳои ҷорӣ амалӣ мегардонад.

**Аннотатсия**

**Ҳифзи қонунии сарватҳои табиӣ дар Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаи танзими қонунии сарватҳои табиӣ ва муҳити зист тавассути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист баррасӣ шуда, роҳҳои ҳифз ва кафолати давлатӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аннотация**

**Законная защита природных ресурсов в Таджикистане**

В данной статье рассматриваются вопросы законного регулирования природных ресурсов и окружающей среды по законодательству Республики Таджикистан в сфере защиты окружающей среды и представлены способы защиты и государственные гарантии.

**Annotation**

**Legal protection of natural resources in Tajikistan**

This article discusses the issues of legal regulation of natural resources and environmental protection under the law of the Republic of Tajikistan in the field of environmental protection, and methods are provided for protection and state guarantees.



**Мирзоев П.З.,**
*дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

# МАФҲУМИ ҲУҚУҚ БА ТАЪМИНОТИ (ҲИФЗИ) ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН АРЗИШИ КОНСТИТУТСИОНӢ

***Калидвожаҳо:*** *таъминоти иҷтимоӣ; кафолат; музди меҳнат; сабади истеъмолӣ; ҳадди ақал.*

***Ключевые слова:*** *социальное обеспечение; гарантия; заработная плата; потребительская корзина; минимум.*

***Keywords****: social maintenance; guarantee; wages; consumer basket; minimum.*

Дар асоси моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми бемориӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолат ба таъминоти иҷтимоӣ дорад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ибораи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нисбат ба ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун арзиши конститутсионӣ саҳеҳтар аст.

Пас саволе ба миён меояд, ки зарурати дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар ва кафолат дода шудани ин ҳуқуқ ба кадом омилҳо асос меёбад. Дар тӯли ҳаёт ҳар як инсон ба ҳолатҳое рӯ ба рӯ мегардад, ки бевосита боиси аз даст додани музди меҳнати (даромади) ӯ мегарданд, аз ҷумла бемориӣ, пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон, бекорӣ ва ғайра. Ин ҳолатҳо бевосита ба шароити объективии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд буда, аз иродаи инсони алоҳида вобастагӣ надоранд. Аммо онҳо бевосита ба ваъзи муътадили иҷтимоии ҷамъият бетаъсир намемонанд. Аз ин рӯ, давлат масъулияти муайянро бинобар сар задани ин ҳолатҳо ба зиммаи худ гирифта, низоми дахлдори таъминоти иҷтимоиро фароҳам меоварад, ки барои инсон дар шакли ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ифода мегардад[1].

Решаи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ аст. Оид ба мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ гуногунфаҳмӣ ҷой дорад. Дар маънои семантикӣ таъминоти иҷтимоӣ «пешниҳоди воситаҳои зарурии моддӣ барои зиндагии касе аз ҷониби ҷамъият»[2], яъне, шаклҳои гуногуни ёрию дастгирии ҷамъият ба аъзоёни худ мебошад.

Гуногунрангии ин ёрӣ боиси дар илм ҷой доштани ду консепсияи мазмуни таъминоти иҷтимоӣ, яъне консепсияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ гаштааст. Ҷонибдорони консепсияи иқтисодии таъминоти иҷтимоӣ тамоми намудҳои мадади ба аъзоёни ҷамъият аз ҳисоби бунёдҳои истеъмолии ҷамъиятӣ расонидашаванда, аз ҷумла воситаҳои ройгон, маълумоти миёнаи махсус ва олӣ, пешниҳоди ройгони манзил, хизматрасонии муассисаҳои варзишӣ, фарҳангӣ, мадад ва табобати тиббӣ, инчунин намудҳои гуногуни имтиёзҳо барои шаҳрвандони алоҳидаро ба таъминоти иҷтимоӣ дохил менамоянд[3]. Асоси ин консепсияро тарзҳои тақсимоти неъматҳо ба воситаҳои бунёдҳои истеъмолии ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Намояндагони консепсияи ҳуқуқӣ дар ибтидо ҷонибдори маҳаки умумӣ, яъне иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буданд. Онҳо андеша доштанд, ки таъминоти иҷтимоӣ набояд тамоми аъзоёни ҷамъиятро фаро гирад. Масалан,

[1] Сангинов Д.Ш., Шонасридинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе, 2010. С. 16.

[2] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. М: Русский язык, 1984. С. 374, 670.

[3] Ниг.: Хабиби Р. Об экономических функциях общественных фондов потребления // Экономические науки. 1975. № 5. С. 27-34; Иванкина Т.В. Проблемы правового регулирования распределения общественных фондов потребления. Л.: Изд-во ЛГУ, 1979. С. 102.

дар давраи тоинқилоби Русия ин намуди таъминот танҳо барои оилаҳои мансабдорон ва ҳарбиён пешбинӣ шуда буд.

Солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ назарияи хатари таваккали иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки мувофиқи он таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун пешниҳоди неъматҳо ҳангоми тақсимоти маҳсулоти дастаҷаъмӣ ба аъзоёни ҷамъият, ки дар ҳолати бади зиндагӣ қарор дошта, ин ҳолат аз ҷониби ҷамъият узрнок эътироф мегардад, манидод мешуд. Намояндагони ин назария В.М. Догадов, Н.А. Вигдорчик, Н.А. Семашко[1] буданд. Аммо ҷонибдорони назарияи хатари иҷтимоӣ ба таъмини иҷтимоӣ таъминот аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маблағҳои хазинаи (рафоқатҳои) ёрии ҳамдигарӣ, инчунин хизматрасонии иҷтимоӣ ва фарҳангиро низ дохил менамуданд. Аз ин рӯ, ба ақидаи онҳо таъминоти иҷтимоӣ на танҳо ба шахсони ғайри қобили меҳнат, балки ба ҳамаи аҳолии кишвар бояд дахл дошта бошад.

В. Дурденевский пешниҳод намуда буд, ки доираи таъминоти иҷтимоӣ бояд танҳо бо дарназардошти мақсад, яъне мадади ҷамъият дар инкишоф ва ҳифзи инсон муайян шавад[2]. Илова гардидани маҳаки функсионалӣ (мақсаднокӣ) ба маҳаки иқтисодӣ ва ҳуқуқи субъективӣ минбаъд омили бавуҷудоии ақидаи илмӣ оид ба мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ гардид.

Дар заминаи ақидаи В. Дурденевский, В.С. Андреев таъминоти иҷтимоиро ҳамчун «маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷиҳати таъминоти шаҳрвандон ҳангоми пиронсолӣ, корношоям шудан, ёрӣ ба модар ва кӯдак, хизматрасонии тиббӣ ва табобат ҳамчун воситаи асосии сиҳатгардонӣ, профилактикӣ ва барқароркунии қобилияти меҳнатӣ»[3] маънидод намуд.

Ақидаи В.А. Андреев дар байни олимон боиси гуногунақидагӣ оид ба масоили ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва рӯи кор омадани ҷонибдорони консепсияи доираи «васеъ» ва «маҳдуд»-и таъминоти иҷтимоӣ гардид. Бо вуҷуди ин, миёни ҷонибдорони консепсияҳои доираи «васеъ» ва «маҳдуд»-и таъминоти иҷтимоӣ низ ягонафикрӣ ҷой надошт.

Ҷонибдорони доираи «васеъ» иброз менамуданд, ки ба мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ муносибатҳо оид ба «хизматрасонӣ ва табобати тиббӣ»- ро бояд дохил намуд (В.С. Андреев), аммо на муносибатҳо оид ба хизматрасонӣ ва табобати санитариву курортиро. К.С. Батыгин[4] ва дигарон баръакс, ақида доштанд, ки хизматрасонии тиббӣ набояд ба мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ дохил карда шавад, аммо тарафдори он буданд, ки таъминоти санитариву курортӣ метавонад ва бояд ба ин мафҳум дохил гардад. Оид ба таҳсили ройгон (миёна, миёнаи махсус ва олӣ) низ ягонафикрӣ ҷой надошт. Бархе аз олимон ақида доштанд, ки он бояд ба таъминоти иҷтимоӣ дохил гардад[5]. Т.М. Кузмина бошад, ба таъминоти иҷтимоӣ на худ пешниҳоди таҳсилот, балки пардохти идрор дар муассисаҳои таҳсилотиро дохил менамояд[6].

Намояндагони доираи «маҳдуд»-и таъминоти иҷтимоӣ (аз ҷумла В.Ш. Шайхатдинов)[7] пешниҳод менамоянд, ки доираи онро танҳо бо пардохти нафақа, кӯмакпулӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ бояд маҳдуд намуд. Дар ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ зери мафҳуми доираи «махдуд»-и таъминоти иҷтимоӣ инчунин пешниҳоди таъминот аз ҳисоби маблағгузории бевосита аз буҷаи давлатро мефаҳманд[8]. Е.Е. Мачулская таъминоти иҷтимоиро ҳамчун таъминоти бебозгашту ройгони шахсони зери таъсири хатари иҷтимоӣ қароргирифта маънидод намуда, ба он дохил намудани хизматрасонии санитариву курортӣ ва таҳсилотро раво намебинад[9].

[1] Ниг.: Догадов В.М. Социальное страхование. М., 1926; Вигдорчик Н.А. Теория и практика социального страхования М., 1923; Семашко Н.А. Право на социальное обеспечение. М., 1938.

[2] Ниг.: Дурденевский В. Лекции по праву социальной культуры. - М. -Л., 1929. С. 10.

[3] Ниг.: Андреев В.С. Право социального обеспечения в СССР. Учебник. М.: 1974. С. 10.

[4] Ниг.: Батыгин К.С. Развитие основных форм социального обеспечения в свете новой Конституции СССР // Советское государство и право. 1979. № 3. С. 19-23.

[5] Ниг.: Андреев В.С. Конституция СССР о социальном развитии и культуре // Социалистическая законность. 1979. № 10. С. 14; Ниг.: Иванова Р. И., Тарасова В. А. Предмет и метод советского права социального обеспечения. М.: 1983.

[6] Ниг.: Кузьмина Т.М. Советское право социального обеспечения. Саратов: Саратовский ун-т, 1982. С. 128.

[7] Ниг.: Шайхатдинов В.Ш. Теоретические проблемы советского права социального обеспечения. Свердловск, 1986. С. 5-26.

[8] Ниг.: Андреев В.С. Право социального обеспечения в СССР.М., 1974. С. 16-18.

[9] Ниг.: Мачульская Е.Е. Право социального обеспечения. Перспективы развития. М.: Городец. С. 43.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Сангинов Д.Ш. тарафдори доираи «васеъ» буда, таъминоти иҷтимоиро ҳамчун шакли ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат, ки баҳри таъминоти моддии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои марказонидашудаи хусусияти иҷтимоидошта, ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои аз тарафи давлат муқарраршуда, бо мақсади баробар намудани ваъзи иҷтимоии ин шаҳрвандон бо ваъзи иҷтимоии дигар аъзоёни ҷамъият нигаронида шудааст[1], маънидод мекунад, ки мо низ тарафдори он мебошем.

Аз мафҳуми овардашуда чунин хусусиятҳои хоси таъминоти иҷтимоӣ бармеоянд:

1) ба вуҷуд омадани ҳолатҳои объективӣ, ки боиси коркарди овардани механизми махсуси ҳифзи иҷтимоӣ мегарданд, ки ҷиҳати таъмин намудан ва ё дастирии сатҳи муайяни рӯзгузаронӣ равона гардидааст;

2) таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои махсус пардохт мегардад, ки ба ҳайси манбаи он бароmад менамоянд;

3) ба амал баровардани таъминот ҷиҳати рӯзгузаронӣ бо тарзҳои махсус аст;

4) муқаррар гардидани тартиби ба амал баровардани таъминоти иҷтимоӣ ва доираи иштирокчиёни он дар меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Намудҳои таъминоти иҷтимоӣ гуфта, неъматҳои мушаххаси моддӣ ва хизматрасониро меноманд, ки барои субъектони ба таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқдошта пешкаш мешаванд. Чунин намудҳои таъминоти иҷтимоӣ вуҷуд доранд:

1) пардохтпулӣ – нафақа, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва ғайра;

2) хизматрасониҳо – тиббӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра;

3) имтиёзҳо – кам кардани маблағ ва ё озод намудан аз пардохти ҳаққи хизматрасноии телефон, коммуналӣ, воситаи нақлиёт, газ ва ғайра[2].

Ҳар як намуди таъминоти иҷтимоӣ дорои як қатор нишонаҳои ба худ хос мебошад. Таъминоти иҷтимоӣ бо се тарз ба амал бароварда мешавад:

– истифодабарии ройгон аз воситаҳои нақлиёт, хизматрасонии тиббӣ ва ғайра;

– кам кардани ҳақи пардохти қувваи барқ ва ё газ ба андозаи то 50%;

– бо пул ва бебозгашт харидорӣ намудани воситаҳои махсуси нақлиёт барои маъюбон.

Моҳияти низоми таъминоти иҷтимоӣ дар функсияҳои он ифода меёбад. Дар маъхазҳои ҳуқуқӣ ба чор функсияи таъминоти иҷтимоӣ ишора рафтааст[3]:

1) **иқтисодӣ**, яъне ҷуброни маош, таъминоти пулӣ ва дигар даромад ҳангоми пиронсолӣ, беморӣ, маҳрум шудан аз саробон, корношоям гаштан, фаро расидани ҳолатҳои муайяни ҳаётӣ, инчунин расонидани кӯмаки ҳадди ақали пулӣ ё молӣ ба шаҳрвандони камбизоат;

2) **сиёсӣ** – таъмини эътидол дар ҷамъият ба мақсади мусоидат ҷиҳати бартарафнамоии фарқияти табақаҳои аҳолӣ;

3) **демографӣ** – ҳавасмандгардонии боло рафтани нуфузи аҳолӣ, ки барои инкишофи муътадили мамлакат зарур мебошад;

4) **иҷтимоӣ – барқарорсозии қобилияти меҳнатӣ** (ин функсия бори аввал аз ҷониби профессор Р.И. Иванова баён гардидааст) баҳри барқарор намудани вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони корношоям ва дигар гурӯҳҳои барҷомондаи иҷтимоии ҷамъият равона карда шуда, имконият медиҳад, ки онҳо худро аъзои комилҳуқуқи ҷамъият ҳис намоянд[4].

Ба андешаи Сангинов Д.Ш. таъминоти иҷтимоӣ дорои дигар функсияи муҳим – **функсияи ҳифозатӣ** низ мебошад. Қабл аз ҳама моҳияти ин функсия дар ҳимояи шаҳрвандон аз ҳодисаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти онҳо ифода мегардад[5].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми таъминоти иҷтимоӣ тамоми намуди нафақаҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муолиҷаи тиббӣ, инчунин имтиёзҳои гуногун барои категорияи мушаххаси шаҳрвандон дохил мегарданд. Ба низоми таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таҳсилоти ройгон ва таъминот бо манзил дар мавриди набудани ҳодисаи иҷтимоӣ, ки ба он таъминоти иҷтимоӣ вобаста аст, дохил намешаванд.

**Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ** – ин ташкил намудани таъминоти иҷтимоӣ дар шаклҳои алоҳида вобаста ба ни-

1 Ниг.: Сангинов Д.Ш., Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Нашри дуюм Душанбе, Эр-граф. 2012. С. 31.

2 Ниг.: Асари номбаршуда. С. 31.

3 Ниг.: Шайхатдинов В.Ш. Асари номбаршуда. С. 57-75.

4 Ниг.: Иванова Р.И. Предмет и метод советского права социального обеспечения. М., 1983. С. 75.

5 Ниг.: Сангинов Д.Ш. Асари номбаршуда. С.31.

шонаҳои доираи таъминшавандагон, сарчашмаҳо ва тарзҳои таъсиси бунёдҳо ҷиҳати молиякунонии ин чорабиниҳо, шартҳо ва ҳаҷми таъминот ва мақомоти таъминкунанда аст.

Феълан, чунин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ, аз қабили суғуртаи давлатии (ҳатмии) иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби бунёдҳои марказонидашуда (ғайрибуҷетӣ) ва таъминоти иҷтимоии давлатӣ ҷой доранд.

**1. Суғуртаи давлатии (ҳатмии) иҷтимоӣ** гуфта низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташударо ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад бар асари беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пиронсолӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меноманд, ки аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон сурат мегирад.

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ (минбаъд-кормандон) дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, дар назди шаҳрвандони алоҳида кор мекунанд, инчунин ашхосе, ки аъзо ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, фаро мегирад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданӣ-ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла, дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи қонунгузорӣ бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии шахсони зикргардидаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**2. Таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби бунёдҳои марказонидашуда (ғайрибуҷетӣ)** - ин ба хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаи онҳо, инчунин дигар хизматчиён вобаста ба хусусияти хоси фаъолияти онҳо пардохти кӯмакҳо мебошад. Воситаҳои барои пардохти ин категорияи шахсон пешбинишуда аз бунёдҳои ҷумҳуриявӣ гузаронида шуда, ба мақомоти дахлдор пардохт мегарданд.

**3. Таъминоти иҷтимоии давлатӣ** – ин ба шахсони камбизот ва оилаи онҳо аз ҳисоби давлат пардохт намудани кӯмакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва расонидани хизматҳои иҷтимоӣ аст. Таъминоти иҷтимоии давлатӣ ба иштирок дар муносибати меҳнатӣ ва пардохти суғуртавӣ вобаста намебошад. Масалан, 241 ҳазор аҳолии камбизоати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо фурӯзонакҳои каммасраф ҷиҳати сарфаи нерӯи барқ тамин карда шуданд[1].

Дар натиҷаи таҳлили мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ ба андешаи мо **ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ** – ин ҳуқуқи иҷтимоии конститутсионии шахс ба шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона аст. Зиндагии арзанда – сатҳи зиндагии инсон, ки ба ҳадди ақалли зиндагӣ мутобиқ мебошад. Ҳадди ақалли зиндагӣ – арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатмӣ аст. Сабади истеъмолӣ – маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, ки барои нигаҳдории саломатии инсон, таъмини ҳаёт ва фаъолияти ӯ заруранд.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, таъминот дар мавриди беморӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон, пиронсолӣ, бекорӣ, ҷароҳати истеҳсолӣ, кӯмак ба оила ва кӯдакон, ҳифзи модар ва ятим;

2) мутобиқати таъминот вобаста ба ҳаҷм ва давомнокӣ;

3) дастрасӣ;

4) алоқаманди бо дигар ҳуқуқҳо.

Вобаста ба таҳлили мазкур равшан аст, ки муқарароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шавад, чунки ин пурра фарогирандаи мафҳуми ҳуқуқи инсон ба таъминоти иҷтимоӣ нест. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 39 Конститутсия чунин тағйиру илова ворид карда шавад:

«Ба ҳар инсон дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти корӣ, маҳрум шудан аз саробон, барои тарбияи фарзанд ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, таъмини иҷтимоӣ кафолат дода мешавад. Нафақаи давлатӣ ва кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ бо қонун муқаррар карда мешаванд. Суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ, ташкили шаклҳои иловагии таъминоти иҷтимоӣ ва эҳсонкорӣ дастгирӣ карда мешавад».

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15 апрели соли 2009. Манбаъ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат – 15.11.2015)

**Аннотатсия**

**Мафҳуми ҳуқуқ ба таъминоти (ҳифзи) иҷтимоӣ ҳамчун арзиши конститутсионӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи таъминоти иҷтимоӣ дар шакли кӯмак ва ҳифзи иқтисодӣ ва ҳуқуқии шаҳрванд баррасӣ гардида, мафҳуми таъминоти иҷтимоӣ дар доираи қонун таҳлил шудааст. Муаллиф таҳқиқоти як қатор олимонро вобаста ба ин масъала баррасӣ намудааст.

**Аннотация**

**Понятие права на социальное обеспечение (защиту) как конституционная ценность**

В данной статье рассматривается вопрос социального обеспечения в виде помощи и экономической защиты гражданина, проведен анализ значения социального обеспечения в рамках закона. Автор изучил исследования ряда ученых по данному вопросу.

**Annotation**

**The concept of the right to social maintenance (protection) as a constitutional value**

This article considers the issue of social maintenance in the form of aid and the economic and legal protection of the citizen and the importance of social security analyzed in the framework of the law. The author examines the research a number of scientists on the issue.



**Имомова З.Б.,**
*аспирант кафедры конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета*
*E-mail: zarrin32@gmail.com*

# СОДЕРЖАНИЕ ПРАВА НА ДОСТУП К ИНФОРМАЦИИ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот; ҳуқуқдорӣ; Конститутсия; иттилоот.*
***Ключевые слова:*** *право на доступ к информации; правомочия; Конституция; информация.*
***Keywords****: right of access to information; authority; constitution information.*

Право на доступ к информации является одним из важнейших конституционных прав и свобод в демократическом и правовом государстве. Закрепляя данное право как основу функционирования и развития информационных отношений, государство, не просто признает за гражданами одно из важнейших прав, не только берет на себя ответственность по защите данной юридической возможности субъектов права, но и обязано всячески содействовать постоянной и повсеместной его реализации[1]. В этой связи особо актуальной является проблема определения содержания данного права, и определения круга правомочий субъектов его реализующих.

Под доступом к информации понимается совокупность правомочий на поиск и получение информации. Указанное право может быть реализовано только через исполнение обязанности по ее предоставлению. В данном случае речь идет об обязанности по предоставлению информации государственных органов и органов местного самоуправления.

Основополагающим и системообразующим нормативным актом, раскрывающим содержание права на доступ к информации, является Конституция. В ней содержание данного права раскрывается посредством закрепления положения, в соответствии с которым государственные органы, общественные объединения, политические партии и должностные лица обязаны обеспечить каждому возможность получения и ознакомления с документами, касающимися его прав и интересов, кроме случаев, предусмотренных законом. Как видно из содержания конституционного положения, право на доступ к информации состоит из правомочий «получать» и «ознакомиться» с информацией. Указанные правомочия никоим образом не сужают содержание данного права, так как «ознакомить», в свою очередь, означает «дать кому-либо сведения о чем либо, сделать кому-либо известным что-либо», а ознакомиться – «получить сведения, приобрести знания о чем-либо».

Более того понятие «ознакомление» намного ближе к понятию основного составляющего данного права, а именно к понятию «доступа», и при изучении сути данного понятия можно убедится в этом.

Таким образом, важнейшим компонентом любого права является правомочие его субъектов, которое составляет содержание самого права. Категория «правомочия» включает права и обязанности, установленные нормативными правовыми актами. Таким образом, практически все основные права и свободы содержат правомочия – более конкретные правила поведения субъектов правоотношений, а мера возможного поведения определяется суммой правомочий в субъективном праве.

Соответственно, содержанием права на доступ к информации, как субъективного права, являются те правомочия субъектов, посредством реализации которых может быть обес-

[1] Петречук А.С. Правовое регулирование доступа к информации о деятельности органов государственной власти и местного самоуправления // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Право. № 3. том 14. 2014 г.

Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи қонунугузорӣ зарурати таҷдиди назар кардани он муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ислоҳоти қонунгузорӣ оид ба муфлисшавӣ ҳоло ҳам идома дорад, зеро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муфлисшавӣ камбудиҳо ва номувофиқии меъёрҳо ба мушоҳида мерасад. Муттахассисони соҳа иброз медоранд, ки набудани меъёр оид ба муфлисшавии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ метавонад боиси нофаҳмиҳо дар амалия гардад. Аз ин рӯ, баъзеҳо зарурати қабули қонун дар бораи муфлисшавии ташкилотҳои кредитиро дар шакли қонуни алоҳида мувофиқи мақсад мешуморанд.

**6. Қонун дар бораи кредити истеъмолӣ**

Қонун дар бораи кредити истеъмолӣ дар миёни давлатҳои таҳлилкунанда танҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Аммо бо дарназардошти он ки ин гуна кредитонӣ дар ҷаҳон хело маъмул аст, дар назар аст, ки дар баъзе давлатҳо аллакай лоиҳаи он таҳия гардида, дар арафаи қабул қарор дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи кредити истеъмолӣ маҳз ба хотири ба танзим даровардани муносибатҳо дар соҳаи додани кредити истеъмолӣ қабул гаштааст.

Қонуни зикргардида дар худ меъёрҳоро оид ба мафҳум ва шаклҳои кредити истеъмолӣ, объекти кредити мазкур, ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани кредити истеъмолӣ пешниҳод карда мешавад, ва ғ. ҷой кардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳое, ки аз рӯи кредити истеъмолӣ ба вуҷуд омада метавонанд, бо қонуни алоҳида, ки маҳз барои ин гуна кредитонӣ қабул гардида бошад, ба танзим дароварда намешавад. Аслан ин гуна муносибатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи кодекси гражданӣ ба танзим дароварда мешавад. Кодекси гражданӣ гарчанде, ки оид ба чунин намуди кредитонӣ меъёр надошта бошад ҳам, аммо тибқи асосҳои умумии кредитонӣ онро ба танзим медарорад.

Бо дарназардошти он ки ин гуна кредитонӣ хеле маъмул аст, зарурати қабули чунин қонун ва ворид намудани иловаҳо ба Кодекси граждаииро ба вуҷуд меорад.

**7. Қонун дар бораи ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ**

Қонуни мазкур дар Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардидааст. Бинобар сабаби он ки меъёрҳои қонуни мазкур меъёрҳои Кодекси граждаииро такрор мекунанд, дар давлатҳои дигар он арзи вуҷуд надорад. Аз рӯи меъёрҳои қонуни мазкур он фарогири на объекти ҷамъиятӣ, балки субъекти ҳуқуқ мебошад. Қонуни мазкур ҳатто ба кадом мақсад қабул гардидааст ва кадом муносибатро ба танзим медарорад, норавшан аст. Аз рӯи қоидаҳои умумӣ сараввал ин қонун бояд аз меъёрҳои умумӣ оғоз гардида, баъдан дар худ меъёрҳои махсусро ҷой диҳад. Аммо қонуни мазкур баръакс, аз ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидор оғоз мегардад. Дар 4 боби қонуни мазкур сухан дар бораи шарикони комил, ширкатҳои коммандитӣ ва ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд меравад.

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 674

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қонун мавҷуд нест. Зеро, чӣ тавре ки қайд намудем, меъёрҳои он пурра тибқи Кодекси граж_ данӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад.

Қабули чунин қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба мақсад нест, зеро метавонад, такрори меъёрҳоро ба вуҷуд орад.

### 8. Қонун «Дар бораи аккредитив»

Миёни давлатҳои мавриди таҳлил қарордошта танҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонун «Дар бораи аккредитив» қабул карда шудааст.

Қонуни мазкур амали қоидаҳо ва анъанаҳои унификатсиониро барои аккредити ҳуҷҷатӣ, ки аз ҷониби палатаи байналмилалии савдо таҳия гардидааст, муайян менамояд. Қонуни мазкур танҳо аз 5 модда иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳо аз рӯи аккредитив тибқи кодекси граждании ва Дастурамали БМТ «Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим даровarда мешавад.

Дар таносуб бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҶТ қонуни алоҳида мавҷуд нест. Аммо ин маънои онро надорад, ки муносибатҳои аккредитив ба танзим дароварда намешаванд. Агар масъалаҳое, ки боби 5 Дастурамали БМТ «Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи аккредитив танзим менамояд, таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки чунин Дастурамал аз чунин қонунҳое, ки аз 5 модда иборат мебошанд, хубтар мебошад. Аммо бояд як ҳолатро дар назар дошт, ки дар қонунгузории имрӯза дар қатори аккредитив инчунин истилоҳи «эътиборнома» истифода бурда мешавад. Охирин аслан дар коидаҳои бонкӣ ва санадҳое, ки аз ҷониби бонк қабул карда мешаванд, истифода бурда мешаванд.

### 9. Қонун «Дар бораи кооператсияҳои кредитӣ»

Қонун «Дар бораи кооператсияҳои кредитӣ» дар давлатҳое, ки дар боло номбар намудем, танҳо дар ду давлат- Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Узбекистон дида мешавад. Гарчанде, ки қонуни номбурда дар Ҷумҳурии Узбекистон аз рӯи ном ва баъзе хусусиятҳо фарқ намояд ҳам, лекин дар маҷмуъ муносибатҳои кооператсияҳои қарзии истеъмолиро муқаррар ва танзим менамояд. Қонуни мазкур дар Федератсияи Россия танзими ҳуқуқӣ, иқтисодӣ шаклҳои ташкил, таъсис ва фаъолияти кооператсияҳои қарзӣ дар ҳама сатҳ ва шаклҳои гуногун, иттифоқҳо (ассотсиатсияҳо) ва дигар кооператсияҳои қарзии истеъмолиро дар якҷоягӣ муқаррар менамояд. Амали қонуни мазкур ба фаъолияти кооперативҳои қарзӣ, соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва ташкилотҳои онҳо татбиқ намегардад. Асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ таъсис ва фаъолияти онҳоро дар Федератсияи Россия Қонун «Дар бораи кооператсияҳои хоҷагии қишлоқ», ки аз 8 декабри соли 1995, №193 қабул гардидааст муқаррар менамояд. Кооператсияҳои қарзӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Фаъолияти кооператсияҳои кредитӣ аз ташкил намудани ёрии молиявии аъзоёни кооператсияи кредитӣ (пайщиков) иборат мебошад. Кооператсияҳои қарзӣ маблағи аъзоёни ташкилоти худро дар асоси шартномаи қарз ба даст меоварад.

Муносибатҳои мазкур дар Ҷумҳурии Узбекистон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи кредити истеъмолӣ» ба танзим дароварда мешавад. Мақсади қонуни мазкур аз танзими муносибатҳо дар соҳаи пешниҳод намудани қарзи истеъмолӣ иборат мебошад. Қарзи истеъмолӣ, ин пешниҳод намудан ба шахсони воқеӣ (истеъмолкунандагон) барои ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ барои қонеъ намудани талаботи истеъмолӣ мебошад. Қарзи истеъмолӣ қарзе мебошад, ки дар шакли воситаҳои пулӣ барои пардохти молҳои ба дастоварда ба истеъмолкунанда пешниҳод мешавад. Ташкилоти пешниҳодкунандаи қарзӣ, ин бонк ва ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Пешниҳод намудани қарзи истеъмолӣ дар асоси шартномаи қарзи истеъмолӣ бо шартҳои музднок, фаврӣ ва таъминоти мувофиқи қоидаҳои пешбинигардида амалӣ гардонида мешавад.

### 10. Қонун «Дар бораи бонки Рушд»

Қонун «Дар бораи бонки Рушд» мувофиқи таҳлилҳои дар боло гузаронидашуда танҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 25.04.2001, таҳти №178-11 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад. Мақсади қабули қонуни мазкур танзими муносибатҳои фаъолияти Бонки Рушд дар Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Бонки Рушд дар Ҷумҳурии

Қазоқистон дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ фаъолият намуда, ягона ҷамъияте мебошад, ки саҳҳомони он ширкати миллии идоракунӣ мебошад. Бонки Рушд дар Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз институтҳои миллии инкишоф мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон танзими муносибатҳои ҷамъияти саҳҳомӣ, фаъолияти бонк ва дигар намуди фаъолият ва додани иҷозатномаро вобаста ба Бонки Рушд дар ҳолате татбиқ менамояд, ки қонуни мазкур танзимнамоии онро пешбинӣ накарда бошад. Бартарияти сармоягузории Бонки Рушд дар воситаҳои маҳдуднамоии шуморавӣ барои ба даст овардани воситаҳои қарз (заём), роҳхат, имтиёз, шарту тартиб ва муҳлати қарздиҳӣ, инкишофи боигарии хусусӣ, молиякунонӣ, пешниҳоди кафолат, иҷрои вазифаҳои агент, ки дар Меморандум ва сиёсати қарзии Бонки Рушд аз тарафи ширкати миллии идоракунӣ тасдиқ гардидааст, мебошад. Мақсади фаъолияти Бонки Рушд беҳбудӣ ва баланд гардониданн фоидаоварии фаъолияти сармоягузории давлат, инкишоф додани инфраструктура ва соҳаҳои саноат, ҳамкорӣ намудан дар ҷалби сармояи дохилӣ ва берунии хориҷӣ дар иқтисодиёти мамлакат мебошад. Мутаассифона, қонуни мазкур дар дигар давлатҳо, ки барои пешрафти соҳаи фаъолияти бонкдорӣ ва мусоидат намудан ба рушди сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд, дида намешавад. Аз ин лиҳоз дар ҷумҳурии мо низ имрӯз қабули чунин қонун аз манфиат холӣ нест.

### 11. Қонун «Дар бораи бақайдгирии гарави молу мулки манқул»

Қонун «Дар бораи бақайдгирии гарави молу мулки манқул» дар давлатҳое, ки дар боло таҳлил намудем, танҳо дар Қазоқистон аз 30 июни соли 1998, таҳти №254-1 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Қонуни мазкур тартиби бақайдгирии гарави молу мулки манқулро бо мақсади истифода ва ҳифзу ҳимояи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи қонунан эътироф намудан ба молу мулкро доранд, муқаррар менамояд. Бақайдгирии гарави молу мулки манқуле, ки ҳатман аз қайди давлатӣ мегузарад, мувофиқи қонун аз тарафи мақомоти махсуси бақайдгирандаи чунин молу мулк ба амал баровարда мешавад. Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои қонуни мазкур нисбат бақайдгирии гарави амволи манқул аз он иборат мебошад, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон тартиби онро ҳукумат муқарар менамояд. Аз тарафи дигар, қонун дар шакли пурра тартиби бақайдгирӣ, субъектҳо, асосҳои бақайдгирӣ, ҳуқуқи соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тартиби бақайдгирии электронии гарав, мазмуни ҳуқуқии бақайдгирии гарав, феҳристи бақайдгирии амволи гарави манқул, муҳлати шаҳодатномаи амвол, тартиби қатъ намудани фаъолияти амвол ва ғайраҳоро пурра пешбинӣ менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин шакл қабул гардидани қонун нисбат ба дастурамалҳое, ки дар ин самт қабул карда мешаванд, соддатар, фаҳмотар ва ба мақсад мувофиқтар мебошад. Яъне, ягон гуна мушкилотро ҳангоми дар амал тадбиқ намудани он ба вуҷуд намеорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муносибатҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул»[1] танзим карда мешавад. Боби 2-и қонуни мазкур тартиби бақайдгирии амволи манқулро пешбинӣ менамояд. Тибқи он бақайдгирии амволи манқул аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои он ба амал баровარда мешавад. Тартиби бақайдгирии амволи манқул ва Реестри давлатии ягонаро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Қайди амволи манқул, ки ба сифати он қоғазҳои қиматноки корпоративӣ, воситаҳои қарзию пулӣ, аз тарафи мақомоти салоҳиятдори (бақайдгирии) қоғази қиматнок иҷро карда мешавад. Ҳамзамон, ин муносибатҳо тибқи Дастурамал дар бораи тартиби бақайдгирии гаравҳои амволи манқул ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои гарав ба танзим дароварда мешавад. Тартиби мазкур бо Фармони Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 марти соли 2006, №32 тасдиқ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки баҳри дар амал мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни дар боло номбурда ва дастурамали қабулгардида, хуб мебуд, агар муносибатҳои соҳаи мазкур дар доираи қонуни ягонаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгири молу мулки манқул» ба танзим дароварда шавад. Чуноне, ки қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон қабул гардидааст ва ин муносибатҳоро пурра ба танзим медарорад.

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005, №3, мод. 133.

### 12. Қонун «Дар бораи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ»

Қонуни мазкур бо чунин ном танҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон қабул гардидааст. Қонуни мазкур салоҳияти Бонки миллиро зимни гузаронидани сиёсати ягонаи асъорӣ ифода намуда, тартиби анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷиро муайян, механизмҳои бозории мубодилаи асъориро муқаррар намуда, интиқоли озодонаи асъори хориҷиро тибқи сарҳад аз хориҷа ва ба хориҷа ва қоғазҳои қиматноки дар он дарҷгардидаро эълон менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои оид ба предмети танзимнамоии қонуни зикргардида бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор»[1] ба танзим дароварда мешавад. Ҳамзамон, масъалаҳои мазкур тибқи Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим дароварда мешавад.

Ҳарчанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар ном ифода карда шуда бошад ҳам, аммо меъёрҳои қонун дар бисёр мавридҳо якхел мебошад. Агар Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон фарогири масъалаҳои аз қабили салоҳияти БМТ дар гузаронидани сиёсати ягонаи асъорӣ, тартиби анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷӣ, механизми бозории мубодилаи асъор, ва озодии интиқоли асъори хориҷӣ аз сарҳад ва берун аз онро танзим намояд, Қонуни ҶТ муносибатҳоро дар соҳаи танзими асъор ва назорати асъорӣ, уҳдадориҳои резидентҳо ва ғайрирезидентҳои ҶТ-ро оид ба соҳиби истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъорӣ муайян менамояд.

Баъдан, аз рӯи номаш предмети танзими Қонуни Қирғизистон амалиётҳоеро ки бо асъори хориҷӣ анҷом дода мешавад, танзим менамояд, ҳол он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳоро ҳам оид ба асъори хориҷӣ ва ҳам миллӣ танзим менамояд.

Албатта, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде ки хубтару беҳтар нисбат ба қонуни ин давлат ҳам бошад, аммо баъзе мухолифатҳо дар он дида мешаванд. Оид ба ин гуна мухолифатҳо дар қисми «илмӣ» ибрози ақида карда мешавад.

### 13. Қонун «Дар бораи сирри бонкӣ»

Қонуни мазкур дар ҷумҳуриҳои Узбекистон ва Қирғизистон қабул гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи сирри бонкӣ» иборат аз 18 модда буда, оид ба масъалаҳои фош кардани сирри бонкӣ, ҳифзи сирри бонкӣ, худи сирри бонкӣ ва ғайра дар худ меъёр ҷой кардааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки аз рӯи мундариҷа қонуни Ҷумҳурии Узбекистон бо Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон якхела буда, аммо баъзе хусусиятҳои фарқкунанда дорад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон оид ба додани маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, ба меросгирони муштарӣ ва ҳадди амали қонун мавҷуд нест.

Ҳамзамон, тибқи қонунгузории Узбекистон маълумоти зерин ҳамчун сирри бонкӣ дониста мешавад:

1. Маълумот оид ба амалиётҳо, суратҳисобҳо ва амонатҳои мизоҷони худ;
2. Оид ба мизоҷони худ;
3. Оид ба муштарии дигар бонк, ки дар натиҷаи муроҷиати маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад ва байни бонкҳо маълум гаштааст;
4. Оид ба иштирокчиёни низоми нафақавии ғункунӣ, андоза ва ҳаракати маблағҳои пардохтҳои нафақавӣ.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон маълумоти зерин ҳамчун сирри бонкӣ дониста мешавад:

1. Маълумот оид ба суратҳисобҳои мизоҷон;
2. Маълумот оид ба амалиётҳои мизоҷон;
3. Маълумот оиди худи мизоҷон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни алоҳида дар бораи сирри бонкӣ мавҷуд нест. Аммо масъалаҳо оид ба маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[2] пешбинӣ гардидааст.

Гарчанде Қонуни мазкур боби алоҳида бо мазмуни «Махфият» пешбинӣ карда бошад, он ба масъалаҳои сирри бонкӣ бахшида шудааст.

Тибқи боби мазкури Қонуни зикргардида маълумоти зерин ҳамчун сирри бонкӣ дониста мешавад:

1. Дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод. 331.

пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;

2. Дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо;

3. Дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар таносуб бо дигар давлатҳо маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, як хел аст, ба истисноии интиқоли маблағҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоб, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон, бояд як ҳолатро қайд намуд, ки тибқи қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» маълумот дар бораи сирри бонкӣ дар сурати вафоти муштарӣ дода мешавад:

– ба шахсоне, ки аз тарафи муштарӣ дар васиятнома зикр шудаанд;

– ба судҳо, идораҳои нотариалӣ ва муассисаҳои консулгарии хориҷӣ аз рӯи парвандаҳои меросии муштарии фавтида.

Лекин, бояд як ҳолатро қайд намуд, ки на дар ҳама ҳолат муштарӣ васиятнома менависад. Дар чунин ҳолатҳо меросхӯрони қонунии вай низ бояд ҳуқуқи гирифтани маълумот дар бораи сирри бонкиро дошта бошанд. Аммо сархати 1 қисми 5 моддаи 48 Қонуни мазкур шахсонеро, ки дар васиятнома зикр гардидаанд, пешбинӣ кардааст.

Албатта, қабули қонуни алоҳида дар бораи сирри бонкӣ зарурат ба қабулро дорад, зеро чунин масъалаҳо рӯзмарра ва муҳим мебошанд. Қонун аслан бояд муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим намояд. Маҳз муҳимияти чунин масъала зарурати қабули онро тақозо мекунад.

### 15. Қонун «Дар бораи муомилоти векселӣ»

Қонуни мазкур миёни давлатҳои мавриди таҳлил қарордошта танҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон қабул гардидааст.

Қонуни мазкур аз 97 модда ва 18 боб иборат мебошад. Он фарогири масъалаҳои зерин мебошад: оид ба тартиб додани векселли интиқолӣ, оид ба навиштаҷоти таҳлилӣ, аввал ва ғ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни алоҳида дар бораи вексел мавҷуд нест. Аммо зарурати қабули қонун дар бораи вексел ва танзими муносибатҳо тибқи қонуни алоҳида дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки муносибати тарафҳо вобаста ба вексел мувофиқи қонун дар бораи векселли интиқолӣ ва оддӣ танзим карда мешавад. Гарчанде ки КГ ишора ба қабули ин гуна санад карда бошад ҳам, аммо то ҳол чунин қонун қабул нагардидааст.

Муносибатҳое, ки аз рӯи вексел ба вуҷуд меоянд, имрӯз тибқи Низомнома дар бораи муомилоти векселӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Бинобар сабаби он ки бисёре аз масъалаҳое, ки вобаста ба векселли оддӣ ва интиқолӣ ба вуҷуд меоянд, то ба ҳол танзим нагардидаанд, зарурат ба қабули чунин санадро ба вуҷуд меоранд.

### 16. Қонун дар бораи кафолати ҳатмии амонатҳои гузошташуда дар бонкҳои дуюмдараҷаи Ҷумҳурии Қазоқистон

Қонун дар бораи кафолати ҳатмии амонатҳои гузошташуда дар бонкҳои дуюмдараҷа бо чунин ном танҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 7 июли соли 2006 қабул гардида, то имрӯз амал менамояд. Ин қонун асосан муносибатҳоро дар соҳаи кафолатҳои ҳатмии амонатҳои гузошташуда дар бонкҳои дуюмдараҷаи Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар ва танзим менамояд. Қонуни мазкур ба самти ҳифзи амонатгузорон шахсони воқеӣ ва асосҳои ҳуқуқи вазифаҳои низоми ҳатмии кафолати амонатгузорон, амонатҳои дар бонкҳои зинаи дуюми Ҷумҳурии Қазоқистон гузошташуда, ба истиснои амонатҳои бе фоизи гузошташуда ва сармоягузорӣ, дар бонкҳои исломӣ гузошташуда, тартиби таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои кафолати ҳатмии амонатгузориро ба амал мебароранд, ва дигар муносибатҳое, ки аз доираи қонуни мазкур бармеоянд, амалӣ менамоянд. Мақсади асосии кафолати ҳатмии амонатгузорӣ, ин таъмин намудани низоми молиявии муътадил, аз ҷумла дастгирии боварӣ ба низоми бонкӣ ба воситаи пардохти маблағи кафолати амонатгузорӣ дар ҳолати барҳамдиҳии маҷбурӣ мебошад.

Ин муносибатҳоро дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонун «Дар бораи ҳифзи амонатҳои бонкӣ», дар Узбекистон Қонун «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо» ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»[1] танзим менамояд. Гарчанде ки номи қонунҳои дар боло ишорагардида дигар бошад ҳам, лекин моҳиятан мақсади онҳо аз кафолати ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон иборат мебошад. Лекин бояд қайд намуд, ки бинобар сабабе, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон низоми бонкӣ дузинагӣ иборат мебошад, номи қонун ва сохти он низ бо каме аз дигаргуниҳо фарқ менамояд. Қонун «Дар бораи ҳифзи амонатҳои бонкӣ» дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз 7 майи соли 2008, таҳти №78 қабул гардида, аз 9 боб ва 44 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур яке аз қисмҳои асосии қонунҳои соҳаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон буда, ҳадафи он таъсиси меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти низоми ҳифзи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ дар бонкҳои Қирғизистон мебошад. Низоми ҳифзи пасандозҳо барои ҳифзи пасандозгузорони бонкҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолати кафолатӣ бо роҳи пешниҳоди ҷуброн бо маблағ, роҳҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин таъсири муътадили нигоҳдории низоми молиявӣ дар маҷмуъ нигаронида шудааст. Дар қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкилёбӣ, маъмурикунонии низоми молиявӣ, ҳифзи пасандозҳо, таъсис ва фаъолияти мустақили Агентӣ оид ба ҳифзи пасандозҳои Ҷумҳурии Қирғизистон муқаррар гардидааст. Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи қонуни мазкур иборат аз он мебошад, ки амали он танҳо дар бонкҳо татбиқ мегардад. Амали қонуни мазкур ба дигар ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ, ки ба фаъолияти қабули пасандозҳо дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Қазоқистон машғул мебошанд татбиқ намегардад.

Ин муносибатҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон тибқи Қонун «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо» танзим карда мешавад. Қонуни мазкур аз 5 апрели соли 2002, таҳти №360-11 қабул гардида, аз 16 модда иборат мебошад. Мақсади қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар соҳаи таъмини ҳифзи пасандозҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Узбекистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар бонкҳои Узбекистон мебошад. Тибқи талаботи қонуни мазкур объекти кафолатӣ, ин пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо мебошад. Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ин қонун объекти кафолати маблағҳои пулӣ намебошад. Хусусияти дигари фарққунандаи он ин аст, ки бо мақсади амалӣ намудани қонуни мазкур ин фонди кафолатҳо аз ҳисоби аъзоҳақии ҳатмӣ бонкҳо даромадҳо аз ҳисоби воситаҳои гардон, инчунин дигар даромадҳои бадастомадаи мувофиқи қонун ташкилёфта мебошад. Мақсади асосии таъсиси фонди мазкур кафолати пардохти барқароркунии пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо дар ҳолати бозхонди Бонки марказии Ҷумҳурии Узбекистон иҷозатномаи бонкии ба ҳуқуқи гузаронидани амалиёти бонкӣ бо шарт ва дар ҳаҷми пешбининамуда қонуни мазкур мебошад.

Муносибатҳои мазкур дар ҷумҳурии мо тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба танзим даровварда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз 2 августи соли 2011, таҳти №758 қабул гардида, аз 48 модда 8 боб иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла тартиби таъсис ва фаъолияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро муқаррар карда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолиро ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Мақсади асосии қонуни мазкур, ин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи қонуни мазкур ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи қонуни мазкур, ин дар асоси принсипҳои ҳатмӣ будани узвият ба Хазина барои ташкилотҳои қарзиест, ки ҳуқуқи ҷалби пасандозҳои шахсони воқеиро доранд ва шаффофияти суғурта кардани пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

## 17. Қонун «Дар бораи ҳифзи маълумоти низоми автоматикунонии бонкӣ»

Қонун «Дар бораи ҳифзи маълумоти низоми автоматикунонии бонкӣ» аз давлатҳои таҳлилнамуда ягона қонуне мебошад, ки танҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон дида мешавад. Қонун «Дар бораи ҳифзи маълумо-

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, мод. 612.

ти низоми автоматикунонии бонкӣ» дар Ҷумҳурии Узбекистон аз 4 апрели соли 2006, таҳти №30 қабул гардида, аз 12 модда иборат мебошад. Мақсади қонуни мазкур аз танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи иттилоот дар низоми автоматикунонии бонкӣ иборат мебошад. Низоми автоматикунонии бонкӣ аз низоми автоматикунонӣ, таъмини он барои фаъолияти ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан, кофтуков, коркард ва истифодаи иттилоот дар соҳаи фаъолияти бонкӣ иборат мебошад. Ҳифзи иттилоот дар низоми автоматикунонии бонкӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад: таъмини бехатарии иттилоотии бонкҳо ва сирри бонкӣ, пешгирии берун шудани маълумот, азхудкунӣ, маълумоти ғалат додан, ва инчунин нусхабардории дигар шаклҳои таъсиррасонӣ дар низоми автоматикунонии бонкӣ мебошад.

### 18. Қонун «Дар бораи ташкилоти қарзии хурд»

Қонун «Дар бораи ташкилоти қарзии хурд» дар тамоми давлатҳои дар боло зикргардида вуҷуд дорад. Аммо бояд қайд намуд, ки дар ин давлатҳо ин қонун бо баъзе хусусиятҳои ба худ хос аз якдигар фарқ менамоянд. Масалан, дар Федератсияи Россия Қонун «Дар бораи фаъолияти маблағгузории хурд ва ташкилотҳои маблағгузории хурд», дар Қазоқистон Қонун «Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд», дар Қирғизистон Қонун «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», дар Узбекистон Қонун «Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд» дар алоҳидагӣ ва инчунин Қонун «Дар бораи молиякунонии хурд» ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Қонун «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» амал менамоянд. Гарчанде ки қонунҳои номбурда дар ин давлатҳо бо ном фарқ намоянд ҳам, вале предмети танзимнамоӣ ва доираи муносибатҳои онҳо ба якдигар монанд мебошанд.

Қонун дар бораи фаъолияти маблағгузории хурд ва ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Федератсияи Россия аз 2 июли соли 2010, №151 қабул гардида, аз 5 боб ва 17 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти маблағгузории хурд, тартиби танзими давлатии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳаҷм, тартиб ва шартҳои пешниҳоди қарзи хурд, мақом ва фаъолияти ташкилотҳои хурди маблағгузорӣ, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти маблағгузории хурдро муқаррар менамояд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи қонуни мазкур дар Россия аз он иборат аст, ки ташкилотҳои қарзӣ, кооперативҳои қарзӣ, ломбардхона ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти маблағгузории хурдро ба амал мебароранд, дар асоси қонунгузории Федератсияи Россия ба танзим дароварда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин муносибатҳо аз тарафи Қонун дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд ба танзим дароварда мешавад. Қонун дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд аз 6 марти соли 2003, таҳти № 392 қабул гардида, аз 4 боб ва 22 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур танзими муносибатҳоро оид ба алоқамандии фаъолияти қарзи хурд ва асоси низоми ҳуқуқии онро муқарар намуда, таъсиси фаъолияти ташкилёбӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзиро ба танзим медарорад. Қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон, ки танзимкунандаи фаъолияти ширкатҳои хоҷагӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла, фондҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд дар ҳолате татбиқ мегардад, ки қонуни мазкур танзими ин муносибатҳоро пешбинӣ накарда бошад.

Муносибатҳои мазкур дар Қирғизистон дар доираи Қонун дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки аз 2 августи соли 2002, №58 қабулгардида, ва аз 6 боб ва 39 модда иборат мебошад, ба танзим дарварда мешавад. Қонуни мазкур мақоми танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муқаррар намуда, барои таъсиси ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои ба амалбарории фаъолияти ташкилотҳои хурди молиявӣ нигаронида шудааст. Мақсади фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод намудани хизматрасонии дастрас оид ба қарзи хурд ба аҳолӣ, барои дастгирии камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, ҳамкории инкишофи соҳибкорӣ ва сатҳи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Муносибатҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Қонун дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба амал бароварда мешавад. Қонун дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 16 апрели соли 2012, таҳти №816 қабул гардида, аз 6

боб 32 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

### 19. Қонун «Дар бораи бонкҳои хусусӣ ва институтҳои молиявӣ ва кафолати фаъолияти онҳо»

Қонун «Дар бораи бонкҳои хусусӣ ва институтҳои молиявӣ ва кафолати фаъолияти онҳо» низ танҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон дида мешавад. Қонуни мазкур аз 17 декабри соли 2012, таҳти №339 қабул гардида, аз 26 модда иборат мебошад. Мақсади қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар соҳаи бонкҳои хусусӣ ва институтҳои молиявӣ ва кафолати фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон аст. Вазифаи асосии қонуни мазкур, ин таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии бонкҳои хусусӣ ва институтҳои молиявӣ ва кафолати фаъолияти онҳо, таъсиси шароит барои ҷалби соҳаи молиявӣ-бонкӣ, боигарии хусусӣ, инкишоф додани рақобат ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии мизоҷон дар бозори бонкӣ ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ иборат мебошад. Бонкҳои хусусӣ ва институтҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд.

## 2. Илм

Илм ва қонунгузорӣ бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд. Имрӯз илми ҳуқуқ дар соҳаи бонкӣ нисбат ба қонунгузории бонкӣ каме дар пеш аст.

Бинобар сабаби он ки илм сояи қонун дар ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, доир ба масъалаҳои назариявӣ таваҷҷуҳ дода мешавад.

Имрӯз дар ҷамъият муносибатҳои нав ба нав ба вуҷуд омада истодаанд. Бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва осон гардидани танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ андешаҳои гуногун иброз гардидаанд.

Яке аз чунин масъалаҳо, ин танзими муносибатҳои аз рӯи қарз ва кредит ба ҳисоб меравад. Дар ин самт гарчанде ки қонунгузорӣ мавҷуд бошад ҳам, аммо баъзе камбудиҳо ва мухолифатҳо низ ба назар мерасад.

Сараввал бояд қайд намуд, ки тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қарз ва кредит шартномаҳои мустақилро ташкил медиҳанд. Аммо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ин мафҳумҳо омехта гардида, қарз ва кредит ба як маъно фаҳмида мешавад.

Чунин ифода ёфтани истилоҳҳо дар амалия ва дар назария метавонад душвориҳоро ба вуҷуд орад.

Дигар масъалае, ки вуҷуд дорад, ин ба танзим даровардани меъёрҳои қонун ба техникаи қонунгузорӣ ва бо қонуни соҳавӣ танзим намудани он мебошад. Имрӯз дар боби 40 (шартномаи қарз) Кодекси гражданӣ меъёрҳое, ки бояд тибқи дигар қонунҳо ба танзим дароварда шаванд, вуҷуд дорад. Масалан, бахшидани моддаи алоҳида дар ин боб дар хусуси вексел ва вомбарг чандон зарурат надорад. Зеро, ин масъала бояд тибқи қонун дар бораи қоғазҳои қиматнок ба танзим дароварда шавад. Агар лозим ҳам бошад, бояд дар қисми 1 КГ ҷои худро ёбанд, балки на дар қисми II.

Дигар масъала дар ин боб, ин аз байн бурдани такрори меъёрҳо ва меъёрҳое, ки тибқи дигар бобҳои граждани ба танзим дароварда мешаванд, ба ҳисоб меравад.

Чунин меъёр «Нав шудан (новатсия)-и қарз бо уҳдадории қарз» дар моддаи 835 ба ҳисоб меравад. Зарурати чунин меъёр дар боби қарз дида намешавад. Ин гуна муносибатҳо тибқи боби уҳдадориҳо метавонад ба танзим дароварда шавад.

Масъалаи кредитонӣ низ имрӯз ба талабот чандон ҷавобгӯ нест. Тавре дар қисмати қонунгузории таҳлили мазкур иброз гардид, масъалаи кредити истеъмолӣ ниёз ба танзими ҳуқуқӣ дорад. Имрӯз аҳдҳои мазкур хеле маъмул гаштаанд. Аммо масъалаҳое, ки ҳангоми шартнома ба вуҷуд меоянд, аз қабили огоҳонӣ, маълумотнокӣ, муҳлат, фоизҳо ва ғ. танзим наёфтаанд. Имрӯз қариб, ки ҳамаи субъектҳои хоҷагидор дар бозор ба чунин навъи кредитонӣ машғул ҳастанд. Аммо барои амалӣ намудани чунин кредитонӣ, ки ҳуқуқ дорад, маълум нест. Ин ва дигар масъалаҳо бояд, ки ҳалли худро дар қонун пайдо намоянд.

Дар боби пасандозҳои бонкӣ (42 КГ) низ зарурати ворид намудани иловаҳо ба мушоҳида мерасад. Зарурат ба илова намудани навъи пасандозҳо бо сангҳои қиматнок ба талабот мувофиқ мебошад.

Масъалаи суратҳисоби бонкӣ имрӯз дар қонунгузорӣ ба он дараҷае, ки барои тан-

зими муносибатҳо мусоидат кунад, ҷавобгӯ нест. Хусусан дар қисмати Кодекси граждании.

Инкишофи босурати технология, муносибатҳои соҳибкорӣ ва ғ. боиси он гаштааст, ки имрӯз навъҳои алоҳаи суратҳисоб вуҷуд дошта метавонанд. Аз ҷумла: суратҳисоби якҷоя, суратҳисоби номиналӣ, суратҳисоби захиравии шахси ҳуқуқии таъсисшаванда, суратҳисоби кортӣ ва ғ.

Тавре маълум аст, қонунгузории амалкунанда имконияти анҷом додани фаъолияти соҳибкориро аз ҷониби ду ва зиёда шахс иҷозат додааст.

Заминаҳои ҳуқуқии он низ дар Кодекси гражданӣ маҷуд аст. Тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя ширкати оддӣ (шартнома оид ба фаъолияти якҷоя) ду ё зиёда ашхосе, ки шарикон номида мешаванд, уҳдадор мегарданд ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд (моддаи 1058 КГ).

Дар ҳолати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ду ва ё зиёда шахс масъалаи кушодани суратҳисоби акҷоя ба мақсад мувофиқ мебошад.

Суратҳисоби мазкур ба номи ду ва ё зиёда мизоҷон кушода мешавад, ки ҳар кадоми онҳо ҳуқуқ доранд маблағи пулии дар суратҳисоб мавҷудбударо ихтиёрдорӣ намоянд. Мизоҷон метавонанд тартиби ихтиёрдорӣ намудани суратҳисоби акҷояро мувофиқа намоянд ва шартҳои онро дар шартнома дарҷ гардонанд.

Суратҳисоби дигар, ки дар шароити имрӯза метавонад то андозе мушкили ба вуҷудомадаро ба танзим дарорад, суратҳисоби номиналӣ мебошад.

Суратҳисоби номиналӣ метавонад ба дорандаи суратҳисоб (васиён, парасторон, вакил, комиссионер, агент, ташкилкунандаи савдо, мудир, ва ғ.) барои анҷом додани амалиётҳо бо маблағҳои пулӣ, ки ҳуқуқи он ба дигар шахс – бенифисиар таалуқ дорад, кушода мешавад.

Дар шароити имрӯза, ки шумораи васиён, парасторон, вакилу комиссионер зиёд гаштааст чунин суратҳисоб мувофиқ ба мақсад мебошад.

Суратҳисоби захиравии шахси ҳуқуқии таъсисшаванда яке аз дигар пешниҳодҳои илман асосноке мебошад, ки барои таъсисдиҳӣ ва бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Мақсади кушодани чунин суратҳисоб – таъсиси сармояи оинномавии шахси ҳуқуқии таъсисшаванда мебошад. Суратҳисоби мазкур аз ҷониби яке аз муассисони шахси ҳуқуқӣ ё аз ҷониби шахсе, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти шахси ҳуқуқӣ интихоб гаштааст, кушода мешавад.

Суратҳисоби дигар, ки зарурат ба танзими ҳуқуқӣ дорад, суратҳисоби кортӣ мебошад. Тавре дар қисми 2 таҳлили мазкур нишон дода шуд, имрӯз шумораи дорандагони чунин корт ва суратҳисобҳо қариб ба 1 млн расидааст. Ҳамасола ба маблағӣ садҳо миллион сомонӣ амалиётҳо аз рӯи он анҷом дода мешавад. Лекин масъалаҳо оид ба маълумот аз рӯи суратҳисоби кортӣ, маҳдудкунии ҳуқуқи муштарӣ ба ихтиёрдории маблағҳои пулӣ, истифода кардани меъёрҳо аз рӯи шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва ғ. дар қонунгузорӣ ҳалли худро пайдо накардаанд.

Як масъалаи дигарро бояд хотиррасон намуд, ки аз руӣ консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузорӣ дар назар буд, ки соли 2014 Кодекси бонкӣ қабул карда шавад. Вале он то ҳол ин санад қабул нагардидааст.

Зарурат ба қабули ин санад аз нигоҳи илмӣ чандон асоснок карда нашудааст. Ҳатто мутахассисони соҳаи назария ва амалия қабули чунин санадро зарур намешуморанд.

Бояд қайд намуд, ки қабули чунин санад дар шакли кодификатсия ҳолати бонкиро аз ин ҳам мураккабтар мегардонад. Дар базаи ҳар як кодекс чандин санади дигари ҳуқуқи қабул карда мешавад. Илова бар ин аз эҳтимол дур нест ки дигар институтҳои ҳуқуқи гражданӣ аз он ҷудо шаванд. Масалан, барои чи кодекси суғуртавӣ, кодекси моликияти зеҳнӣ ва амсоли онҳо қабул карда нашавад, ҳол он ки оиди ин масъалаҳо дар қонунҳои дигар метавон меъёрҳои зиёдро пайдо намуд. Чунин раванд дар натиҷа боиси он шуда метавонад, ки Кодекси гражданӣ нақши худро дар танзими муносибатҳои қонунгузории гражданӣ аз даст медиҳад.

Тавре маълум аст, дар асоси кодекс санадҳои дигар қабул карда мешавад. Агар мақсади таҳиягарон кам кардани санадҳои меъёрӣ дар соҳаи бонк бошад, пас ин ақи-

да чандон дуруст нест. Зеро, боз дар асоси кодекси бонкӣ санадҳо қабул карда шуда, таносуб бо Кодекси гражданӣ ва Кодекси бонкиро ба вуҷуд меоранд.

Ҳамчунин, бояд ёдовар шуд, ки соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи бонкдории исломӣ» қабул карда шуд.

Дар қатори дигар қонунҳои соҳа Қонуни мазкур аксарияти меъёрҳои онро такрор мекунад. Зарурати қабули чунин қонунҳое, ки меъёрҳои дигар қонунро такрор мекунанд, чандон ба мақсад мувофиқ нест.

Зеро, зиёда аз 90% меъёрҳои қонуни мазкур ифодаи худро дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ёфтаанд. Бо илова намудани танҳо як калимаи «исломӣ» меъёрҳои қонунро тағйир додан ғайриимкон аст. Азбаски меъёрҳои Қонуни мазкур ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷавобгӯ намебошад, зарурати қабули қонун дар чунин шакл вуҷуд надорад. Аз тарафи дигар, он ба талаботи меъёрҳои бонкдории исломӣ, байналмилалӣ ва стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намебошад.

Имконияти илова намудани боби алоҳида ба «Қонуни фаъолияти бонкӣ» дар хусуси бонкдории исломӣ беҳтар аз қабули қонунест, ки меъёрҳои дигар қонунҳоро такрор мекунад.

Аз ҳамин хотир, дар Ҷумҳурии Қазоқистон боби алоҳида дар Қонун «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» маҳз ба бонки исломӣ бахшида шудааст.

# Қарори
# Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
# №6

аз 29 сентябри соли 2014 ш. Душанбе

## Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

Ошкоро будани муҳокимаи судӣ, саривақт ва холисона иттилоотонидани ҷомеа дар бораи фаъолияти судҳо кафолати муҳокимаи одилонаи судӣ ва яке аз воситаҳои нигоҳдошти боварии ҷомеа нисбат ба ҳокимияти судӣ буда, иҷрои вазифаҳои мурофиаи судиро барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин менамояд.

Бо мақсади аз ҷониби суд, судяҳо риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, инчунин таъмини ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ а р о р  к а р д:**

1. Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 88 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Таъмини принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, инчунин ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, бо меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси мурофиавии граждакӣ (минбаъд КМГ), Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (минбаъд КМҶ), Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (минбаъд КМҲМ), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба танзим дароварда шудаанд.

Суд, судяҳо баҳри риояи принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва таъмини ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бояд тамоми шароити заруриро фароҳам оваранд.

2. Ба маҳдуд намудани ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳамчунин аз рӯи дигар асосҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст, роҳ дода намешавад.

3. Ошкоро будани муҳокимаи судӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бояд барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои мурофиаҳои судии гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат карда, дар баробари ин набояд ба дахолат кардан ба фаъолияти судӣ оварда расонад, зеро мувофиқи муқарраroти моддаи 87 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст.

4. Таҳти мафҳуми ошкоро будани муҳокимаи судӣ ин имконияти ба толори маҷлиси судӣ ворид шудани шахсоне, ки иштирокчии парванда намебошанд, аз ҷумла намояндагони воситаҳои ахбори омма ва дар маҷлиси ошкорои судӣ ҳузур доштани онҳо, таъмини ҳуқуқи онҳо ҷиҳати дар шакли хаттӣ сабт кардани ҷараёни мурофиаҳои судӣ, инчунин ба навори магнитофон сабт кардани мурофиаи ҷиноятӣ ва истифодаи воситаҳои аудиоӣ дар

мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, танҳо бо иҷозати раисикунанда ва розигии тарафҳо истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион дар мурофиаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, суратгирӣ ва сабти видео дар мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмида мешавад.

Ошкоро будани муҳокимаи судӣ дар имконияти шинос шудани иштирокчиёни мурофиаи судӣ бо тамоми маводи парванда, аз ҷумла ба маводе, ки дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва суд ба даст оварда шудаанд, низ зоҳир мегардад.

Ба ғайр аз ин, ба талаботи принсипи номбурда хабар додан ва шинос намудани тарафҳо бо аризаҳо, дархостҳо, шикоятҳои воридгардида, огоҳонидан оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси суд дар марҳилаҳои гуногуни судӣ, ошкоро эълон кардани санадҳои судӣ, имконияти озодона шинос шудан бо онҳо, таъсис додани сомонаи интернетӣ бо ҷой додани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда ва гирифтани маълумотҳо дар хусуси иҷрои санадҳои судӣ дохил мешаванд.

5. Суд, судяҳо принсипи ошкоро будани муҳокимаи судиро ба роҳбарӣ гирифта, маҷлиси ошкорои судиро бояд дар толорҳое, ки барои ҳузур доштани ҳамаи шахсони иштирокчии парванда, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва дигар шахсон шароит муҳайё карда шудааст, таъин намоянд.

Бинобар он ки ҳузури намояндагони воситаҳои ахбори омма дар муҳокимаи ошкорои судӣ бо мақсади гирифтани маълумот нисбат ба парванда яке аз тарзҳои ҷустуҷӯй ва ба даст овардани иттилоот мебошад, ба ворид шудани онҳо ба толори маҷлиси судӣ монеа эҷод кардан бо асосҳои мансубияти касбӣ, мавҷуд набудани аккредитатсия ва ё асосҳои дигаре, ки бо қонун пешбинӣ нашудааст, манъ аст.

Дар назар доштан зарур аст, ки мувофиқи талаботи қисми 6 моддаи 273 КМҶ ноболиғони то шонздаҳсола, ба шарте ки судшаванда, ҷабрдида ё аз рӯи парванда шоҳид набошанд, ба толори маҷлиси суд роҳ дода намешаванд.

6. Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 11 КМГ парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ дорои маълумоти сирри давлатӣ, инчунин дигар парвандаҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст (масалан, парванда дар бораи фарзандхондӣ ва ғайра), дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ карда мешаванд.

Муҳокима дар маҷлиси пӯшидаи суд, инчунин ҳангоми қонеъ намудани дархости шахсони иштирокчии парванда, ки ба зарурати нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ ё дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд, ишора мекунанд, ба дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон ё дигар ҳолатҳое, ки ошкоро муҳокима намудани онҳо барои баррасии дурусти парванда халал мерасонанд ва ё боиси ифшои сирри зикршуда ё вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мегарданд, имконпазир аст.

7. Суд, судя бояд ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро ба ғайр аз ҳолатҳое, ки он ба ифшо шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад, таъмин намояд (қисми 1 моддаи 273 КМҶ).

Ҷиҳати паст кардани шиддати таъсири манфии мурофиаи судӣ ба рӯҳияи номукаммали ноболиғ ва таъмини мустақилияти ӯ ҳангоми додани нишондод оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд, бо таъиноти асосноки суд (қарори судя) мумкин аст, муҳокимаи пӯшидаи судӣ гузаронида шавад.

Ба ғайр аз ин, муҳокимаи пӯшидаи судӣ оид ба парвандаҳо ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад, инчунин дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, гузаронида мешавад (қисми 2 моддаи 273 КМҶ).

8. Парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ мебошанд, дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ мегарданд. Баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар маҷлисҳои пӯшидаи суд, инчунин ҳангоми қонеъ гардонидани дархости шахсони иштирокчии парванда, ки ба зарурати нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ ё дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд, ишора мекунад, ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ё дигар ҳолатҳое, ки ошкоро муҳокима кардани онҳо барои баррасии дурусти парванда халал мерасонанд ва ё боиси ифшои сирри зикршуда ё вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон мегарданд, имконпазир аст.

9. Масъалаи баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд аз ҷониби судя бо ташаббуси худ ё аз рӯи дархости тарафҳо ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҳал карда мешавад ва дар ин хусус бо нишон додани ҳолатҳои мушаххаси монеашавандаи дар толори маҷлиси суд ҳузур надоштани шахсони иштирокчии мурофиа-набударо талаб менамояд, таъиноти асоснок қабул менамояд.

Масъалаи баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд бо асосҳои дар моддаи 273 КМҶ пешбинишуда дар қарори таъини маҷлиси суд ҳал карда мешавад (сархати 4 қисми 2 моддаи 263 КМҶ).

Дар хусуси баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд низ судя таъиноти асоснок қабул менамояд.

Дар сурате, ки агар ҳолатҳои муҳокимаи пӯшидаи суд ҳангоми баррасии парванда дар маҷлиси ошкорои суд муайян гардад, суд, судя бо ташаббуси худ ё аз рӯи дархости тарафҳо масъалаи дар маҷлиси пӯшидаи суд дида баромадани парвандаро ҳал намуда, қарор (таъиноти) асоснок мебарорад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дархости шахси иштирокчии парванда ё намояндаи ӯ дар бораи баррасии парвандаи гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд аз тарафи суд, судя пас аз шунидани фикру ақидаи дигар шахсони иштирокчии парванда ҳал карда мешавад.

Таъинот (қарор)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба тамоми ҷараёни муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст. Оид ба он ки парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ гардидааст, дар протоколи маҷлиси суд ва қисми муқаддимавии санади судии қабулнамуда дарҷ карда мешавад.

Маълумот дар хусуси баррасӣ намудани парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бояд дастраси омма бошад.

10. Дар ҳолате, ки таъиноти суд (қарори судя) дар бораи муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд ҳангоми таъин намудани маҷлиси суд қабул гардад, шахсоне, ки иштирокчии парванда намебошанд, ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ба толори маҷлиси суд роҳ дода намешаванд.

Пас аз қабул ва эълони таъиноти суд (қарори судя) оид ба муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд, ки дар рафти мурофиа қабул гардидааст, шахсони дар маҷлиси суд ҳузурдошта, ки иштирокчии парванда намебошанд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма аз толори он бароварда мешаванд ва дар ин бора дар протоколи маҷлиси суд қайд карда мешавад.

Агар суд, судя таъинот (қарор) дар бораи гузаронидани қисми муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи судро қабул намуда бошад, шахсоне, ки иштирокчии парванда намебошанд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ба ҳамин қисми муҳокимаи судӣ роҳ дода намешаванд.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки хоҳиши гузаронидани муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд на танҳо аз ҷониби шахсе, ки дархостро ба манфиати шахсии худ пешниҳод намудааст ва (ё) аз ҷониби намояндаи ӯ, балки аз тарафи шахсоне, ки мутобиқи моддаҳои 47, 48, 49 КМГ ба онҳо ҳуқуқи ҳимоя кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар дода шудааст (масалан, прокурор, мақомоти васояту парасторӣ ва ғайра), метавонад пешниҳод гардад.

11. Муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо мақсади ифшо нагардидани сирри давлатӣ аз тарафи суд, судя ҳангоми дар маводи парванда мавҷуд будани маълумоте, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ба номгӯи маълумоти дорои сирри давлатӣ мансуб дониста шудааст, гузаронида мешавад. Ҳамзамон, муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо мақсади нигоҳ доштани сирри давлатӣ аз ҷониби суд дар ҳамон қисме ба амал баровардa мешавад, ки дар он чунин маълумот эълон ва (ё) таҳлил мегардад.

Бояд ба назар гирифт, ки муҳокимаи парвандаи дорои маълумоти сирри давлатӣ новобаста аз фикру ақидаи шахсони иштирокчии парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд таъин карда мешавад.

12. Муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо мақсади нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ дар ҳолате иҷозат дода мешавад, агар дорандаи чунин иттилоот, ки дархост пешниҳод кардааст, барои ҳифзи махфияти он тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» тадбирҳо андешида бошад.

Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи гузаронидани муҳокимаи парванда дар маҷли-

си пӯшидаи суд, бо мақсади нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки низоми сирри тиҷоратӣ нисбат ба маълумотҳои дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» номбаршуда, инчунин маълумоте, ки ҳатмияти ғайримахфӣ намудан ё маҳдудияти норавоии дастрасӣ ба он мутобиқи қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, наметавонад муқаррар гардад.

13. Дар парванда мавҷуд будани маълумоти ба ҳаёти шахсии иштирокчиёни парванда мансуббуда, наметавонад худ ба худ барои қабули таъиноти суд (қарори судя) дар бораи гузаронидани муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд асос гардад.

Суд, судяҳо ҳангоми баррасии масъала ҷиҳати гузаронидани муҳокимаи парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо мақсади таъмини ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ бояд хусусият ва мазмуни маълумот оид ба ҳаёти шахсии инсон, инчунин оқибатҳои эҳтимолии паҳн шудани чунин маълумотро ба инобат гиранд.

Қарор оид ба мавҷудияти дигар ҳолатҳое, ки муҳокимаи он дар маҷлиси ошкорои суд метавонад ба баррасии дурусти парванда монеа гардад ё ба вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон оварда расонад, аз ҷониби суд, судя бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда қабул карда мешавад.

14. Мутобиқи моддаи 23 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон махрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мурсилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноӣ мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Бо дарназардошти муқаррароти қисми 3 моддаи 11 КМГ ва қисми 4-и моддаи 273 КМҶ маълумотҳо оид ба мукотибаи хусусӣ ва иттилооти шахсии шаҳрвандон дар маҷлиси ошкорои суд танҳо бо иҷозати шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, эълон ва таҳқиқ карда мешавад. Қоидаҳои зикршуда инчунин ҳангоми тафтиши сабтҳои овоз ва видео, ки дорои хусусияти шахсӣ мебошанд, татбиқ карда мешаванд.

15. Дастрасии иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо роҳи ба шахсоне, ки дар маҷлиси ошкорои суд ҳузур доранд, новобаста аз шахси иштирокчии мурофиа будан ё набудани онҳо ва намояндагони воситаҳои ахбори омма бо ҳуқуқи сабти рафти муҳокимаи суд бо тартиб ва шакли бо қисми 7 моддаи 11 КМГ, қисми 5 моддаи 273 КМҶ, қисми 3 моддаи 13 КМҲМ пешбинишуда таъмин карда мешавад.

Бинобар ин ба суд, судяҳо зарур аст, ки ба ҳамаи шахсони дар маҷлиси ошкорои судӣ ҳузурдошта ва намояндагони воситаҳои ахбори омма барои ба амал баровардани чунин ҳуқуқ шароитҳои баробар фароҳам оваранд.

16. Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки муқаррароти қисми 7 моддаи 11 КМГ, қисми 5 моддаи 273 КМҶ, қисми 3 моддаи 13 КМҲМ уҳдадориҳои шахсонеро, ки дар маҷлиси ошкорои суд ҳузур доранду рафти онро дар шакли хаттӣ, инчунин бо истифодаи магнитофон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, воситаҳои аудиоӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сабт мекунанд, ҷиҳати огоҳ сохтани суд ва гирифтани иҷозати сабти рафти маҷлиси суд дар чунин шаклҳо пешбинӣ накардааст.

Истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио, видео, пахши ҷараёни маҷлиси судӣ тариқи радио ва телевизион дар мурофиаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, суратгирӣ ва сабти видео дар мурофиаи ҷиноятӣ, танҳо бо иҷозати раисикунанда ва розигии тарафҳо (қисми 7 моддаи 11 КМГ, қисми 5 моддаи 273 КМҶ, қисми 3 моддаи 13 КМҲМ) сурат мегирад.

17. Шахсони дар маҷлиси ошкорои суд ҳузурдоштае, ки иштирокчиёни мурофиа намебошанд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки хоҳиши суратгирӣ, сабти видеоии рафти маҷлиси судро доранд, бо дархост (ариза) ба суд, судя муроҷиат менамоянд. Чунин дархост дар протоколи маҷлиси суд дарҷ гардида, аз ҷониби суд, судя бо дарназардошти фикри иштирокчиёни мурофиа таҳти баррасӣ қарор дода, дар бораи қонеъ ё рад намудани дархост (ариза) таъиноти (қарори) асоснок қабул карда мешавад.

Ҳангоми қабули қарор оид ба иҷозати имконпазирии суратгирӣ, сабти видеоии

рафти маҷлиси суд, судя онро ба асос мегирад, ки чунин сабтҳо аз рӯи ҳамаи парвандаҳо имконпазир мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар он ба вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа, инчунин ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳифзи шаъну шараф ва номи нек, махрамияти мукотиба, гуфтугӯи телефонӣ, алоқаи телеграфие, ки дорои маълумоти хусусияти шахсӣ дошта бошад, оварда расонад.

18. Иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқ доранд бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 169 КМГ, 306 КМҶ, 137 КМҲМ дар хусуси ба парванда ҳамроҳ намудани маводе, ки дар натиҷаи сабти ҷараёни маҷлиси суд ба даст оварда шудаанд, дархост пешниҳод намоянд. Маводи номбурдаи аз ҷониби шахсони иштирокчии мурофиа набуда, намояндагони воситаҳои ахбори омма гирифташуда, мумкин аст ба парванда ҳамроҳ карда шаванд.

19. Сӯиистифодаи шахсони дар маҷлиси ошкорои суд ҳузурдошта ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла аз ҷониби онҳо бе иҷозати дахлдор амалӣ намудани сабти ҷараёни маҷлиси суд ин вайрон намудани тартибот дар маҷлиси суд ба ҳисоб рафта, дар ин ҳолат суд, судя ҳуқуқ дорад нисбати онҳо чораҳои таъсиррасонии дар моддаҳои 162 КМГ, 292 КМҶ ва 139 КМҲМ пешбинишударо татбиқ намояд.

20. Ҳангоми мавҷуд будани имконияти техникӣ ба суд, судяҳо лозим аст, ки ҷараёни маҷлиси судиро бо истифода аз воситаҳои техникӣ сабт намоянд. Маводи сабти ҷараёни маҷлиси суд, ки аз ҷониби суд ба амал баровардa мешавад (масалан, ҳомили сабти овоз), ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд.

21. Бо дарназардошти талаботи қисми 8 моддаи 11, моддаи 99 КМГ, қисми 7 моддаи 273 КМҶ, моддаи 142 КМҲМ санадҳои судие, ки аз рӯи натиҷаҳои баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ошкоро эълон карда мешаванд.

Агар ҳолатҳое вуҷуд дошта бошанд, ки эълони ошкорои ҳалнома оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон, ҳаёти шахсии шаҳрвандонро халалдор созад, он гоҳ ҳалнома дар маҷлиси пӯшидаи суд эълон карда мешавад.

Дар ҳолатҳои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар маҷлисҳои пӯшидаи суд, тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя, танҳо қисмҳои муқаддимавӣ ва хулосавии ҳукм эълон менамояд.

Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки санадҳои судии оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабулгардида низ бо чунин тартиб эълон карда мешаванд.

22. Тибқи муқаррароти моддаи 11 КМГ, моддаи 19 ва 273 КМҶ, моддаи 13 КМҲМ риояи принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ дар ҳама марҳилаҳои он таъмин карда мешавад. Вобаста ба ин, тартиби гузаронидани маҷлиси суд (ошкоро ё пӯшида) дар судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ бо дарназардошти талаботи қонунгузории мурофиавӣ, новобаста аз он ки дар суди марҳилаи якум парванда бо кадом тартиб баррасӣ гардидааст, муайян карда мешавад.

23. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо ошкоро ва дастрас мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дастрасӣ ба чунин иттилоот маҳдуд карда шудааст.

Ба иттилооти дастрасиаш маҳдуд чунин маълумотҳо мансубанд:

– иттилооти дорои сирри давлатӣ ё хизматӣ;

– иттилоот дар бораи баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мавридҳое, ки ифшо кардани ин маълумот бо қонун манъ карда шудааст ё метавонад боиси риоя нашудани ҳуқуқи инсон ва баррасии холисонаи судии парванда гардад, ба ҳаёт ва ё саломатии шаҳрвандон таҳдид намояд;

– махрамияти фарзандхондӣ (моддаи 139 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Суд, судя ҳуқуқ надорад додани иттилооти дархостшударо ба истиноди он ки як қисми он ба иттилооти дастрасии маҳдуд тааллуқ дорад, рад намояд. Дар ин ҳолат тибқи қисми 2 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” иттилоот танҳо дар қисми дастраси оммабуда пешниҳод карда мешавад.

24. Иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо, ки ба истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад, бояд боэътимод ва саривақтӣ

бошад, яъне ҳақиқӣ ва дар мӯҳлати бо қонун муқарраршуда пешниҳод шуда бошад.

Бинобар ин, суд, судяҳо бояд хусусият ва муҳимияти иттилооти дархостшавандаро барои истифодабаранда ба назар гиранд ва оид ба фавран пешниҳод намудани чунин иттилоот чораҷӯӣ намоянд.

25. Шакли иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо ба истифодабарандагон метавонад тибқи дархости онҳо, яъне ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои электронӣ пешниҳод кардан мумкин аст (қисми 5 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот"). Нисбати дархостҳои ба суд ба воситаи шабакаи Интернетӣ, яъне дар шакли ҳуҷҷати электронӣ воридшуда талаботҳои умумӣ нисбати барасмиятдарории дархостҳои хаттӣ татбиқ карда мешавад.

Аз рӯи дархости шифоҳӣ метавонад иттилооте пешниҳод карда шавад, ки он ҷустуҷӯ ва санҷиши махсусро талаб намекунад. Масалан, иттилоот дар бораи вақт ва ҷои баргузории маҷлиси суд, натиҷаи баррасии парванда.

26. Суд, судяҳо бояд онро ба назар гиранд, ки мӯҳлати баррасии дархост дар бораи пешниҳод намудани иттилоот дар бораи фаъолияти суд аз рӯзи бақайдгирии он оғоз меёбад. Бо мақсади саривақт пешниҳод намудани иттилооти дархостшуда, ба суд, судяҳо зарур аст, ки риояи мӯҳлати бақайдгирии дархостҳои воридшуда, аз ҷумла дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, инчунин ҷавобҳо ба онҳоро, ки дар асоси санадҳои ба танзимдарорандаи муомилоти ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ дар суд муқаррар шудаанд, таъмин намоянд.

27. Тартиби истифодаи иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо, ки дар хазинаи бойгониҳо нигоҳ дошта мешаванд, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи дахлдор ба танзим дароварда шудаанд.

28. Бо мақсади шиносоӣ бо иттилооти ҷорӣ оид ба фаъолияти судҳо бояд дар биноҳои судҳо, дар ҷойҳои ба шаҳрвандон, аз ҷумла ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дастрас лавҳаҳои иттилоот мавҷуд бошанд.

29. Дар баробари тарзу усулҳои аз тарафи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" муқарраршуда, метавонанд дигар тарзи таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо истифода карда шаванд, агар онҳо ба қонун мухолиф набошанд ва принсипи мустақилияти судяҳоро вайрон накунанд (аз ҷумла, қабули шаҳрвандон, гузаронидани конфронсҳои матбуотӣ, паҳннамоии пресс-релизҳо, нашр дар воситаҳои ахбори омма).

30. Ба Маркази таълимии судяҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки ба барномаҳои таълимии такмили ихтисоси судяҳо машғулияти махсус, ки ба татбиқи меъёрҳои танзимкунандаи масъалаҳои риояи принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо бахшида шудаанд, ворид карда шаванд.

31. Ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо ба масъалаи аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аҳамияти ҷиддӣ дода, нисбат ба қонунвайронкуниҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

32. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ" аз 31 августи соли 2007, №5 бо тағйироту иловаҳое, ки бо Қарори Пленуми Суди Олӣ аз 25 июни соли 2012 №4 ворид карда шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Пленум,**
**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуллозода Н.**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳакимова С.А.**

Манбаъ: сомонаи расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
http://sudioli.tj/index.php?action=item&id=130

# ТАФСИРИ
# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# «ДАР БОРАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ»

Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Раҳимов Маҳмад Забирович

*(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)*

## БОБИ 9.
## ТАРТИБИ ҲАЛЛИ ИХТИЛОФИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 69. Мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кунанд ва аз ҷониби субъекти ҳуқуқэҷодкунанда дар доираи салоҳияти муайянкардаи қонун бо риояи қоидаҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гарданд.**

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда шарти муҳиме, ки вобаста ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар меъёри тафсиршаванда ба маънои васеъ пешбинӣ мегардад, ки қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар моддаҳои 14-27 ҳамин Қонун дарҷ гардидаанд, бояд аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда дар доираи салоҳияти муайянкардаи қонун вобаста ба шарти риояи талабот, қоидаҳои таҳия ва қабули онҳо қабул карда шаванд.

Зикр намудан зарур аст, ки чараёни мутобиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти доимӣ дошта, он дар ҳама марҳилаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа дар сатҳи баланд гузошта мешавад. Хусусан, ҷиҳати мазкур ҳангоми қабули қонунҳо, ки ба ҳукми амал медароянд, ба назар гирифта шуда, одатан дар таҷрибаи қонунгузорӣ дар худи қонун муқаррароте дарҷ мегардад, ки бевосита ба мутобиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Тартиби таҳия ва қабули қонунҳо аз рӯи салоҳияти мақомоте, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, тибқи боби 5 ҳамин Қонун ба таври умумӣ муайян гардидааст. Ҳангоми таҳияи қонунҳо дар баробари Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти қонунҳои конститутсионӣ, ки салоҳияти субъектҳои ҳуқуқэҷодкунандаро муайян менамоянд, талаботи дастурҳои дахлдор ба инобат гирифта мешаванд. Барои мисол, тартиби таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, дар баробари ҳамин Қонун мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 ва Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2001, №419 тасдиқ гардидааст, амалӣ мешавад. Ба ҳамин монанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби ҳар

ду палатаи парламент қабул мешаванд, дар баробари Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 феврали соли 2000 дар асоси дастурҳои корӣ мувофиқи нақшаи қаблан тарҳрезӣ ва тасдиқнамудаи субъекти ҳуқуқэҷодкунанда таҳия ва қабул карда мешавад.

Ҳамчунин, аз ҷузъиёти мазмуни ҳамин меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки он бо такя ва тақвият ба муқаррароти қисми аввали моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст[1]. Мувофиқи меъёри конститутсионии мазкур пешбинӣ мешавад, ки қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, ягон эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Зеро, ки аз рӯи зинабандӣ нақши Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии сарчашмавӣ дар робита ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аввалиндараҷа ва калидӣ мебошад.

Субъекти ҳуқуқэҷодкунанда дар доираи салоҳияти муайянкардаи қонунгузорӣ вазифадоранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо тартиби риояи қоидаҳои таҳияи он қабул намуда, мутобиқати санади меъёрии ҳуқуқиро ба Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баръакси мухолифати он мебошад, таъмин намоянд.

Зимнан, қонунгузор тартиби махсуси бартараф намудани номутобиқатии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Мисол, мувофиқи қисми 6 моддаи 69 Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии салоҳияти конститутсионии худ санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё боз медорад.

Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифт баҳсҳое, ки оиди номутобиқатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, тариқи расмиёти судии конститутсионӣ ҳаллу фасл мешаванд. Тибқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 парвандаҳо оид ба масъалаи мутобиқ будани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод мегарданд, инчунин қонунҳоеро, ки аллакай эътибори қонунӣ пайдо намудаанд, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

Таҳлили таҷрибаи судӣ дар ин робита нишон медиҳад, ки аксари субъектҳои муроҷиаткунанда ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқати қонунҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон арз менамоянд. Дар ин замина вобаста ба мутобиқати қонунҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мегардад, ки хусусияти ҳатмӣ дошта, аз болои он шикоят намудан мумкин нест. Мисоли муайян кардани номутобиқатии санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «оид ба парвандаи дархости шаҳрванд Тураев М.М. «Дар бораи мутобиқати қисми 4 Қоидаҳои аттестатсия ва бақайдгирии ваколатдорони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009, №25 ва даровардани тағйирот ба он аз 25 сентябри соли 2012, №92 ба қисми дувуми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дувуми моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 марти соли 2013 шуда метавонад. Дар заминаи ҳамин Қарори Суди конститутсионӣ муайян гардидааст, ки қисми 4 Қоидаҳои аттестатсия ва бақайдгирии ваколатдорони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2009, №25 ва даровардани тағйирот ба он аз 25 сентябри соли 2012, №92, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патентӣ-иттилоотӣ» қабул гардидааст ба муқаррароти қисми дувуми моддаи 12 ва қисмҳои якум ва дувуми моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат наменамояд. Дар Қарори Суди конститутсионӣ инчунин пешбинӣ мегардад қисми санаде, ки муассисаи зикргардида қабул намудааст, асоси маҳдудкунандаи ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар кас ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ, меҳнат ва интихоби касб мебошад. Суди конститутсионӣ дар ин робита вобаста ба васеъшавӣ, ба вуҷуд омадани зарурати мақсаднокии тан-

[1] Ниг.: Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ. Душанбе, 2009. С. 69-70.

зими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба патент лозим шуморид, ки фаъолияти патентӣ ҳатто дар доираи қонуни алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда шавад. Вале, айни замон қонуни алоҳида вобаста ба фаъолияти ваколатдорони патентӣ қабул нагардидааст.

Дигар талаботе, ки нисбати санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад, мутобиқат ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки санадҳои меъёрии дар моддаҳои 19-27 ҳамин Қонун зикргардида низ бояд дар баробари мутобиқат ба талаботи Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат нанамоянд. Талаботи номбурда нисбати ҳамагуна санадҳои меъёрии ҳуқуқие пешбинӣ мегардад, ки бо мақсади татбиқи салоҳияти мақомоти сатҳи олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорат, муассисаҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Қонунгузор барои рафъи номутобиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ меъёри махсусеро пешбинӣ менамояд, ки барои бартараф кардани ҳамагуна номутобиқатӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, мувофиқи қисми 3 Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мавриди амал қарор додани он» аз 4 апрели соли 2001, №275 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба Қонуни конститутсионии мазкур мутобиқ гардониданӣ қонунгузории ҷорӣ таклифҳо пешниҳод намояд ва қарорҳои худро ба Қонуни конститутсионии мазкур мутобиқ гардонад. Чунин мисолҳо дар қонунгузорӣ хеле зиёд ба назар мерасанд.

**Моддаи 70. Тартиби бартараф намудани ихтилоф байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

**1. Санади меъёрии ҳуқуқии баробардараҷа нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқии ҳамин дараҷа ҳангоми мавҷуд будани ихтилофҳо дар ҳолатҳои зерин қувваи бештари ҳуқуқӣ дорад:**

**– агар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як мавзӯи танзим нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ баъдтар қабул шуда бошад;**

**– агар мавзӯи танзими ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки умумӣ мебошад, махсус бошад.**

**2. Дар сурати ба меъёрҳои қонунҳо ихтилоф доштани меъёрҳои қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот меъёрҳои қонунҳо амал мекунанд.**

1. Дар меъёри тафсиршаванда оид ба масъалае, ки дар ҷараёни қонунгузорӣ имкон дорад ба вуҷуд ояд, яъне ихтилофи байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад. Мутобиқи моддаи 2 ҳамин Қонун мафҳумҳои ҳаммаънои «ихтилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «номувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» истифода мешаванд, ки одатан дар байни меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳамон як муносибати ҷамъиятиро ба танзим медароранд, ба миён меоянд (муфассалтар ниг. ба тафсири моддаи 2 ҳамин Қонун).

Яке аз муҳимтарин ҷузъиёте, ки дар ҷараёни таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меояд, бартараф намудани ихтилофот мебошад. Ҷиҳати бартараф намудани ихтилофот аз усулҳои гуногун, аз ҷумла, маънидодкунӣ, қабули санади нав, бекор намудани санади қаблӣ, ворид намудани тағйирот ва ё муаяйнкунии санадҳои амалкунанда, баррасии маъмурӣ, арбитражӣ ва ҳакамӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҷараёни музокирот, таъсиси комиссияҳои муоҳидавӣ, адолати судии конститутсионӣ, мушаххасгардонии фаҳмиши ҳуқуқӣ, алоқамандии назария ва амалия ва ҳатто расмиёти байналмилалӣ истифода мешавад.

Маънидодкунии санади меъёрии ҳуқуқӣ яке аз усули маъмули бартараф намудани ихтилофот аст. Қонунгузор, барои мисол, метавонад аз ин усул ҳангоми шарҳу тафсири Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷики-

стон, ки аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул карда мешавад, истифода намояд.

Роҳҳои дигар бартараф намудани ихтилофоти санади меъёрии ҳуқуқӣ қабули санади нав ва бекор намудани санади қаблӣ мебошад, ки бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Тариқи қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав, қонунгузор метавонад ихтилофоти байни санадҳои томи меъёрии ҳуқуқӣ ва ихтилофоти қисми таркибии санади меъёрии ҳуқуқиро бартараф созад.

Ворид намудани тағйирот ва ё муайянкунии санадҳои амалкунанда роҳи дигари паҳнгаштаи бартараф намудани ихтилофоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Зарурати тағйирот ва таҳаввулоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар омилҳоро ба инобат гирифта, қонунгузор дар сурати ошкор намудани носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи ихтилофноки истифодаи он, мақомоте (шахси мансабдоре)-ро, ки санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабул намудааст вазифадор менамояд, ки дар санади тафсир, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмиро дорад, шарҳи меъёрии онро пешниҳод намояд (муфассалтар ниг. ба тафсири моддаи 68 ҳамин Қонун).

Ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути мураттабсозӣ низ бартараф карда мешавад. Мураттабсозии қонунгузорӣ бо роҳҳо ва усулҳои муайян анҷом дода мешавад. Аз ҷумла, бо мақсади таъмини интишори саривақтии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2000, №138 ба анҷом расонида мешавад, ки он ҳамчун манбаи расмӣ дар татбиқи ҳуқуқ истифода мешавад[1].

Дар меъёри тафсиршаванда ҳамчунин пешбинӣ мегардад, ки ҳангоми баробардарҷа будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кадом ҳолатҳо қувваи бештари ҳуқуқӣ доштани он муайян мегардад. Қувваи бештари ҳуқуқӣ доштани санади меъёрии ҳуқуқӣ, қабл аз ҳама афзалияти онро дар танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ дар назар дорад, ки ҳангоми пайдо шудани ихтилофот ба инобат гирифта мешавад. Қонунгузор дар мавриди баробардараҷа будани ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ аз усулҳое истифода менамояд, ки имкон медиҳанд, ки ихтилофотро барҳам зананд. Аз ин рӯ, асосан ду омили бартараф кардани ихтилофот ҳангоми баробардараҷа будани санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешавад:

1) омили вақт, яъне агар санади меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як мавзӯи танзим нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ баъдтар қабул шуда бошад;

2) омили мавзуӣ, яъне агар мавзӯи танзими ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки умумӣ мебошад, махсус бошад.

Ҳар ду ҳолат ҳам дар таҷриба ҳангоми ҳалли ихтилофоти аёнӣ ба назар мерасанд. Махсусан ҳангоми қабули қонунҳо, омили вақт, яъне баъдтар қабул шудани онҳо ба инобат гирифта мешавад. Одатан дар ин ҳолат ҳангоми қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ дар он зикр карда мешавад, ки кадом санади қаблӣ (номгӯйи санадҳо) бэътибор дониста мешаванд. Бо такя ба ҳамин муқарраорт ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқ бартараф карда мешаванд. Дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, махсусан ҳангоми танзими комплекси муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки новобаста аз баъдтар қабул гардидани санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади қаблӣ амал менамояд. Ин вазъ метавонад ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие ба вуҷуд ояд, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси қонун равона гардидаанд ва метавонад ба ихтилофи байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда расонад.

2. Қисми дувуми меъёри тафсиршаванда волоияти қонунро ҳангоми ба вуҷуд омадани ихтилоф бо санадҳои меъёрии қаблан мушаххас, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда қабул мешаванд, пешбинӣ менамояд. Новобаста аз он, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пурра ё ин ки қисман ба қонун мухолифат менамояд, амали қонун волотар эътироф мешавад. Ягона ҷиҳате, ки мебоист аз ҷониби қонунгузор ба инобат гирифта шавад, муайян намудани номгӯйи санадҳои меъёрист, ки ҳангоми ихтилоф доштанашон вобаста ба қонунҳои соҳавӣ, амал наменамоянд. Фаразан, агар муқаррароти қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1] Айни замон 4 қисми он ба нашр расида, аз рӯи мавзӯъ банду баст карда мешавад.

«Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 феврали соли 2000 мухолифат дошта бошанд, он гоҳ меъёрҳои ҳамин Қонуни конститутсионӣ амал менамоянд. Аз ин бармеояд, ки ин ҷо қонунгузор қабл аз ҳама, бояд ихтилофоти санадҳои меъёрии зикргардидаро ба қонунҳои соҳавӣ пешбинӣ намояд.

Агар зинабандии санадҳои меъёрии боқимондаро дар ҳамин қисми тафсиршаванда ба инобат гирем, он гоҳ, маълум мешавад, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки асосан ба ҳокимияти иҷроияи сатҳи олӣ ва маҳаллӣ мансубанд, наметавонанд дар сурати мухолифат доштанашон бо қонунҳои дахлдор татбиқ шаванд.

**Моддаи 71. Бартараф кардани норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ**

**1. Дар ҳолати пайдо кардани норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, ки онро қабул кардааст, вазифадор аст ба он тағйиру иловаҳои дахлдоре ворид намояд, ки норасоиро бартараф месозанд.**

**2. То ворид кардани тағйиру иловаҳои дахлдор норасоиҳо бо роҳи истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ бартараф карда мешаванд.**

**3. Истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар мавриди маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, инчунин муқаррар намудани ҷавобгарӣ манъ аст.**

1. Доир ба меъёри тафсиршаванда қайд кардан зарур аст, ки дар радифи истилоҳи «норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ» қонунгузор мафҳуми «норасоӣ дар қонунгузорӣ»-ро, ки тибқи моддаи 2 ҳамин Қонун пешбинӣ мегардад, мавриди истифода қарор додааст. Норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун набудани меъёрҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятии дахлдорро танзим менамояд ва зарурати танзими муносибатҳоро аз шарту моҳияти мазмуни низоми ҷории ҳуқуқии давлат ва принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бармеомада ба миён меорад. Моҳиятан, норасоиҳо метавонанд то таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё баъди қабули он ба вуҷуд оянд.

Дар амалияи қабул, татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарурати бартараф намудани норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ пайдо мегардад, ки бо усул ва тартиби махсус анҷом дода мешавад. Бинобар ҳамин, қонунгузор мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро вазифадор намудааст, ки ҳангоми пайдо гаштани норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намояд. Даровардани тағйироту иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади бартараф намудани норасоиҳо одатан бо ташаббуси худи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда тибқи салоҳияти ба зиммаи онҳо мувофиқи қонунгузорӣ вогузор гардида, бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Қонун амалӣ гардонида мешавад.

2. Мувофиқи муқаррароти қисми дувуми меъёри тафсиршаванда норасоиҳо то ворид кардани тағйиру иловаҳои дахлдор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо роҳи истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ бартараф карда мешаванд. Қиёси қонун асосан ҳамчун тарзи рафъи нуқсон дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ҳисоб рафта, ҳаллу фасли кори мушаххаси воқеӣ дар асоси меъёри шабеҳи қонун аст[1]. Дар тафовут аз қиёси қонун, қиёси ҳуқуқ ҳалли кори мушаххаси воқеӣ дар асоси нуктаи асосӣ ва маънии ҳуқуқ пешниҳод мегардад[2].

Татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамавақт якзайл анҷом дода мешавад. Ҳамчун қоида аз қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ тариқи пайдарҳамӣ бештар дар соҳаҳои хусусии ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи граждании ва ҳуқуқи оилавӣ истифода мегардад. Истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар ҳуқуқи мурофиаи судии иқтисодӣ[3] ва ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ[4] пешбинӣ гардида, дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноӣ истисно карда мешавад.

[1] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе, 2012. С. 245.

[2] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе, 2012.

[3] Татбиқи қиёси қонун ва ҳуқуқ дар ин маврид бо шартҳои мушаххас анҷом дода мешавад. Муфассалтар ниг.: Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсири Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ». Душанбе, 2011. С. 26-27.

[4] Ниг.: Комментарий к Гражданско-процессуальному кодексу Республики Таджикистан / Под ред. д.ю.н., профессора М.З. Рахимова. Душанбе, 2012.С. 24.

Қиёси қонун дар заминаҳои муайян истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, дар қонунгузории гражданӣ истифодаи он дар ҳолатҳои зерин имконпазир аст:

1) ҳангоми набудани меъёри дахлдори қонун;

2) набудани созиши тарафҳо;

3) мавҷуд набудани одатҳои мубодилаи савдо.

Шартҳои асосии истифодаи қиёси ҳуқуқ инҳоянд:

1) ошкор гардидани нуқсон, яъне набудани меъёри қонун, ки барои ҳалли кори мушаххас зарур аст;

2) набудани меъёри дигари шабеҳ, ки ба ҷойи меъёри ҷойнадошта истифода шуданаш мумкин аст.

Дар таносуб қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар соҳаҳои оммавии ҳуқуқ баръакс истифода мегарданд. Ҳолатҳое дар қонунгузории дохилӣ ва санадҳои байналмилалӣ мавҷуданд, ки татбиқи қонунро аз рӯи ҳамагуна қиёс бевосита манъ менамоянд. Барои мисол, дар қисми сеюми моддаи 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 ва қисми сеюми моддаи 7 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 мушаххас муқаррар гардидааст, ки татбиқи қонун аз рӯи қиёс манъ аст. Ба ҳамин монанд манъи татбиқи қиёс дар моддаи 22 Статути Римии Суди Байналмилалии Ҷиноӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 19 декабри соли 1999 ба тасвиб расонидааст, пешбинӣ гардидааст[1].

Мавриди зикр аст, ки истилоҳоти «қиёси қонун» ва «қиёси ҳуқуқ» дар моддаи 2 ҳамин Қонун дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, муқаррар гардидааст, ки қиёси қонун бинобар сабаби набудани меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбати онҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорие, ки муноси-батҳои ҷамъиятии шабеҳро ба танзим медароранд, истифода мешавад. Дар навбати худ қиёси ҳуқуқ бо сабаби набудани меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои шабеҳи он нисбати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ намудани асосҳои умумӣ, мазмуни қонун, талаботи бовиҷдонӣ, хирад ва адолатро тақозо менамояд.

Зикр намудан зарур аст, ки қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар сурати бевосита дар қонун пешбинӣ гардидан ҳамчун воситаи иловагӣ ва муваққатии бартараф намудани норасоӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ баромад менамояд. Албатта, на ҳама санади меъёрии ҳуқуқии қабул ё татбиқшаванда, пурра ва ё ба таври дахлдор доимо фарогири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Дар заминаи меъёри тафсиршаванда ҳамагуна субъекти ҳуқуқэҷодкунанда, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул менамояд, вазифадор аст, ки ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намояд. Зимнан, тартиби даровардани тағйиротту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи зинабандии онҳо бо тартиби умумӣ ва махсус анҷом дода мешавад.

3. Аз қисми сеюми меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ дар ду ҳолат манъ аст:

1) дар мавриди маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон;

2) ҳангоми муқаррар намудани ҷавобгарӣ.

Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон на ҳамавақт иҷозат дода мешавад. Ҳолатҳои истисноии маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда метавонанд. Бинобар ҳамин, қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ, ки танҳо вобаста ба ҳолати мушаххас татбиқ мешаванд, наметавонанд қонунгузориро иваз намоянд. Иловатан, қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро маҳдуд менамоянд, мавриди татбиқ қарор намегиранд.

[1] Международное право в документах. Душанбе, 2011. С. 169.

## БОБИ 10.
## БАҲИСОБГИРӢ, БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА МУРАТТАБСОЗИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 72. Баҳисобгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

**Санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳал-**

**лии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирӣ, қайди давлатӣ ва дохил намудан ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд.**

Тибқи моддаи тафсиршаванда тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар қисми 1 моддаи 7 Қонуни тафсиршаванда пешбинӣ шудаанд, мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 56 қонуни тафсиршаванда барои баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ ва дохил намудан ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки тибқи қисми моддаи тафсиршаванда тартиби баҳисобгирӣ, бақайдигири давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Аз ин рӯ, баҳри татбиқи моддаи 72 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2009 таҳти рақами №608 тасдиқ гардидааст. Тибқи тартиби зикргардида аз тарафи Раёсати баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати адлия, санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати як моҳ аз лаҳзаи гирифтани санади меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

Бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ инҳоро дарбар мегарад:

– ташхиси ҳуқуқии мутобиқати ин санад ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қабули қарор дар бораи зарурати бақайдгирии давлатии ин санад бо додани хулоса;

– додани рақами бақайдгирӣ;

– ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил намудани санад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ даровварда мешаванд, ки он қисми таркибии низоми иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб ёфта, дар қаламрави давлат расонидани ахбори ҳуқуқиро ба амал мебарорад ва махзани маълумоти ахбори ҳуқуқӣ мебошад.

Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи ваколати худ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз 9 сентябри соли 1991 қабул шудаанд, дохил карда мешаванд:

– Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;

– санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

– қонунҳои конститутсионӣ;

– кодексҳо, қонунҳо;

– қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ;

– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

– қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;

– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

– қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

– қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти расмӣ дорад.

Санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, бояд дорои маълумоти зерин бошад:

– намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ;

– мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, ки санади меъёрии ҳуқуқииро қабул кардааст;

– номе, ки мавзӯи танзими онро ифода мекунад;

– имзои шахсе (шахсоне), ки расман ваколатдори (ваколатдорони) имзо намудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор мебошад (ба истисноси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;

– ҷой ва санаи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ;

– рақами санади меъёрии ҳуқуқӣ (ба истисноси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд);

– рақами бақайдгирии санади меъёрии ҳуқуқӣ;

– матни санади меъёрии ҳуқуқӣ;

– таърихи эътибор пайдо намудани санад;

– маълумот дар бораи интишори санад дар нашрияҳои расмӣ;

– маълумот дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, боздоштан ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд, рақами бақайдгирӣ дода мешавад.

Баъд аз бақайдгирии давлатии санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ як нусхаи он (матни аслӣ) бо рақами додашудаи бақайдгирии давлатӣ ба мақоми дахлдори идоракунии давлатӣ фиристонида мешавад. Нусхаи дуюми санад дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 73. Санҷиш ва бақайдгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.**

**1. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ба санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ месанҷад ва бақайдгирии давлатии онҳоро амалӣ мекунад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд.**

**2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз қайди давлатӣ нагузаштаанд, оқибати ҳуқуқӣ надоранд ва ҳамчун эътибориадошта наметавонанд барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор ва татбиқи муҷозот барои иҷро накардани муқаррароти онҳо асос гарданд. Ҳангоми ҳалли баҳсҳо ба ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истинод намудан мумкин нест.**

**3. Дар мавриди аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рад карда шудани бақайдгирии санади меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳоки-мияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардаанд, метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намоянд.**

**4. Дар ҳолати мухолифати санади меъёрии ҳуқуқии вазорат, кумитаи давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии навқабулшуда Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани он қарор қабул намуда, онро барои маълумот ва аз эътибор соқит донистани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти қабулнамудаи он мефиристад. Қарор дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад.**

1. Тибқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда мутобиқати тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ба санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати як моҳ аз лаҳзаи гирифтани санади меъёрии ҳуқуқӣ санҷида шуда ва бақайдгирии давлатии онҳо амалӣ карда мешавад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмӣ дошта, новобаста аз муҳлати амал ва хусусияти маълумоти дар онҳо маҳфузбуда (аз он ҷумла санадҳои дорои муҳрҳои «барои истифодаи хизматӣ», «на барои интишор» ва «махфӣ») ба бақайдгирии давлатӣ равона карда мешаванд, яъне онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он сурат дохил карда мешаванд, ки меъёри дар он мавҷудбуда ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, кафолати баамалбарории онҳо, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфтаанд, дахл дошта бошанд, инчунин механизми татбиқи ин ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии дар лаҳзаи пешниҳоди санад барои бақайдгирӣ санади амалкунандаро муқаррар менамоянд, тағйир медиҳанд, илова ба он дохил мекунанд, ё бекор менамоянд.

Барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмие, ки якҷоя аз тарафи якчанд мақомоти давлатӣ қабул карда шудааст, ба зиммаи мақоме гузошта мешавад, ки дар қатори шахси имзокардаи (тасдиқкардаи) санад ташаббускори он мебошад.

Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 53 Қонуни мазкур пурра нишон дода шудааст (Ниг.: тафсири моддаи 53 Қонуни мазкур).

2. Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи тафсиршаванда тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз қайди давлатӣ нагузаштаанд, оқибати ҳуқуқӣ надоранд ва ҳамчун эътиборнадошта наметавонанд барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор ва татбиқи муҷозот барои иҷро накардани муқарраротионҳо асос гарданд. Ҳамзамон, бояд бояд қайд намуд он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мухолифат доранд аз қайд давлатӣ гузаронида намешаванд ва аз ин рӯ, барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ асос шуда наметавонанд. Инчунин, дар ҳалли баҳсҳо истифодаи санадҳои меъёрии аз қайди давлатӣ нагузашта, мумкин нест.

Тибқи қисми 3 моддаи тафсиршаванда бақайдгирии санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ рад карда мешавад, агар санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда:

– ба қонунгузории амалкунанда мухолифат кунад;

– ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, маҳдуд созад ё ба зиммаи онҳо уҳдадориҳои пешбининакардаи қонунгузориро гузорад;

– аз доираи ваколати мақоме, ки онро тасдиқ кардааст, барояд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмие, ки бақайдгирии давлатии онҳо рад карда шудааст, ба мақоме, ки онро тасдиқ кардааст, бо нишон додани мухолифати он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешаванд. Бинобар ин, як нусхаи он дар Вазорати адлия боқӣ мемонад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ метавонанд ба мақоме, ки онро тасдиқ кардааст, бе қайд баргардонида шаванд, агар тартиби муқаррарнамудаи пешниҳоди санад, ки барои бақайдгирии давлатӣ дар Тартиби зикр гардида пешбинӣ шудааст, вайрон карда шуда бошад.

Дар ҳолати аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рад намудани бақайдгирии санади меъёрии ҳуқуқӣ, мақоми давлатие, ки ин санадро қабул кардааст, метавонад ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят пешниҳод намояд.

Тибқи қисми 4 моддаи тафсиршаванда дар ҳолати мухолифати санади меъёрии ҳуқуқии вазорат, кумитаи давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии навқабулшуда, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани он қарор қабул намуда, онро барои маълумот ва аз эътибор соқит донистани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти қабулнамудаи он фиристода мешавад. Қарор дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад.

**Моддаи 74. Назорат ва санҷиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

**1. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи муқаррароти боби мазкурро аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мунтазам назорат мекунад.**

**2. Барои амалӣ намудани ваколати мазкур Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар се моҳ нақшаи гузаронидани санҷишҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро тасдиқ менамояд. Нусхаи нақшаи гузаронидани санҷишҳо ба воситаи почта ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар нақша дарҷ гардидаанд, фиристонида мешавад.**

**3. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати дастрас намудани маълумот оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ё бидуни бақайдгирии давлатӣ татбиқшавии амали он ҳуқуқ дорад санҷишҳои ғайринақшавиро гузаронад.**

**4. Дар сурати муайян намудани санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмие, ки аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул гардида, ба қайди давлатӣ гирифта нашудаанд, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи беэътибор донистани онҳо протокол тартиб дода, чопи онро дар нашрияи расмӣ таъмин менамояд.**

**5. Барои вайрон кардани муқаррароти ҳамин боб аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шахсони мансабдори онҳо ба ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешаванд.**

1. Дар асоси қисми 1 моддаи тафсиршаванда Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ваколати худ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро мунтазам назорат менамояд, то ки дар самти фаъолияти онҳо мухолифат ба вуҷуд наояд.

2. Тибқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколати худ дар ҳар се моҳ тибқи нақша санҷиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии қабулнамудаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро оид ба мутобиқати онҳо ба Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, мегузаронад.

Баҳри иҷроиши саривақтии назорат ва санҷиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи муқаррароти моддаи мазкур нақшаи гузаронидани санҷишҳо ба воситаи почта ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар нақша дарҷ гардидаанд, фиристонида мешавад.

Дар асоси муқаррароти қисми 3 моддаи тафсиршаванда дар сурати мавҷуд будани маълумот оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ху-

дидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ё бидуни бақайдгирии давлатӣ татбиқшавии амали он, Вазорати адлия ҳуқуқ дорад санҷишҳои ғайринақшавӣ низ гузаронад ва ин ҳолат бахри пешгирӣ намудани қабули санадҳое, ки бар хилофи низоми қонунгузорӣ ва мухолифатҳоро ба вуҷуд меоранд, пешгирӣ карда шаванд.

Дар асоси муқаррароти қисми 4 моддаи тафсиршаванда, дар ҳолати дар рафти санҷиш аз ҷониби Вазорати адлия муайян гардидани санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмие, ки аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул гардида ба қайди давлатӣ гирифта нашудаанд, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи беэътибор донистани онҳо протокол тартиб дода, маълумотро дар бораи аз эътибор соқит донистани онҳо дар нашрияи расмӣ интишор менамояд. Мақсади муқаррароти моддаи мазкур аз он иборат мебошад, ки низоми муайяни қонунгузорӣ риоя карда шавад ва ба мухолифат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳ дода нашавад.

Тибқи меъёри қисми 5 моддаи тафсиршаванда барои вайрон кардани муқаррароти боби мазкур вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шахрак ва деҳот шахсони мансабдори онҳо ба ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешаванд. Аз ҷумла, тибқи моддаҳои 501-503 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ, тартиби баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи қонунӣ пайдонакардаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шахсони мансабдори онҳо тибқи муқаррароти моддаҳои зикргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Тибқи муқаррароти моддаи 501 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи хизмати давлатӣ, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Агар барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 502 Кодекси мазкур бошад барои аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот риоя накардани тартиби баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Инчунин, тибқи моддаи 503 Кодекси мазкур барои дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи қонунӣ пайдонакардаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[1].

[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №12).

**Моддаи 75. Тартиби баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.**

**2. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкурро мураттаб сохта, нусхаҳои назоратии санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул намудаашонро пеш мебаранд ва ба онҳо сари вақт тамоми тағйиру иловаҳои мавриди амал қароргирифтаро дохил менамоянд (ҚҲТ аз 28.06.11с., №730).**

1. Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи тафсиршаванда тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Аз ин рӯ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 31 октябри соли 2009, №608 тасдиқ гардидааст. Тибқи тартиби мазкур Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо пешниҳоди саривақтии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаро барои баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатӣ ва дохил намудани онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

Тибқи қисми 15 Тартиби зикр шуда, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бақайдгирии давлатии санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ на дертар аз 15 рӯз, мақоме, ки ин санадро қабул кардааст, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро дар бораи сарчашмаи интишори ин санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

2. Дар асоси муқаррароти қисми 2 моддаи тафсиршаванда, тибқи тартиби муқарраргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуданд, онҳоро мураттаб сохта, нусхаҳои назоратӣ, пешбурд ва сари вақт тамоми тағйиру иловаҳоро ба он бояд ворид намоянд. Бояд қайд намуд, ки қисми мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.06.11с., №730 қабул гардидааст, вале то ба ҳол тартиби дар моддаи мазкур пешбинишуда, қабул карда нашудааст.

**Моддаи 76. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шаванд.**

**2. Пешбурди Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.**

**3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда дар муҳлати 15 рӯз ба Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.**

**4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дохил намудан ба Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли нусхаи тасдиқшуда ва дар шакли электронӣ пешниҳод мегарданд.**

**5. Тартиби таъсис ва пешбурди Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.**

1. Тибқи қисми 1 моддаи тафсиршаванда тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ваколати худ хазинаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ташкил дода, дар асоси он Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дода, онҳоро ворид менамояд (сархати 10 банди 1 қисми 6 Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

2. Тибқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда ва Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбурди Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи тафсиршаванда баъд аз бақайдгирии давлатии санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ на дертар аз 15 рӯз, мақоме, ки ин санадро қабул кардааст, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро дар бораи сарчашмаи интишори ин санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

4. Тибқи қисми 4 моддаи тафсиршаванда барои ба Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намуда-

ни санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмие, ки баъди аз қайди давлатӣ гузаштан ва имзои роҳбари мақоми давлатии дахлдор, дар ду нусха (матни аслӣ ва нусхаи тасдиқшуда) матни электронии онҳо низ бо забони давлатӣ ва забони муоширати байни миллатҳо, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5. Тибқи қисми 5 моддаи тафсиршаванда тартиби таъсис ва пешбурди Махзани мутамарказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Тиқи қисми 1 моддаи 13 Қонуни мазкур, Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон – номгӯи соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006 таҳти рақами №359 (бо назардошти тағйирот бо Қарор аз 31.10.2009 № 619) Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ тасдиқ гардидааст. Тибқи Қарори мазкур, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор мебошад:

– пешбурди Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намояд;

– картотекаи баҳисобгирӣ ва систематизатсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, ба он ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ворид намояд, бақайдгирӣ ва нашри минбаъдаи онҳоро тибқи тартиби муқарраргардида таъмин кунад;

– таъсис ва пешбурди Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқиро дар ҳомилҳои қоғазӣ ва мошинӣ таъмин намояд;

– дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои қоғазӣ ва мошинӣ гирифтани иттилооти ҳуқуқиро таҳия ва тасдиқ намояд.

Ҳамзамон, тибқи қисми 3 қарори зикргардида Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифодаи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фаъолияти худ таъмин намоянд.

## БОБИ 11.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 77. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 682) аз эътибор соқит дониста шавад.**

Моддаи тафсиршаванда ба масъалаи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бахшида шудааст. Тибқи он Қонуни мазкур, ки аз 8 декабри соли 2003 қабул карда шуда буд, беъэтибор дониста мешавад. Рӯзи беъэтибор донистани Қонуни мазкур рӯзе ҳисобида мешавад, ки Қонуни тафсиршаванда дар рӯзнома ба нашр расидааст.

**Моддаи 78. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

**Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.**

Тибқи моддаи тафсиршаванда Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ бояд мавриди амал қарор дода шавад. Ҳамчун анъана дар Ҷумҳурии мо Қонунҳо пеш аз ҳама дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» нашр мешавад. Аз рӯзе, ки дар рӯзномаҳои мазкур қонун нашр мешаванд, эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда ва талаботи онҳо бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад. Ҳолатҳое мешавад, ки қонун дар рӯзномаҳои зикршуда дар рӯзҳои гуногун интишор мешавад, дар чунин ҳолат талаботи ҳамон рӯзнома ба назари эътибор гирифта мешавад, ки қаблан (пештар) чоп шудааст.

# ФАРҲАНГИ РУСӢ БА ТОҶИКИИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚ

# РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ ЮРИДИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

Раҳимзода Маҳмад Забир
(Раҳимов М.З.)

*(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)*

## Е

**Евразийское экономическое сообщество** – Иттиҳоди Иқтисодии Евроосиё
**Еврейское право** – ҳуқуқи яҳудӣ
**Евро** – евро
**Евровалюта** – асъори евро
**Евровалютный рынок** – бозори асъори евро
**Еврооблигация** – вомбарги евро
**Европарламент** – парлумони аврупоӣ
**Европейская валютная система** – низоми асъори аврупоӣ
**Европейские сообщества** – ҷомеаи аврупоӣ
**Европейский валютный фонд** – фонди аврупоии асъор
**Европейский суд** суди аврупоӣ
**Европейский суд по правам человека** – суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон
**Европейское право** – ҳуқуқи аврупоӣ
**Европейское экономическое пространство** – фазои иқтисодии аврупоӣ
**Единая предпринимательская ставка** – мизони ягонаи соҳибкорӣ
**Единение** якшавӣ, ягонагӣ
**Единица налогообложения** – андозаи андозбандӣ, ягонагии андоз
**Единобрачие** – якникоҳӣ
**Единовластие** – яккаҳокимиятӣ
**Единовластный** – яккаҳукмрон
**Единовременное вознаграждение** – мукофоти яквақта
**Единовременное пособие** – ёрдампулии яквақта
**Единогласие** – ҳамфикрӣ, ҳамрайъӣ
**Единодушно** – якдилона
**Единодушное решение** – ҳалли якдилона
**Единое гражданство** – шаҳрвандии ягона, яккашаҳрвандӣ
**Единокровный** – ҳамхун
**Единоличные действия судьи** – амали танҳои судя, танҳо амалкунии судя
**Единонаследие** – яккамеросӣ, яккаворисӣ
**Единоначалие** – яккасардорӣ
**Единоутробные братья** – бародарони ҳамбатн
**Единство власти** – ягонагии ҳокимият
**Единство** – ягонагӣ
**Единство государственной власти** – ягонагии ҳокимияти давлатӣ
**Единство законности** – ягонагии қонуният
**Единство интересов** – ягонагии манфиатҳо, умумияти манфиатҳо

**Единство судебной системы** – ягонагии низоми судӣ
**Единый избирательный округ** – ҳавзаи ягонаи интихоботӣ
**Единый государственный земельный фонд** – фонди ягонаи давлатии замин
**Единый идентификационный номер** – рақами ягонаи мушаххас
**Единое окно** – равзанаи ягона
**Единый плательщик** – пардохткунандаи ягона
**Ежегодный** – ҳамасола
**Ежедневно** – ҳамарӯза
**Естественная монополия** – монополияи табиӣ
**Естественная смерть** – марги табиӣ
**Естественное право** – ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ)
**Естественные права человека** – ҳуқуқҳои фитрии инсон

## Ж

**Жадность** – ҳирс
**Жадный** – ҳарис
**Жажда крови** – ташнаи интиқом
**Жалоба** – шикоят
**Жалобная книга** – китоби шикоятҳо
**Жалобщик** – шикоятгар
**Жаловаться в суд** – ба суд шикоят кардан
**Жалость** – тараҳҳум
**Желаемое выдавать за действительность** – хоҳишро ҳамчун воқеият (ҳаққоният) нисбат додан
**Желание** – мурод, орзу, хоҳиш
**Железная дорога** – роҳи оҳан
**Железнодорожный транспорт** – нақлиёти роҳи оҳан
**Жена брата** – янга, бародарзан
**Женатый** – зандор, хонадор
**Женщина-мать** – зани фарзанддор, модар
**Жертва** – қурбонӣ, қурбон
**Жертвоприношение** – қурбонӣ кардан, қурбонӣ
**Жёсткий приговор** – ҳукми сахт, ҳукми вазнин
**Жестокий** – бераҳм, сангдил
**Жестоко** – бераҳмона, сангдилона
**Жестокость** – бераҳмӣ, сангдилӣ
**Живой свидетель** – шоҳиди зинда
**Жизнь** – умр, ҳаёт
**Жилищное право** – ҳуқуқи манзил
**Жилище** – манзил, истиқоматгоҳ
**Жилищно-строительный кооператив (ЖСК)** – кооперативи сохтмони манзил (КСМ)
**Жилищное хозяйство** – хоҷагии манзил
**Жилищный фонд** – фонди манзил
**Жилое строение** – сохтмони истиқоматӣ
**Жилое помещение** – манзили истиқоматӣ
**Жилой** – истиқоматӣ
**Жилплощадь** – масоҳати манзил, (майдони истиқоматӣ) манзилгоҳ
**Житель** – истиқоматкунанда, сокин
**Жительство** – истиқомат, зист
**Жребий** – қуръа

**Жулик** – қаллоб, фиребгар, маккор
**Жульничество** – қаллобӣ, фиребгарӣ, маккорӣ

## З

**Забаллотировать** – интихоб накардан, ғалтондан
**Забастовка** – корпартоӣ
**Забастовщик** – корпарто, корпартоянда
**Забвение** – фаромӯш
**Заблудившийся** – гумроҳшуда
**Заблуждение** – гумроҳӣ
**Забывчивый** – фаромӯшхотир
**Забывчивость** – фаромӯшхотирӣ
**Заботливость** ғамхорӣ
**Завоевание** – ишғолкунӣ, забт
**Завоеватель** – истилогар, ишғолгар
**Заведение дела** – оғози парванда
**Заведомо** – ошкоро, дидаю дониста
**Заведомо ложная реклама** – рекламаи ошкоро бардурӯғ
**Заведомо ложное сообщение об акте терроризма** – хабари ошкоро бардурӯғ дар бораи амали террористӣ
**Заведомо ложное показание** – нишондоди ошкоро бардурӯғ
**Заведомо ложный донос** – хабари ошкоро дурӯғ
**Заведомо незаконное задержание** – дидаю дониста ғайриқонунӣ дастгир кардан
**Заведующий** – мудир
**Заверение** – боваркунонӣ
**Заверитель** – тасдиққунанда
**Заверить подпись** – имзоро тасдиқ кардан
**Заверенная копия** – нусхаи тасдиқшуда
**Завещание** – васиятнома
**Завещание закрытое** – васияти пӯшида
**Завещательное возложение** – базиммагузории ворисӣ
**Завещатель** – васиятгар, васиятгузор
**Завещать** – васият кардан
**Завещательное письмо** – мактуби васиятӣ
**Завещательное распоряжение** – супориши васиятӣ (тибқи васиятнома)
**Завещательный отказ (легат)** – супориши васияткунандаи мерос, легат
**Зависимое хозяйственное общество** – ҷамъият хоҷагии вобаста
**Завод казённый** – заводи махсус (казонӣ)
**Завизировать паспорт** – ба шиноснома раводид гузоштан
**Зависимость** тобеият, вобастагӣ
**Зависимость материальная** – вобастагии моддӣ
**Зависимое положение** ҳолати вобастагӣ
**Зависимость служебная** – вобастагии хизматӣ
**Зависть** ҳасуд, ҳасодат
**Завистливый** – ҳасудхӯр (ҳосид)
**Завистник** – ҳасудхӯранда
**Завистливость** – ҳасудӣ, бахилӣ
**Завистливо** – ҳасудона
**Завоевательная политика** – сиёсати истилогарона
**За выслугу лет** – барои хизмати дарозмуддат (бисёрсола)
**За наличный расчёт** – бо ҳисоби накдӣ, тариқи накдӣ
**Завуалировать истинный ход событий** – ҷараёни аслии воқеаҳоро пардапӯш кардан

**Завысить требования** – талаботро зиёд кардан
**Завязка событий** – оғози воқеаҳо
**Загадка** – муаммо
**Загадочность** – асроромез, сарбаста
**Загадочное происшествие** – воқеаи асроромез
**Загладить свою ошибку** – хатои худро ислоҳ кардан
**Заговор** – сӯиқасд
**Заговорщик** – сӯиқасдкунанда
**Заготовитель** – маҳсулоттайёркунанда
**Заготовительная организация** – ташкилоти маҳсулоттайёркунанда
**Заграница** – хориҷа
**Заграничные товары** – молҳои хориҷӣ
**Заграничный паспорт** – шиносномаи хориҷӣ
**Загрязнение природной среды** – ифлос кардани муҳити атроф
**Загрязнение атмосферного воздуха** – ифлос кардани ҳавои атмосфера
**Загрязнение вод** – ифлос кардани об
**Загрязнение окружающей среды** – ифлос кардани муҳити зист
**Загрязнение почвы** – ифлос кардани хок
**Задание** – супориш
**Задаток** – байъона
**Задача** – вазифа
**Задержание** – дастгиркунӣ, боздоштан
**Задержание административное** – дастгиркунии маъмурӣ
**Задержание подозреваемого** – дастгир кардани гумонбар
**Задержание груза** – боздоштани бор
**Задержание незаконное** – дастгиркунии ғайриқонунӣ
**Задержание преступника** – дастгир кардани ҷинояткор
**Задолжность** – қарз, қарз доштан
**Задушить** – бӯғӣ карда куштан
**Заём** – қарз
**Заём внутренний** қарзи дохила
**Заём государственный** – қарзи давлатӣ
**Заём долгосрочный** – қарзи дарозмуддат
**Заём краткосрочный** – қарзи кӯтоҳмуддат
**Заёмные деньги** – пули қарзӣ
**Заёмщик** – қарзгиранда
**Заимодавец** – қарздиҳанда
**Заимствование** қарзгирӣ
**Заинтересованная сторона** – тарафи манфиатдор
**Заинтересованные круги** доираҳои манфиатдор
**Заинтересованные лица** – шахсони манфиатдор
**Заинтересованный** – манфиатдор
**Займодержатель** – қарзнигоҳдоранда
**Займоспособность** – қобилияти қарзӣ
**Заказ** – фармоиш
**Заказ государственный** – фармоиши давлатӣ
**Заказанный** – фармоишӣ, фармудашуда
**Заказная бандероль** – бастаи фармоишӣ
**Заказной** – фармуда, супоришӣ
**Заказчик** – фармоишгар, супоришдиҳанда
**Закят** – закот
**Заклад** – гарави додашуда
**Закладная** – гаравхат, гаравнома

**Закладчик** – гаравдиҳанда, гаравгузор, гаравмон
**Закладывание** – гарав мондан
**Застрахованный** – бимашуда
**Заключение обвинительное** – хулосаи айбдорӣ
**Заключение** – хулоса, бастан
**Заключение брака** – бастани никоҳ
**Заключение договора** – бастани шартнома
**Заключение международного договора** – бастани шартномаи байналмилалӣ
**Заключение под стражу** – ҳабс кардан, дар ҳабс будан, дар ҳабс нигоҳ доштан
**Заключение предварительное** – ҳабси пешакӣ
**Заключение сделки** – бастани аҳд
**Заключение суда** – хулосаи суд
**Заключение эксперта** – хулосаи коршинос (эксперт)
**Заключение экспертизы** – хулосаи экспертиза
**Заключенный** – маҳбус, зиндонӣ
**Заключенный в зиндан** – зиндонӣ, зиндонӣ шудан
**Заключительные слова** – сухани охирин
**Заключительный** – хотимавӣ
**Заключительный протокол** – протоколи хулосавӣ
**Заковать в кандалы** – ишкел (занҷир) задан
**Заковывание** – занҷирбандкунӣ
**Закон действует со дня его опубликования** – қонун аз рӯзи нашр амал мекунад
**Закон** – қонун
**Закон гражданства** – қонуни шаҳрвандӣ
**Закон избранный сторонами гражданского правоотношения** – қонуни интихобнамудаи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ
**Закон конституционный** – қонуни конститутсионӣ
**Закон местонахождения вещи** – қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё
**Законовед** – қонуншинос, ҳуқуқшинос
**Законоведение** – қонуншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ
**Закон места совершения акта** – қонуни ҷои содирнамоии амал
**Закон места исполнения договора** – қонуни маҳалли иҷрои шартнома
**Закон места причинения вреда** – қонуни маҳалли расонидани зарар
**Закон места совершения брака** – қонуни ҷои анҷом додани никоҳ
**Закон места совершения договора** – қонуни ҷои анҷом додани шартнома
**Закон места совершения правонарушения** – қонуни маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ
**Закон места совершения преступления** – қонуни ҷои содиршавии ҷиноят
**Закон модельный** – қонуни намунавӣ
**Закон о защите мира** – қонун дар бораи ҳифзи сулҳ
**Закон о судоустройстве** – қонун дар бораи сохти судӣ
**Закон обратной силы не имеет** – қонун эътибори бозгашт надорад, қонун қув-
– ваи бозгашт надорад
**Закон страны продавца** – қонуни мамлакати фурӯшанда, қонуни кишварӣ фурӯшанда
**Законная неустойка** – ноустуворонаи қонунӣ
**Законная сила** – қувваи қонунӣ, эътибори қонунӣ
**Законная сила приговора** қувваи қонунии ҳукм
**Законная сила судебного решения** – эътибори қонунии ҳалномаи судӣ
**Законное владение** – соҳибияти қонунӣ
**Законность** – қонуният
**Законный представитель** – намояндаи қонунӣ
**Законный режим имущества супругов** – реҷаи қонунии молу мулки ҳамсарон

**Законодательная власть** – ҳокимияти қонунгузор
**Законодательная инициатива** – ташаббуси қонунгузорӣ
**Законодательная процедура** – расмиёти қонунгузорӣ
**Законодательная техника** – техникаи қонунгузорӣ, қоидаи қонунгузорӣ
**Законопроект** – лоиҳаи қонун
**Законодательное собрание** – маҷлиси қонунгузор
**Законодательный процесс** – ҷараёни қонунгузорӣ
**Законодательные акты** – санадҳои қонунгузорӣ
**Законодательные органы** – мақомоти қонунгузор
**Законодатель** – қонунгузор
**Законодательство** – қонунгузорӣ
**Законодательство валютное** – қонунгузории асъор
**Законодательство гражданское** – қонунгузории маданӣ
**Законодательство налоговое** – қонунгузории андоз
**Законодательство социальное** – қонунгузории иҷтимоӣ
**Законодательство таможенное** – қонунгузории гумрук
**Законодательство уголовное** – қонугузории ҷиноятӣ
**Законодательное вето** – ветои қонунӣ
**Закономерность** – мувофиқи қонун будан, ба қонун мувофиқ будан
**Законнорожденный** – қонунӣ таваллудшуда
**Законный** – қонунӣ
**Законность конституционная** – қонунияти конститутсионӣ
**Законное основание** – асоси қонунӣ
**Законность приговора** – қонунӣ будани ҳукм
**Законность приговора суда** – қонунӣ будани ҳукми суд
**Законность решения** – қонунӣ будани ҳалнома
**Законность решения суда** – қонунӣ будани ҳалномаи суд
**Законное правительство** ҳукумати қонунӣ
**Законное требование** талаби қонунӣ
**Законный брак** никоҳи қонунӣ
**Законный документ** ҳуҷҷати қонунӣ
**Законным образом** – бо таври қонунӣ
**Законный наследник** – меросгири қонунӣ, ворисони қонунӣ, меросгир тибқи қонун
**Законный повод** – асоси қонунӣ, сабаби қонунӣ
**Законный представитель** – намояндаи қонунӣ
**Законные представители** – намояндагони қонунӣ
**Законы войны** қонунҳои ҷанг
**Законы Ману** – қонунҳои Ману
**Законы Хамурапи** – қонунҳои Ҳамурапӣ
**Закот** – закот
**Закрытый** – пӯшида
**Закрыть границу** сарҳадро бастан
**Закрывать** – пӯшон(и)дан
**Закрытая компания** – компания, ширкат ва ҷамъияти пӯшида
**Закрытая корпорация** – корпоратсияи пӯшида
**Закрытая подписка** – обунаи пӯшида
**Закрытие кредита** – бастани кредит
**Закрытие счетов** – бастани суратҳисоб
**Закрытое акционерное общество** – ҷамъияти саҳомии пӯшида
**Закрытое завещание** – васияти пӯшида
**Закрытые торги** – савдои пӯшида

**Закрытый международный договор** – шартномаи пӯшидаи байналмилалӣ
**Закупочная комиссия** – комиссияи харидорӣ
**Залог** – гарав
**Залогодержатель** – гаравгир
**Заложник** – гаравгон
**Залогодатель** – гаравдеҳ
**Залог вещей в ломбарде** – гарави ашё дар гаравхона
**Залог избирательный** – гарави интихоботӣ
**Залог товаров в обороте** – гарави моли дар муомилотбуда
**Залоговое обязательство** – уҳдадории гаравӣ
**Залоговое право** – ҳуқуқи гарав
**Залоговое уведомление** – хабарномаи гаравӣ
**Залоговый сертификат** – гувоҳномаи гаравӣ
**Заложенное имущество** – молу мулки гаравӣ
**Замаскировать свои намерения** – ниятҳои худро пинҳон кардан (доштан)
**Замена принудительных работ** – ивазкунии корҳои маҷбурӣ
**Замаскированные намерения** – ниятҳои пинҳонӣ
**Замести следы преступления** – осори ҷиноятро рӯйпӯш кардан
**Замена наказания** – иваз кардани ҷазо
**Замечание** – сарзаниш
**Замечания на протокол судебного заседания** – эрод гирифтан ба протоколи маҷлиси суд
**Заменимый** – бадалшаванда, ивазшаванда
**Замена** – бадалшавӣ
**Заместитель** – муовин, ҷонишин
**Замолчать инцидент** – ҷанҷолро рӯйпӯш кардан
**Замужняя** – шавҳардида, шавҳардор, хонадор
**Замужество** – шавҳардорӣ
**Замучить** – азоб додан
**Замысел** – ният, мақсад, ҳадаф
**Замыть следы** – изҳоро тоза кардан
**Замышлять в тайне** – нияти бад кардан
**Занести в протокол** – ба протокол даровардан, ба протокол ворид кардан
**Занятость** – шуғл
**Занятие** – машғулият, шуғл
**Занятие запрещённым промыслом** – ба касбу (ҳунарҳои) манъшуда машғул шудан
**Занятие бродяжничеством** – ба оворагардӣ машғул шудан
**Заочно** ғоибона
**Заочное рассмотрение дела** – баррасии ғоибонаи парванда
**Заочное решение** – ҳалномаи ғоибона
**Заочный приговор** – ҳукми ғоибона
**Запас** – захира
**Запасной офицер** – офисери эҳтиётӣ
**Запасный заседатель** – машваратгари эҳтиётӣ
**Запись** – сабт, қайд
**Запись актов гражданского состояния (ЗАГС)** – сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ)
**Запись акта о браке** – сабти санади никоҳ, қайди санади никоҳ
**Запись акта о рождении** – сабти санад дар бораи таваллуд, қайди санад дар бораи таваллуд
**Запись акта об усыновлении** – сабти санад дар бораи фарзандхонӣ, қайди санад дар бораи фарзандхонӣ
**Запись акта о смерти** – қайди санади вафот, сабти санади вафот
**Запись третейская** – қайди ҳакамӣ

**Заповедать тайну** – сирро бовар кардан
**Заповедник** – мамнуъгоҳ
**Заподозрить** – гумони бад кардан, гумонбар шудан
**Заподозренный** – гумонбаршуда
**Запоздалое раскаяние** – пушаймонии дершуда
**Заполнение анкеты** – варақаро пур кардан
**Запрашивание** – пурсиш
**Запрещать** – манъ кардан
**Запрещение** – манъкунӣ
**Запрещённая зона** – минтақаи манъкардашуда
**Запрещённые к обращению предметы** – ашёҳои муомилаашон манъ кардашуда
**Записка** – хатча, қайд
**Запрещение** – манъкунӣ, манъ кардан
**Запрет** – манъ
**Запреты** – мамнуният
**Запрещающие нормы** – меъёрҳои манъкунанда
**Запрещение ввоза** – манъ кардани воридот
**Запрещение вывоза** – манъ кардани содирот
**Запрос** – дархост, талаб
**Запрос депутатский** дархости вакилӣ
**Запротоколировать** – протокол кардан
**Запугивание** – тарсонидан
**Запутанность судебного дела** – печидагии (чигилии) парвандаи судӣ
**Запутанность дела** – печидагии (чигилии) кор
**Запутать следы** изҳоро чигил (пӯшонидан) кардан
**Запутаться в долгах** – ба қарз ғӯтидан
**Запятнать своё имя** – худро бадном кардан
**Заработать пенсию** – ба нафақа ҳақ пайдо кардан
**Заработок** – музди меҳнат
**Заработная плата** музди меҳнат, музди кор
**Заражение** – сирояткунӣ
**Зарегистрировать** – қайд кардан, сабт кардан
**Зарегестрировать делегатов** – вакилонро қайд кардан, вакилонро сабт кардан
**Зарегистрированный кандидат** – номзади бақайдгирифташуда
**Зарегистрированый залог** – гарави бақайдгирифташуда
**Зарегистрированное лицо** – шахси бақайдгирифташуда
**Зарезаться** – худкушӣ кардан
**Заронить подозрения** – шубҳа ба вуҷуд овардан
**Зарплата добавочная** – музди иловагии меҳнат
**Зарплата основная** – маоши асосӣ
**Зарплата средняя** – маоши миёнаи меҳнат
**Заругать** – дашном додан, сарзаниш кардан
**Заручиться поддержкой** – пуштибонӣ пайдо кардан
**Заручиться чьим либо согласием** – ризояти касеро гирифтан
**Засадить в тюрьму** – ба зиндон шинондан (хобондан)
**Засвидетельствовать копию документа** – нусхаи ҳуҷҷатро тасдиқ кардан
**Заседание суда** – маҷлиси суд
**Заседатель** – машваратгар
**Заседательские обязанности** – уҳдадориҳои машваратгар
**Засекретить** – махфӣ доштан, махфӣ кардан
**Засекретить документ** махфӣ доштани ҳуҷҷат
**Засекретить работника** – кормандонро ба кори махфӣ мондан
**Заселение жилых помещений** – маскун кардани хонаҳои истиқоматӣ

**Засилье** зӯроварӣ
**Заслуженное наказание** ҷазои сазовор, ҳаққонӣ
**Заслушать судебный приговор** – ҳукми судро шунидан
**Застать врасплох** – дар ғафлат ёфтан
**Застать на месте преступления** – дар ҷои ҷиноят дастгир кардан
**Застенок** – азобгоҳ, азиятгоҳ, шиканҷагоҳ, зиндон
**Застичь в расплох** – дар ғафлат ёфтан
**Застрахованный** – бимашуда
**Застраховать имущество** – молу мулкро бима кардан
**Застраховать себя от ответственности** – худро аз ҷавобгарӣ эмин кардан
**Застраховаться** – худбимакунӣ, худэминкунӣ
**Застрахованное лицо** – шахси бимакардашуда
**Застрелить** – паррондан, тир зада куштан, бо тир куштан
**Застрелиться** – худро паррондан
**Застройщик** – иморатсоз
**Заседание** – маҷлис
**Заступиться** – ҳимоя кардан, тарафдорӣ кардан
**Заступник** – ҳимоятгар, тарафгир
**Затрата** – харҷ
**Затребовать дело в порядке надзора** – бо тартиби назоратӣ талаб кардани парванда
**Затребовать свидетеля в суд** – шоҳидро ба суд талаб кардан
**Затруднение** – душворӣ, мушкилӣ
**Захват** – забт, ғасб, истило, ишғол
**Захват заложника** – ғасби гаравгон
**Захват власти** – ғасби ҳокимият, ба даст овардани ҳокимият
**Захват чужих владений** – ғасби мулки бегона, аз худ кардани мулки бегона
**Захватническая политика** – сиёсати истилогарона
**Захватчик** – истилогар
**Зацепка для ссоры** – баҳона барои ҷанҷол
**Зачаточность** – дар ҳолати ҷанин будан
**Зачет** – баҳисобгирӣ, санҷиш
**Зачет встречного требования** – баҳисобгирии талаботи мутақобила
**Зачёт предварительного требования** – ба ҳисоб гирифтани талаби пешакӣ
**Зачинщик** – сабабгор, саркор
**Зачинщик драки** – саркори (сардори) занозанӣ, сабабгори ҷанҷол
**Зашифрованный** – рамзбандишуда
**Защита гражданских прав** – ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ
**Защита прав потребителей** – ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон
**Защита вещного права** – ҳимояи ҳуқуқи ашёӣ
**Защита информации** – ҳифзи иттилоот
**Защита личных прав** – ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ
**Защита прав человека** – ҳифзи ҳуқуқҳои инсон
**Защита права владения** – ҳифзи ҳуқуқи соҳибӣ
**Защита права собственности** – ҳифзи ҳуқуқи моликият
**Защита** – ҳифз, ҳимоя
**Защита чести, достоинства и деловой репутации** – ҳифзи шаън, шараф ва эътибори корӣ
**Защитить подсудимого** – судшавандаро ҳифз кардан
**Защитительная речь** – сухани ҳимоякунӣ
**Защитная оговорка** – тавзеҳоти ҳимоявӣ
**Защитник** – ҳимоятгар
**Защищать свои права** – ҳуқуқҳои худро ҳифз (ҳимоя) кардан

| | |
|---|---|
| **Защищающий** | – ҳимоякунанда |
| **Заявитель** | – аризадиҳанда |
| **Заявить** | – изҳор кардан, арз кардан |
| **Заявить отвод** | – изҳори рад кардан |
| **Заявить претензию** | – иддао изҳор кардан |
| **Заявка** | – дархост |
| **Заявка дилера** | – дархости тоҷир (дилер) |
| **Заявка инвестора** | – дархости сармоягузор |
| **Заявитель** | – аризадиҳанда |
| **Заявление** | – ариза, изҳорот |
| **Заявление застрахованного лица** | – аризаи шахси бимакардашуда |
| **Заявление о преступлении** | – ариза дар бораи ҷиноят |
| **Заявление о смерти** | – хабар додани вафот |
| **Заявление правительства** | – изҳороти ҳукумат |
| **Заявленная ответственность** | – изҳоршуда |
| **Заявленный доход** | – даромади изҳор кардашуда |
| **Звание** | – унвон, рутба |
| **Здание** | – бино |
| **Здоровье** | – саломатӣ |
| **Здравоохранение** | – тандурустӣ |
| **Земельная рента** | – рентаи замин |
| **Земельная реформа** | – ислоҳоти замин |
| **Земельное законодательство** | – қонунгузории замин |
| **Земельное право** | – ҳуқуқи замин |
| **Земельный налог** | – андози замин |
| **Земельный кадастр** | – кадастри замин |
| **Земельный фонд** | – фонди замин |
| **Земельный кодекс Республики Таджикистан** | – Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Земельный участок** | – қитъаи замин |
| **Землевед** | – заминшинос, заминсоз |
| **Землевладелец** | – соҳиби замин, заминдор |
| **Землевладение** | – заминдорӣ |
| **Земледелие** | – кишоварзӣ, зироатчигӣ |
| **Землепользование** | – заминистифодабарӣ |
| **Землепользователь** | – заминистифодабаранда |
| **Землеустроительные объекты** | – объектҳои заминсозӣ |
| **Землеустроительные работы** | – корҳои заминсозӣ |
| **Землеустроительный проект** | – лоиҳаи заминсозӣ |
| **Землеустройство** | – заминсозӣ |
| **Земли водного фонда** | – замини фонди об, замини обӣ |
| **Землячество** | – ҳамдиёригӣ, ҳамдиёргарӣ |
| **Земли лесного фонда** | – замини фонди ҷангал |
| **Земли общего пользования** | – заминҳои истифодабарии умумӣ |
| **Земли сельскохозяйственного назначения** | – заминҳои таъиноти кишоварзӣ |
| **Земля** | – замин |
| **Зёрна опийного мака** | – кӯкнордона (донаи кӯкнор) |
| **Зло** | – бадӣ |
| **Злодей** | – бадкирдор, нобакор, лаънатӣ |
| **Злодейский** | – бадкирдорона, ваҳшиёна |
| **Злодейское убийство** | – қатли ваҳшиёна |
| **Злой** | – бад, бадқаҳр, хашмгин, ғазабнок |
| **Злонамеренность** | – бадандешӣ |
| **Злонамеренный** | – бадандеш, бадният |

| | |
|---|---|
| **Злонамеренный поступок** | – кирдори бадхоҳона |
| **Злословие** | – бадгӯй, ғайбат |
| **Злостно** | – бадқасдона |
| **Злостное банкротство** | – муфлисшавии барқасдона |
| **Злостное неповиновение** | – қасдан итоат накардан |
| **Злостное уклонение от оказания помощи родителям** | – қасдан даст кашидан аз ёрӣ ба падару модар |
| **Злостный клеветник** | – туҳматгари ашаддӣ |
| **Злостный преступник** | – ҷинояткори ашаддӣ |
| **Злостный растратчик** | – исрофкори ашаддӣ |
| **Злостный умысл** | – қасди бад, нияти бад |
| **Злоупотребление** | – сӯистифода |
| **Злоупотребление властью** | – сӯистифода аз ҳокимият |
| **Злоупотребление гражданским правом** | – сӯистифода аз ҳуқуқҳои маданӣ |
| **Злоупотребление должностными полномочиями** | – сӯисифода аз ваколатҳои хизматӣ |
| **Злоупотребление служебным положением** | – сӯистифода аз мансаби хизматӣ |
| **Злобно** | – хашмгинона, бадқаҳрона |
| **Злобность** | – бадхашмона, бадқаҳрӣ, ғазабнокӣ |
| **Злой враг** | – душмани бадқахр |
| **Злонамеренно** | – бадқасдона |
| **Злонамеренность** | – бадқасдӣ |
| **Злонамеренный** | – бадният |
| **Злопамятный** | – бадкина, кинаҷӯй |
| **Злоумышленник** | – бадният, ҷинояткор |
| **Злоупотребление полномочиями** | – сӯистифода аз ваколат |
| **Злоупотребление опекунскими обязанностями** | – сӯистифода аз уҳдадории васигӣ |
| **Злоупотребление доверием** | – сӯистифода аз боварӣ |
| **Злоупотребление правом** | – сӯистифода аз ҳуқуқ |
| **Злоязычие** | – бадзабонӣ |
| **Злоязычный** | – бадзабон |
| **Знак** | – аломат, тамға |
| **Знак обслуживания** | – аломати хизматрасонӣ |
| **Знак соответстивия** | – аломати мутобиқат |
| **Знаки идентичности** | – аломати айният |
| **Знакомиться с обстановкой** | – бо вазъият шинос шудан |
| **Знамя** | – парчам, ливо, байрақ |
| **Знать** | – аъёну ашроф, донистан, огоҳ будан |
| **Знать в лицо** | – аз рӯи қиёфа шинохтан |
| **Знахарство** | – дуохонӣ |
| **Знахарь** | – дуохон |
| **Значение** | – маънӣ, аҳамият |
| **Золотая оговорка** | – эзоҳи тиллоӣ, тавзеҳи аҳамиятнок |
| **Золотая акция** | сaҳмияи тиллоӣ |
| **Золотая валюта** | – асъори тиллоӣ |
| **Золотовалютные резервы** | – захираҳои асъории тиллоӣ |
| **Золотое банковское правило** | – қоидаи тиллоии бонкӣ |
| **Золотое правило инвестиций** | – қоидаи тиллоии сармоягузорӣ |
| **Золотой стандарт** | – стандарти тиллоӣ |
| **Золотой запас** | – захираи тиллоӣ |
| **Зона наблюдения** | – минтақаи мушоҳида |
| **Зона проведения контртеррористической операции** | – минтақаи гузаронидани амалиёти зидди тер- – рористӣ |
| **Зона отчуждения** | минтақаи бегонакунӣ |
| **Зона ответственности** | – доираи масъулият |

**Зоны контакта с клиентами** – минтақаи робита бо муштариён
**Зоны свободной торговли** – минтақаҳои озоди савдо
**Зоны таможенного контроля** – минтақаҳои назорати гумрукӣ
**Зоны экологического бедствия** – минтақаи офати экологӣ
**Зрелый возраст** – синни балоғат, синни калонсолӣ
–

# И

**Игнорировать факты** – далелҳоро инкор кардан, далелҳоро ба инобат нагирифтан
**Игорное заведение** ташкилоти қиморбозӣ
**Игорный притон (дом)** – қиморхона
**Игорный бизнес** – бизнеси қимор
**Игрок в азартные игры** – бозингар дар бозиҳои сархушкунанда
**Идеал** – ормон, мақсади олӣ, идеал
**Идеализация** – аз будаш зиёд карда нишон додан, парастиш
**Идентификационный номер** – рақами мушаххас
**Идентификация** – ҳаммонанд, баробар, айният
**Идентичные товары** – молҳои ба ҳам монанд, якхела
**Идеолог** – идеолог, сарвари ғоявӣ
**Идеологическая пропаганда** – тарғиботи идеологӣ (мафкуравӣ)
**Идеологический** – ғоявӣ, мафкуравӣ
**Идеология** – ғоя
**Идея** – ғоя, ақида, андеша, фикр
**Идти на поводу** – гаправ будан, суханрав будан
**Идти по ложному пути** – бо роҳи хато рафтан
**Идти на риск** – таваккалан рафтан
**Иерархия** – дараҷабандӣ, мартабабандӣ
**Иждивенец** – хӯранда, таҳти саробонӣ, таъминотгиранда
**Иждивение** – таъминот, саробонӣ
**Иждивенство** – хӯрандагӣ, таҳти саробонӣ будан
**Из достоверных источников** – аз манбаҳои боэътимод
**Избавиться от наказания** – аз ҷазо раҳо ёфтан
**Избавиться от опасности** – аз хатар халос шудан
**Избавление** – халосшавӣ
**Избежание уплаты налогов** – аз андозсупорӣ гурехтан
**Избиратель** – интихобкунанда
**Избирательная кампания** – маъракаи интихоботӣ
**Избирательная система** – низоми интихоботӣ
**Избирательное объединение** – иттиҳодияи интихоботӣ
**Избирательное право** – ҳуқуқи интихоботӣ
**Избирательные блоки** – блоки интихоботӣ
**Избирательные квалификации** – таснифи интихоботӣ
**Избирательные комиссии** – комиссияи интихоботӣ
**Избирательные органы** – мақомоти интихоботӣ
**Избирательные права граждан** – ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон
**Избирательные участки** – қитъаи интихоботӣ, маҳалли интихоботӣ
**Избирательный залог** – гарави интихоботӣ
**Избирательный кодекс** – кодекси интихоботӣ
**Избирательный фонд** – фонди интихоботӣ
**Избирательный ценз** – сензи интихоботӣ
**Избирательный бюллетень** – варақаи интихоботӣ
**Избирательный округ** – ҳавзаи интихоботӣ

**Избирательный процесс** – ҷараёни интихоботӣ
**Избирательный ящик** – қуттии интихоботӣ
**Избиратель** – интихобкунанда
**Избирательная власть** – ҳокимияти интихоботӣ
**Избирательная квота** – квотаи интихоботӣ
**Избить до полусмерти** – зада нимҷон кардан, мурданивор задан
**Избрание** – интихоб
**Избрание делегата** – интихоби вакил
**Избранник** – интихобшуда
**Избрать в судьи** – ба вазифаи судя интихоб кардан
**Избрание меры пресечения** – интихоби чораҳои пешгирӣ
**Извещение** – огоҳинома
**Извинительная причина** – сабаби узрнок
**Извинительное обстоятельство** – ҳолати узрнок
**Извлечение выгоды** – нафъ гирифтан, даромад гирифтан
**Извлечение нетрудовых доходов** – ба даст овардани даромади ғайримеҳнатӣ
**Извлечь новые данные** – маълумоти нав ба даст даровардан
**Изволение** – иҷозат, рухсат
**Извратить** – таҳриф кардан
**Извратить основные положения закона** – муқаррароти асосии қонунро таҳриф кардан
**Извращение истины** – таҳрифи ҳақиқат
**Извращённость фактов** – ғалат маънидод карда шудани далелҳо
**Извращённость нравов** – вайронии ахлоқ
**Извращённое толкование** – маънидоди ғалат, тафсири ғалат
**Извращённый человек** – одами фосиқ
**Извращение малолетных** – вайронкунии хурдсолон
**Изготовитель** – истеҳсолкунанда
**Изгнание** – бадарға кардан, рондан, хориҷ кардан
**Изгнанник** – бадарғашуда, рондашуда
**Изгнание плода** – бачапартоӣ
**Изготовить заявление** – омода кардани ариза
**Изготовление денег** – тайёр кардани пул
**Изготовление ценных бумаг** – тайёр кардани  қоғазҳои қиматнок
**Извинение** – узр, маъзаратхоҳӣ
**Изготовление самогона** – тайёр кардани машруботи дастӣ (худсохт)
**Изготовление взрывчатых веществ и снарядов** – сохтани моддаҳои тарканда ва снарядҳо
**Изготовление оружия** – сохтани силоҳ
**Издание закона** – нашри қонун
**Издание распоряжений** – фармоиш баровардан
**Издательские права** – ҳуқуқи нашр
**Издательский договор** – шартномаи нашр
**Издевательство** – таҳқир
**Издеваться** – мазоҳ кардан, таҳқир кардан
**Изделие** – маснуот
**Издержки** – хароҷот, харҷ, сарф
**Издержки судебные** – хароҷоти судӣ
**Издольник (издольщик)** – чоряккор
**Издольщина** – чоряккорӣ
**Излишество** – исрофкорӣ, ифроткорӣ
**Излишняя откровенность** – ошкороии барзиёдатӣ
**Изложить** – баён, ифода, изҳор, нақл кардан
**Измена** – хиёнат
**Измена обещанию** – аз қавл гаштан, азқавлгардӣ

**Измена Родине** – хиёнат ба Ватан
**Изменение гражданства** – тағйири шаҳрвандӣ
**Изменение** – тағйир, тағйирот
**Изменение иска** – тағйир додани даъво
**Изменение обвинения** – тағйир додани айбдоркунӣ
**Изменение приговора** – тағйир додани ҳукм
**Изменить воинскому долгу** – ба вазифаи ҳарбӣ хиёнат кардан
**Изменить меру пресечения** – тағйир додани чораҳои пешгирӣ
**Изменник** – хоин, хиёнаткор
**Изменческий поступок** – кирдори хоинона
**Измышление** – бофта баровардан
**Извещение** – огоҳӣ, огоҳнома
**Извещённый** – хабардор, огоҳкардашуда
**Извиняющийся** – узрхоҳ
**Изгнанный** – бадарғашуда, рондашуда
**Издевательское отношение** – муносибати таҳқиромезона
**Измученный** – азиятдида
**Измышление ложных обвинений** – бофта баровардани айбҳои бардурӯғ
**Измышлять всякие небылицы** – ҳар гуна сафсата бофтан
**Изнасилование** – таҷовуз ба номус
**Изнасилование в беспомощном состоянии** – таҷовуз ба номус дар ҳолати оҷизӣ
**Изнасилование малолетних** – таҷовуз ба номуси хурдсолон
**Износ** – хӯрдашавӣ
**Изношенный** – фарсуда, куҳна
**Изобличение** – фош кардан
**Изобличение во лжи** – исбот кардани дурӯғ
**Изобличительное письмо** – мактуби фошкунанда
**Изобличить в преступлении** – ҷиноятро фош кардан
**Изображение** – тасвир, акс, сурат
**Изобретательное право** – ҳуқуқи ихтироъ, ҳуқуқи ихтироъкорӣ
**Изобретение** – ихтироъ
**Изолирование** – ҷудо нигоҳ доштан, ҷудо кардан, ҷудо гузоштан
**Изолирование от вредных влияний** – аз таъсироти бад ҷудо кардан
**Изолятор** – тавқифгоҳ
**Изолятор следственный** – тавқифгоҳи тафтишотӣ
**Изоляторы временного содержания** – тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ
**Изоляционная политика** – сиёсати маҳдудиятпарастӣ
**Изуверство** – тааccуб, хурофотпарастӣ
**Изувечить** – маъюб кардан
**Изъявление согласия** – изҳори ризоят, изҳори розигӣ
**Изъян** – нуқсон, айб, камбудӣ
**Изъятие** – гирифтан
**Изъятие жилой площади** – гирифтани майдони истиқоматӣ
**Изъятие документов** – гирифтани ҳуҷҷатҳо
**Изъятие оружия** – силоҳро гирифтан
**Изъятие из оборота** – аз муомилот гирифтан
**Имам** – имом
**Имамат** – имоматӣ
**Имя** – ном
**Имя гражданина** – номи шаҳрванд
**Именное голосование** – овоздиҳии ном ба ном
**Именной указ** – фармони хоса, фармони номӣ
**Именная акция** – саҳмияи номӣ

| | |
|---|---|
| **Именная вещь** | – ашёи номӣ, ашёи хоса |
| **Именная облигация** | – вомбарги номӣ |
| **Именная ценная бумага** | – қоғази қиматноки номӣ |
| **Иметь право** | – ҳуқуқ доштан |
| **Иметь право на образование** | – ҳуқуқи таҳсил доштан |
| **Иметь равные права** | – ҳуқуқҳои баробар доштан |
| **Иметь судимость** | – доғи судӣ доштан |
| **Имитирующий** | – монандӣ доштан |
| **Иммиграционные ограничения** | – маҳдудияти муҳоҷиратӣ |
| **Иммигранты** | – муҳоҷирон |
| **Иммиграционная квота** | – квотаи муҳоҷирӣ |
| **Иммигрант** | – муҳоҷир |
| **Иммиграция** | – муҳоҷират |
| **Иммунитет** | – масуният |
| **Иммунитет государства** | – масунияти давлат |
| **Иммунизировать дипломатических представи-** | – таъмини масунияти (амнияти) намояндагони |
| **телей** | – дипломатӣ |
| **Императив** | қатъӣ |
| **Императивная норма права** | – меъёри (императивӣ) қатъии ҳуқуқ |
| **Императивная норма международного права** | – меъёри қатъии ҳуқуқи  байналмилалӣ |
| **Императивный мандат** | – мандати қатъӣ |
| **Император** | – император |
| **Империя** | – империя |
| **Импичмент** | – нобоварӣ изҳор кардан |
| **Имплементация** | – имплементатсия, воридсозӣ, татбиқсозӣ |
| **Импорт** | – воридот |
| **Импортёр** | – воридгар, воридкунанда |
| **Импортировать** | – ворид кардан |
| **Импортная квота** | – меъёри воридот, квотаи воридотӣ |
| **Импортные действия** | – амали воридотӣ |
| **Импортная лицензия** | – иҷозатномаи воридотӣ |
| **Импортная пошлина** | – боҷи воридотӣ |
| **Импортная сделка** | – аҳди воридотӣ |
| **Импортное регулирование** | – танзими воридотӣ |
| **Импортные товары** | – молҳои воридотӣ |
| **Импульсивные действия** | – амали беихтиёр |
| **Имущество** | – молу мулк |
| **Имущественый** | – молумулкӣ |
| **Имущественная ответственность** | – ҷавобгарии молумулкӣ |
| **Имущественно-договорные отношения супругов** | – муносибатҳои молу мулкии шартномавии |
| | – ҳамсарон |
| **Имущественное взыскание** | ситониши молумулкӣ |
| **Имущественное положение** | – вазъи молумулкӣ |
| **Имущественное состояние** | – ҳолати молумулкӣ |
| **Имущественное страхование** | – бимаи молумулкӣ |
| **Имущественные порядки** | – тартиботи молумулкӣ |
| **Имущественные права** | – ҳуқуқҳои молумулкӣ |
| **Имущественные права и обязанности супругов** | – ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкии ҳамсарон |
| **Имущественные преступления** | – ҷиноятҳои молумулкӣ |
| **Имеющий причину** | – сабабдор |
| **Имущественный найм** | – кирояи молу мулк |
| **Имущественный ущерб** | – хисороти молумулкӣ |
| **Имущественный ценз** | – меъёри доштани молу мулк |

| | |
|---|---|
| **Имущество личное** | – молу мулки шахсӣ |
| **Имущие классы** | – синфҳои доро |
| **Имущий** | – доро |
| **Инакомыслящий** | – дигарандеш |
| **Инвалид** | – маъюб |
| **Инвалидность** | – маъюбӣ |
| **Инвентаризация** | – барӯйхатгирӣ |
| **Инвентарная книга** | – дафтари сабти ҷиҳоз, дафтари барӯйхатгирӣ |
| **Инвентарный номер** | – рақами ҷиҳоз, рақами барӯйхатгирӣ |
| **Инвентарь** | – ҷиҳоз |
| **Инвестирование** | – сармоягузорӣ, маблағгузорӣ |
| **Инвестиции** | – сармояҳо |
| **Инвестиционная деятельность** | – фаъолияти сармоягузорӣ |
| **Инвестиционная политика** | – сиёсати сармоягузорӣ |
| **Инвестиционные споры** | – баҳсҳои сармоягузорӣ |
| **Инвестиционный акт** | – амали сармоягузорӣ, санади сармоягузорӣ |
| **Инвестиционный фонд** | – фонди сармоягузорӣ |
| **Инвестиция** | – сармоя |
| **Инвестор** | – сармоягузор |
| **Инвесторы** | – сармоягузорон |
| **Индексация доходов населения** | – индексатсияи даромади аҳолӣ |
| **Индексация** | – индексатсия, намоябандӣ |
| **Индивидуальное наказание** | – ҷазои фардӣ |
| **Индивидуальная самооборона** | – худмуҳофизатии инфиродӣ |
| **Индивидуальная смета** | – харҷномаи инфиродӣ |
| **Индивидуальный** | – инфиродӣ, фардӣ |
| **Индивидум** | – фард |
| **Инаугурация** | – инаугуратсия, тахтнишинӣ |
| **Индивидуальный инвестор** | – сармоягузори инфиродӣ |
| **Индивидуальный накопительный счет** | – суратҳисоби захиравии инфиродӣ |
| **Индивидуальный накопительный расчетный счет** | – суратҳисоби захиравии инфиродӣ |
| **Индивидуально-определенная вещь** | – ашёи хоса, ашёи инфиродии муайян |
| **Индивидуальное занятие** | – машғулияти инфиродӣ |
| **Индивидуальное частное предприятие** | – корхонаи инфиродии хусусӣ |
| **Индивидуальное жилищное строительство** | – сохтмони манзилҳои шахсӣ (инфиродӣ) |
| **Индивидуальное налогообложение** | – андозбандии инфиродӣ (фардӣ, шахсӣ) |
| **Индивидуальные средства защиты** | – воситаҳои инфиродии ҳимоя |
| **Индивидуальные аудиторы** | – аудиторҳои инфиродӣ |
| **Индивидуализация наказания** | – фардикунони ҷазо |
| **Индийская конопля** | – банги ҳиндӣ |
| **Инициирующий** | – таҳриккунанда (ангезанда) |
| **Инновация** | – навоварӣ, инноватсия |
| **Инновационная деятельность** | – фаъолияти навоварӣ |
| **Инновационный потенциал** | – иқтидори навоварӣ, иқтидори инноватсионӣ |
| **Инновационный проект** | – лоиҳаи инноватсионнӣ, лоиҳаи навоварӣ |
| **Инновационный фонд** | – фонди навоварӣ, фонди инноватсионӣ |
| **Индивидуальный предприниматель** | – соҳибкори инфиродӣ |
| **Индивидуальный учет** | – баҳисобгирии инфиродӣ |
| **Индоссамент** | – индоссамент, навиштаҷоти интиқолӣ |
| **Индоссат** | – индоссат |
| **Индоссамент ордерный** | – индоссаменти ордерӣ |
| **Инквизиция** | – инквизитсия, шиканҷа, азоб, зулм |
| **Инкорпорация** | – инкорпоратсия (гирд овардани қонунҳои |

– ҷорӣ бе ҳеҷ гуна тағйирот)
**Инкотермс** – инкотермс, қоидаҳои байналмилалии тафсири истилоҳоти тиҷоратӣ
**Инкриминирование** – таъини ҷазо ба гунаҳгори мушаххас барои ин ё он гуноҳаш
**Иностранная валюта** – асъори хориҷӣ
**Иностранная инвестиция** – сармояи хориҷӣ
**Иностранные граждане** – шаҳрвандони хориҷӣ
**Иностранный инвестор** – сармоягузори хориҷӣ
**Иностранная разведка** – разведкаи хориҷӣ, иктишофи хориҷӣ
**Иностранное государство** – давлати хориҷӣ
**Иностранные лица** – шахсони хориҷӣ
**Иностранные товары** – молҳои хориҷӣ
**Иностранный контрагент** – ҳамкори байналмилалӣ
**Иностранный работник** – корманди хориҷӣ
**Инсайдер** – инсайдер
**Инстанция** – мақом, марҳила
**Институт** – донишкада, институт, пажӯҳишгоҳ
**Институт права** – институти ҳуқуқ
**Институт государственной власти в Республике Таджикистан** – Институти ҳокимиятӣ давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Институт наследства** – институти мерос
**Инструктирование** – дастурдиҳӣ
**Инструкция** – дастурамал
**Инспекция** – азназаргузаронӣ, нозирӣ, нозирот
**Инспекция по исправительным делам** – нозироти корҳои ислоҳӣ
**Инструкция должностная** – дастурамали мансабӣ
**Инициировать самоубийство** – худкушӣ вонамуд кардан
**Интеграция** – ҳамгироӣ, ҳампайвандӣ, якҷоякунӣ
**Интеллигент** – зиёӣ
**Интеллектуальный** – зеҳнӣ, ақлӣ
**Интеллектуальная собственность** – моликияти зеҳнӣ
**Интеллектуальный труд** – меҳнати зеҳнӣ, меҳнати фикрӣ
**Интервенция** – мудохила бо роҳи зӯрӣ
**Интерес** – манфиат
**Интернет** – интернет
**Интернирование** – боздошт, боздоштан, ҳабси назоратӣ
**Интерпеллировать** – ба ҳукумат савол кардан, аз ҳукумат эзоҳ талаб кардани вакилони парламент
**Интерпол** – интерпол
**Интерпретация** – шарҳ, тафсир
**Интепретация закона** – шарҳи қонун
**Интерпретировать событие** – воқеаро шарҳ додан
**Интимность отношений** – муносибатҳои маҳрамона
**Интоксикация** – заҳрдоршавӣ, заҳролудшавӣ
**Интрига** – макр, фитна, найранг, дасиса
**Интригант** – маккор, фитнагар, найрангбоз, дасисакор
**Интриганство** – маккорӣ, фитнагарӣ, дасисакорӣ
**Интродукция** – интродуксия, муқаддима, даромад
**Интуитивное чувство** – ҳисси беихтиёрона
**Инфляция** – беқурбшавӣ, таваррум
**Инфекционные заболевания** – бемориҳои сироятӣ
**Информационные ресурсы** – захираҳои иттилоотӣ

**Информационные услуги** – хизматрасонии иттилоотӣ
**Информационная блокада** – муҳосираи иттилоотӣ
**Информационная война** – ҷанги иттилоотӣ
**Информационная продукция** – маводи иттилоотӣ
**Информационная технология** – технологияи иттилоотӣ
**Информация** – иттилоот
**Инцидент** – ҳодиса, воқеа
**Инициатива** – ташаббус
**Инициатор** – ташаббускор
**Инициативный** – ташаббуснок
**Инициативность** – ташаббуснокӣ, ташаббускорӣ
**Иные лица участвующие в уголовном процесе** – иштирокгарони дигари мурофиаи ҷиноятӣ
**Инкриминирование** – айбдор кардан, гунаҳкор кардан
**Интерес** – манфиат
**Информационная безопасность** – амнияти иттилоотӣ, бехатарии иттилоотӣ
**Информация с ограниченным доступом** – иттилооти дастрасиаш маҳдуд
**Информация содержащая коммерческую тайну** – иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ
**Информатизация** – иттилоотонӣ
**Инфраструктура** – инфрасохтор
**Ипотека** – гарави молу мулки ғайриманқул
**Ипотечный** – гаравӣ, ипотекӣ
**Ипотечный банк** – бонки гаравӣ
**Иррациональные явления** – зуҳуроти аз ақл берун
**Иск об алиментах** – даъво дар бораи алимент
**Искажение** – таҳриф, таҳрифгарӣ
**Искажение фактов** – таҳрифи далелҳо
**Искать** – ҷустуҷӯ кардан, кофтуков кардан
**Искать подходящий случай** – фурсати муносиб кофтан
**Иск** – даъво
**Искусственно** – сохтакорона, сунъӣ
**Исключение** – истисно, хориҷ кардан
**Исключительный** – истисноӣ
**Исключение из кооператива** – хориҷ кардан аз кооператив
**Исключительные права** – ҳуқуқҳои истисноӣ
**Исключительная мера наказания** – чораи истисноии ҷазо
**Исключительная собственность государства** – моликияти истисноии давлат
**Исключительный случай** – ҳодисаи истисноӣ
**Исковая давность** – мурури даъво, давомияти даъво
**Исковое заявление** – аризаи даъвогӣ
**Исковой** – даъвоӣ
**Исключение участника из полного товарищества** – хориҷ кардани иштирокчӣ аз ширкати комил
**Искренность** – самимият
**Искренний** – самимӣ
**Искреннее** – самимона
**Искомый вывод** – хулосаи матлуб
**Исконное население** – аҳолии таҳҷоӣ
**Искупление вины** – омӯрзиши гуноҳ, шустани гуноҳ
**Искупить свою вину** – худро сафед кардан, гуноҳи худро шустан
**Искусственное обвинение** – айбдоркунии сохта, сунъӣ
**Ислам** – ислом
**Испачканный** – олуда
**Исповедать** – пайравӣ кардан
**Исполнитель преступления** – иҷрокунандаи ҷиноят

**Исполнитель государственного социального заказа** – иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ
**Исполнительная власть** – ҳокимияти иҷроия
**Исполнительная дисциплина** – интизоми иҷроия, интизоми иҷрои кор
**Исполнительные органы** – мақомоти иҷроия
**Исполнительный лист** – варақаи иҷро
**Исполнительная надпись** – навиштаҷоти иҷро
**Исполнительные документы** – ҳуҷҷатҳои иҷро
**Исправительное учреждение** – муассисаи ислоҳӣ
**Исправительные центры** – марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)
**Исправительно-трудовой кодекс** – кодекси ислоҳи меҳнатӣ
**Исполнение** – иҷро
**Исполнение обязательств** – иҷрои уҳдадорӣ
**Исполнение биржевой сделки** – иҷрои аҳди биржавӣ
**Исполнение завещания** – иҷрои васият
**Исполнение приговора** – иҷрои ҳукм
**Исполнение приказа** – иҷрои фармон
**Исполнитель** – иҷрокунанда
**Исполнительное производство** – истеҳсолоти иҷро
**Исполнительный лист** – варақаи иҷро
**Исполняющий** – иҷрокунанда
**Исправительно-трудовая колония** – колонияи ислоҳи меҳнатӣ
**Исправительно-трудовая политика** – сиёсати ислоҳи меҳнатӣ
**Исправительно-трудовое право** – ҳуқуқи ислоҳи меҳнатӣ
**Исправительно-трудовой лагерь** – лагери ислоҳи меҳнатӣ
**Исправительно-трудовые учреждения** – муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ
**Исправительные меры** – чораҳои ислоҳкунӣ
**Исправительные работы** – корҳои ислоҳи
**Исправительные работы без лишения свободы** – корҳои ислоҳи бе маҳрум кардан аз озодӣ
**Испуганный** – ҳаросон, тарсон
**Испытание** – санҷиш
**Испытательный срок** – муҳлати санҷиш
**Исследование** – тадқиқот
**Истец** – даъвогар
**Истечение срока** – гузаштани муҳлат
**Источник** – манбаъ, сарчашма
**Источник повышенной опасности** – манбаи хатари калондошта
**Источник права** – манбаи (сарчашмаи) ҳуқуқ
**Источники права** – сарчашмаи ҳуқуқ, манбаи ҳуқуқ
**Истребование** – талаб кардан
**Истязание** – азоб, азият
**Исчисление срока** – ҳисоби муҳлат, муҳлатҳисобкунӣ
**Исследование доказательств** – таҳқиқи далелҳо
**Истечение срока полномочия** – гузаштани муҳлати ваколат
**Истина** – ҳақиқат, ҳақ
**Истинная правда** – ҳақиқати соф, айни ҳақиқат
**Истинность суждения** – ҳақиқати муҳокимаронӣ
**Истинный** – ҳақиқӣ
**Истинный свидетель** – шоҳиди барҳақ
**Истолкование** – шарҳдиҳӣ, эзоҳдиҳӣ, тафсир кардан
**Истолкование закона** – шарҳдиҳии қонун
**Исторические формы уголовного процесса** – шаклҳои таърихии мурофиаи ҷиноятӣ
**Историческое толкование** – тафсири (шарҳи) таърихӣ

**История права** – таърихи ҳуқуқ
**История судоустройства** – таърихи сохти судӣ
**Источник дохода** – манбаи даромад
**Источник покрытия дефицита бюджета** – манбаи талофии касри буҷет, манбаи пӯшо-
– нидани касри буҷет
**Источники международного права** сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ
**Источники гражданского права** – сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ
**Источники конституционного права** – сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ
**Источники предпринимательского права** – сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ
**Источники трудового права** – сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ
**Источники уголовного права** – сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ
**Истребление имущества** – нобудкунии молу мулк
**Истребование** – талаб кардан
**Истязатель** – азобдиҳанда, азиятдиҳанда
**Истязуемый** – азоббинанда, азияткашанда
**Исчезновение** – завол, аз байн рафтан, барҳам хӯрдан
**Исходящие документы** – ҳуҷҷатҳои содира
**Исчезнуть без следа** – беиз ғайб задан, бенишон ғайб задан
**Ищущий** – ҷӯянда

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, МАҚОМОТИ СУДӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

Аз ҷониби мақомоти олии қонунгузории мамлакат ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар нимсолаи дуюми соли 2015 баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати қонун ва мутобиқ намудани онҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ як қатор навигариҳо вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мамлакат ба амал бароварда шуд. Аз чумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1228;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1229;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1230;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1231;

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1232;

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1233;

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1234;

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 2015, №1235;

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 23 ноябри соли 2015, №1237;

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 23 ноябри соли 2015, №1243;

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» аз 23 ноябри соли 2015, №1253;

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади такмил додани моддаҳои 97, 98 ва 101 Кодекси мазкур қабул гардидааст, ки ин моддаҳо ба чораҳои хусусияти тиббидошта бахшида шудааст. Ҳамзамон, дар банди г) қисми 1 моддаи 97 калимаҳои «ва токсикомания» ба калимаҳои «, токсикомания ё бемориҳои сил,» иваз карда шуд. Инчунин, ба қисми 2 моддаи 98 пас аз калимаҳои «токсикомания» ва «рӯҳӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ё бемориҳои сил» ва «ё сил» илова карда шуд. Ҳамчунин, дар ном ва қисми 1 моддаи 101 Кодекси мазкур калимаҳои «ё токсикомания» ба калимаҳои «, токсикомания ё бемориҳои сил» иваз карда шуд.

2. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби мақомоти олии қонунгузории мамлакат ҷиҳати бартараф намудани мухолифатҳои дохилӣ ва мутобиқатии моддаҳои алоҳидаи он бо дигар қонунҳо ва кодексҳо дар маҷмуъ 5 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Тибқи Қонуни мазкур аз қисми 1 моддаи 49 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои «ё шахсе, ки бо тартиби муқарарнамуаи қонун барои пешбурди фаъолияти адвоватӣ иҷозатнома дорад,» хориҷ карда шуд. Ҳамчунин, дар қисми 3 моддаи 51 Кодекси мазкур калимаҳои «коллегияи касбии адвокатҳо ва адкокатҳои ваколатдор» ба калимаҳои «Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд. Тағйиру иловаҳои мазкур дар асоси қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти

соли 2015, №1182 анҷом дода шуд. Моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ном гирифтааст, ба қисми 7 он пас аз рақами «260,» рақами «2601» илова карда шуд. Ҳамзамон, ба Кодекси мазкур ба сархати сеюми қисми 4 моддаи 392 пас аз калимаи «бемориҳои» калимаҳои «сил ё» ва дар моддаи 396 ҳамин Кодекс пас аз калимаи «равонпизишкӣ» калимаҳои «ё бемориҳои сил» илова карда шуд.

3. Мухолифатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз мушкилоти асосии соҳаи қонунгузории мамлакат ба шумор рафта, аз ҷониби мақоми олии қонунгузор, иҷроия ва судӣ баҳри бартараф намудани ин гуна мухолифатҳо бо мурури замон ва давра ба давра ҷиҳати мутобиқатии санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ натиҷаҳои хуб ба назар мерасанд. Ин гувоҳи он аст, ки баҳри мукаммалсозӣ ва мутобиқ намудани соҳаи қонунгузории мамлакт ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мақомотҳои ваколатдори давлатӣ бетараф нестанд. Аз ин ҷо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 24 пас аз калимаи «бемориҳои» калимаҳои «сил,» илова карда шуд ва дар қисми 2 моддаи мазкур калимаи «бемории» ба калимаи «бемориҳои сил,» иваз карда шуд. Ин тағйиру иловаҳо ҷиҳати мутобиқат намудани Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба банди г қисми 1 моддаи 97, ва қисми 2 моддаи 98 ва ба ном ва қисми 1 моддаи 101 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба сархати сеюми қисми 4 моддаи 392 ва моддаи 396 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

4. Чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, шахсоне низ дар ҷамъият ҳастанд, ки бо сабабҳои гуногун даст ба кирдорҳои ношоям зада, дар натиҷаи исботи гуноҳашон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ҳамчун чораи тарбиявӣ ва пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав, тибқи қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда мешаванд. Новобаста аз он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маҳкумшудагон баҳри муайян кардани воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар асоси принсипи инсондустӣ аҳамияти махсус зоҳир менамояд, ки ин ғамхориҳои ҳукумату давлат дар такмил додани қонунгузории соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало зоҳир мегардад. Дар ин самт як қатор тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, ки гувоҳи гуфтаҳои боло мебошад. Аз ҷумла :

– аз қисми 7 моддаи 16 калимаҳои «ва дигар ашхоси дорои чунин ҳуқуқи хизматрасонӣ дошта» хориҷ карда шуд;

– дар қисми 4 моддаи 24, қисми 3 моддаи 74, қисми 7 моддаи 78, банди з қисми 1 моддаи 100, қисми 2 моддаи 105 калимаҳои “инфексияи ВИЧ” ба калимаҳои “вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасои масуният” иваз карда шуд;

– дар қисмҳои 4 ва 5 моддаи 16, қисми 5 моддаи 78 калимаи “тандурустии” ба калимаҳои “тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии” иваз карда шуд;

– дар қисми 1 моддаи 75 калимаи “иҷозатномаи” ба калимаи “иҷозати” иваз карда шуд;

– дар банди б моддаи 81 калимаи “иҷозатномаи” ба калимаи “иҷозати” иваз карда шуд;

– аз қисми 5 моддаи 91 калимаҳои “ё ашхоси дигар, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳақ доранд,” хориҷ карда шуд;

– дар қисми 6 моддаи 105 калимаҳои “тандурустӣ” ва “тандурустии” мувофиқан ба калимаҳои “тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ” ва “ ва тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии” иваз карда шуд;

– дар қисми 4 моддаи 113 калимаҳои “ва ҳифзи ичтимоии” ба калимаҳои “, муҳоҷират ва шуғли аҳолии” иваз карда шуд;

– дар қисми 6 моддаи 117 калимаи “маорифи” ба калимаҳои “маориф ва илми” иваз карда шуд;

– аз қисми 4 моддаи 172 калимаҳои “ва дигар ашхосе, ки барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ҳақ доранд” хориҷ карда шуд;

– дар қисми 1 моддаи 199 калимаи “иқтисод” ба калимаҳои “рушди иқтисод” иваз карда шуд;

– аз банди а) қисми 2 моддаи 215 калимаҳои “ва дигар ашхосе, ки барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ҳақ доранд,” хориҷ карда шуд.

– 5. Бо мақсади такмил, инкишоф ва беҳтар намудани меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан вобаста ба масъалаҳои фарзандхондӣ, як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла:

– дар қисми 5 моддаи 55 калимаҳои “ё иҷозатномае, ки мақомоти бо қонун ваколатдоршуда додааст,” ба калимаҳои “, ваколатнома ва шаҳодатнома” иваз карда шуд;

– матни моддаи 275 қисми 1 ҳисобида шуд. Инчунин, дар сархати сеюм пас аз калимаи “ӯ” аломати нуқта гузошта шуда, ҷумлаи нав бо мазмуни “Дар сурати ғайри имкон будани ба даст овардани маълумоти мазкур дар ин хусус дар ариза қайд карда мешавад;” илова карда шуд. Аломати вергул пас аз калимаи “ӯ” дар сархати панҷум гузошта шуда, калимаҳои “(ҳангоми фарзандхондӣ дар синни то яксола)” хориҷ карда шуд. Дар моддаи мазкур қисми 2 бо мазмуни зайл ворид карда шуд:

“2. Аризадиҳанда метавонад дархостҳоеро, ки дар сархати панҷуми қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, зимни омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва ё бевосита ҳангоми муҳокимаи судӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд.”.

– Ҳамчунин, дар қисми 1 моддаи 276 Кодекси зикргардида чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шуд:

– сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

– нусхаи шиносномаи шахси (шахсони) ба фарзандӣ қабулкунанда;”;

– сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

“- ҳангоми фарзадхондии кӯдак аз ҷониби як ҳамсар – розигии хаттии ҳамсари дигар. Дар сурати ҷой дошани ҳолатҳое, ки тибқи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон розигии ҳамсари дигар талаб карда намешавад, дар ариза маълумоти мазкур қайд шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ замима карда мешавад;”;

– дар сархати чорум пас аз калимаи “қабулкунанда” аломати нуқта вергул “;” ба аломати нуқта иваз карда шуд;

– сархати панҷум, шашум ва ҳафтум хориҷ карда шуд;

– қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

“2. Дар сурати фарзандхонд кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) ва шахси дигаре, ки ҳақиқатан (амалан) бо кӯдаки фарзадходшаванда ҳамчун аъзои як оила истиқомат доранд, талаботи сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 ҳамин модда татбиқ карда намешаванд.”;

– қисмҳои 2 ва 3 моддаи 276 мувофиқан қисмҳои 3 ва 4 моддаи зикргардида ҳисобида шуд. Аз моддаи 277 қисми 2 хориҷ карда шуда, қисми 3 қисми 2 ҳисоб карда шуд.

Матни моддаи 278 қисми 1 ҳисобида шуда, қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**“2. Суд парвандаҳоро дар хусуси фарзандхондӣ дар муҳлати як моҳ аз рӯзи қабули ариза баррасӣ ва ҳал менамояд.”.**

Ҳамчунин, матни моддаи 280 қисми 1 ҳисобида шуда, қисми 2 бо мазмуни зайл илова гардид:

**“2. Суд нусхаи ҳалномаро оид ба бекор кардани фарзандхондии кӯдак дар муҳлати се рӯзи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома барои ворид намудани маълумот дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ ба мақомоти сабти ҳолати асноди шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома ирсол менамояд.”.**

6. Тибқи қонунгузории мамлакат адолати судӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад, ки вазифаҳои асосии мурофиавии судҳои мазкур ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда ё мавриди баҳс қароргирифта ва манфиатҳои қонунии шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғулбуда ва ғайраҳо мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки баҳри баланд бардоштани меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукаммал гардонидани он баҳри танзими пурраи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъмини рушди иқтисодиёт тағйироти воридгардида ба маврид мебошад, ки дар ин самт ба қисми 5 моддаи 74, моддаи 105, моддаи 234, тағйиротҳои зерин ворид карда шуданд, аз ҷумла далелҳои хаттӣ, ки дар моддаи 74 Кодекси мазкур дарҷ гардидааст, масъалаҳои вобаста ба шартномаҳо, санадҳо, маълумотномаҳо ва ғайраҳоро муайян мекунад, қисми 5-и он дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

**“5. Ҳуҷҷати дар давлати хориҷӣ гирифташуда, ки он тибқи тартиби муқаррargardida тасдиқ (легализатся) карда ё ба он апостил гузошта шудааст, дар суди иқтисодӣ далели хаттӣ эътироф мегардад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.”.**

Ҳамзамон, аз моддаи 105 Кодекси зикргардида калимаҳои "ва дигар шахсоне, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд (намояндагон)" хориҷ карда шуд. Ҳамчунин, моддаи 234 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

**"Моддаи 234. Эътирофи ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти давлатҳои хориҷӣ додаанд, таҳия ё тасдиқ намудаанд**

**1. Ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ тибқи тартиби муқarrарргардида берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунҳои давлатҳои хориҷӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони хориҷӣ додаанд, таҳия ё тасдиқ намудаанд, агар дар қонунҳо ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аз ҷониби судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷудияти апостил ё барасмиятдарории консулӣ қабул карда мешаванд.**

**2. Ҳуҷҷатҳои ба забони хориҷӣ таҳияшуда ба судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо тарҷума ба забони давлатӣ, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ гардидааст, пешниҳод карда шаванд.**

**3. Гузоштани апостил ё тасдиқи (легализатсияи) ҳуҷҷате, ки аз ҷониби шахси хориҷӣ ба суди иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муайян карда мешавад.".**

7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кодексҳои фаъоли танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, вазифаи он доир ба тарбияи ҷавонон ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ва дигар ҳаракатҳои ғайриахлоқие, ки сабаби вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ мегардад, равона карда шудааст, ки меъёрҳои он мустақиман аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. Яке аз вазифаҳои асосии Кодекси мазкур ин ба танзим даровардани фоҳишагарӣ мебошад. Фоҳишагарӣ яке аз амалҳои зишти ба ҷамъият зараровар буда, танзими он дар моддаи 130 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки ба моддаи зикргардида тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

Матни модда қисми 1 ҳисобида шуда, қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**"2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда,**

**– ба андозаи аз бист то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ шабонарӯз таъин карда мешавад.".**

8. Ба Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

Ба қисми 1 моддаи 93, ки доираи салоҳияти суд дар ҳал намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дода шудааст, пас аз рақами "126," рақамҳо ва калимаи "130 қисми 2," илова карда шуд. Ҳамчунин, дар қисми 1 ва сархати якуми қисми 2 моддаи 98 рақамҳои "127130," ба рақамҳо ва калимаи "127-129,130 қисми 1," иваз карда шуд.

9. Адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ яке аз соҳаҳои муҳими ҷамъиятӣ буда, баҳри ҳимоя намудан аз ҳуқуқу озодиҳои поймолгаштаи шаҳрвандон ҳамчун ёрии ҳуқуқӣ равона карда шудааст, ки ҷомеаи ҳуқуқии шаҳрвандиро бе мавҷудият ва фаъолияти адвокатура пеш бурдан дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иншон ва шаҳрванд ғайриимкон мебошад. Аз ин ҷо, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" як қатор тағйиру иловаҳо дар самти такмил додани меъёрҳои он ворид карда шуд. Аз ҷумла, ба сархати чорум ва панҷуми қисми 2 моддаи 10 пас аз калимаи "судя," калимаҳои "машваратчии халқӣ," илова карда шуд.

Моддаи 12 Қонуни мазкур, ки дарбаргирандаи соҳиб шудан ба мақоми адвокат мебошад, ба қисми 2 он тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд. Аз ҷумла сархати якум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

**"- ба талаботи қисми 1 ҳамин модда ҷавобгӯ набошад;";**

Дар сархати дуюм калимаҳои "ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта бошад." ба калимаҳои "ҷиноят маҳкум шуда бошад;" иваз карда шуд. Сархати сеюм ва чорум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

**« - аз мақомоти давлатӣ, судӣ, адлия, прокуратура, адвокатура дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ барои вайрон кардани савганди касбӣ, содир намудани кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта аз вазифа озод карда шуда бошад;»**

Ба қисми 1 моддаи 13 пас аз калимаи "он" калимаҳои ", инчунин гузаронидани аттеста-

тсияи адвокатҳо” илова карда шуд. Сархати якуми қисми 2 моддаи 14 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

**“- нусхаи шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;”;**

Дар сархати панҷуми моддаи мазкур калимаҳои “ҷой доштани доғи судӣ” ба калимаҳои “ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан ва маҳкум гардидан” иваз карда шуд. Як қатор ҳолатҳое ҳастанд, ки фаъолияти адвокатӣ боз дошта мешавад ва моддаи 21 қонуни мазкур ҳолатҳои боздоштани фаъолияти адвокатиро расман муайян намудааст. Дар ин самт ба қисми 1 ҳамин модда сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

**“- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан аз вазифа дур кардани адвокат;”.**

Қонуни мазкур ҳамчунин холатҳоеро, ки мақоми адвокатӣ қатъ карда мешавад, дар моддаи 22 муайян намудааст ва тибқи тағйиру иловаи навбатӣ дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 22 калимаҳои “ҷинояти қасдона” ба калимаҳои “ҷиноят ва ё қабул гардидани қарор дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан бо асосҳои дар сархати чоруми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 29 – 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида;” иваз карда шуда, се сархати нав (шашум, ҳафтум ва ҳаштум) ҷиҳати мушаххас гардонидани ҳолатҳои қатъ кардани мақоми адвокатӣ илова карда шуд. Аз ҷумла:

**“- аз аттестатсия нагузаштани адвокат;**

**– аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадан ё шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз даст додани адвокат;**

**– барои истиқомати доимӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баромада рафтани адвокат;”.**

Дар қисми 1 моддаи 35 калимаи “бардоранд.” ба калимаҳои “бардошта, дар назди Комиссияи тахассусӣ аз аттестатсия гузаранд. Тартиби гузаронидани аттестатсияи адвокатҳоро Иттифоқи адвокатҳо муайян мекунад.” иваз карда шуд. Оид ба соҳиб шудан ба мақоми адвокатӣ, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 35 Конуни мазкур ба танзим медарорад, вобаста ба мукаммал намудани моддаи мазкур тағйироти зерин ворид карда шуд: Қисми 1 моддаи зикргардида хориҷ карда шуда, қисмҳои 2, 3, 4, 5 ва 6 мувофиқан қисмҳои 1, 2, 3, 4, ва 5 ҳисобида шуданд.

10. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 23 ноябри соли 2015, №1243 як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз Қонуни мазкур қисмҳои 7 ва 8 моддаи 9, ки шакли фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро муайян мекунад, хориҷ карда шуд. Яке аз ваколатҳои (ҳуқуқҳои ё функсияҳои) Ҷамоат ин дар доираи ваколати худ қабул намудани қарор мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани онҳоро муқаррар менамояд, бинобар ин ба қонуни зикргардида моддаи нав бахшида ба санадҳои Ҷамоат бо мазмуни зерин илова карда шуд:

**“Моддаи 9$^{1}$. Санадҳои Ҷамоат**

**1. Ҷамоат дар доираи ваколати худ қарор қабул мекунад.**

**2. Қарорҳои Ҷамоат, ки дорои хусусияти умумиҳатмӣ мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ фиристода мешаванд.**

**3. Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои Ҷамоатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.**

**4. Қарорҳои Ҷамоат дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот амал намуда, иҷрои онҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.”.**

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии марказӣ миёни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт ба шумор рафта, бахри муайян намудани асосҳои ҳуқуқии ҳаракат дар роҳ қабул карда шудааст. Дар ин самт бо мақсади такмил додани Қонуни мазкур ба сархати якуми банди б моддаи 31 баъд аз калимаҳои “ё истифодабарии воситаи нақлиёт” калимаҳои “ё гузаштани мӯҳлати амали онҳо” илова карда шуд.

**Зуҳуров Б.,**
**сармутахассиси шуъбаи**
**қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ,**
**мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ГРАЖДАНӢ, СОҲИБКОРӢ ВА ОИЛАВӢ

Дар семоҳаи чоруми соли 2015 дар қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ як қатор навигариҳо ворид карда шуд. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5 қонуни амалкунандаи зерин тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шудааст:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ».

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, таҳти рақами №508 як қатор тағйироту илова ворид карда шуд, ки баъзеи онҳо хусусияти таҳрирӣ доранд. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки ҳангоми бақайдгирии давлатии таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ, қатъ намудани фаъолияти онҳо, бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти бахшҳо (филиалҳо) ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, пешбурд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба миён меоянд, танзим менамояд. Дар моддаи 2 сархати ҳафтум илова карда шуд: «гузоштани апостил- тасдиқ намудани аслияти имзо, муҳр (штамп) дар нусхаи асли ҳуҷҷат.».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, таҳти рақами № 258 муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таъсис додан, фаъолият намудан, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Қисми 3 моддаи 39 Қонуни мазкур дар таҳрири нав ифода карда шуд:

**«3. Ҳуҷҷатҳои дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тасдиқ (легализатсия) карда шаванд ё ба онҳо апостил гузошта шавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.» .**

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, таҳти рақами №682 қабул шуда, шарт ва тартиби ақди никоҳ, қатъ ва беэътибор донистани онро муқаррар менамоянд, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкиеро, ки дар оила миёни зану шавҳар, падару модар фарзандон, дигар аъзои оила ба миён меоянд, муносибатҳое, ки вобаста бо фарзандхондӣ, васояту парасторӣ, ба тарбия гирифтани кӯдакон ба миён меоянд, тартиби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва муносибати дигари оилавиро танзим менамоянд. Моддаи 58 дар таҳрири нав ифода карда шуд, ки он ҳуқуқи кӯдак ба доштани насаб, ном ва номи падар равон гардидааст. Ба моддаи 123 қисми 4 илова карда шуд, ки он тартиби ошкоркунӣ ва баҳисобгирии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар моддаи 126 қисми 4 бо мазмуни нав илова карда шуд, ки он тартиби пешниҳоди хулосаи мақомоти васояту парасторӣ ва номгӯи маълумоти онро Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ муайян мекунад ва қисми 4 пешина қисми 5 ҳисобида шуд. Дар моддаи 127 қисми 2 бо мазмуни нав, ки «муқаррароти сархати якуми қисми 1 ҳамин модда нисбат ба падарандар ва модарандар татбиқ намегардад»-ро илова шуд ва қисми 2 пештара қисми 3 рақамгузорӣ шуд. Моддаи 135 дар таҳрири нав ифода карда шуд:

**«Моддаи 135. Тағйир додани сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда**

**1. Барои таъмини сирри фарзандхондӣ бо хоҳиши фарзандхондкунандагон сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда метавонанд тағйир дода шаванд. Тағйир додани санаи таваллуди кӯдак танҳо дар сурати фарзандхонд кардани кӯдаки навзод (то яксола) ва ба муддати на зиёда аз се моҳ иҷозат дода мешавад.**

**2. Оид ба тағйир додани сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшуда дар ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондии кӯдак зикр карда мешавад.»**

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011, таҳти рақами №751 якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ, номгӯи истисноии фаъолиятҳои дар асоси иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ амалишаванда, тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян намуда, шаклҳои ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро муқаррар карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист ва амнияти давлатро таъмин менамояд. Ба Қонуни мазкур як моддаи нав илова гардид, ки ин моддаи 31 мебошад ва он тартиби ворид намудан, тағйир додан ва хориҷ кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро мефаҳмонад. Дар моддаи 29 матни модда қисми 1 ҳисобида шуд ва ба банди 7 сархати 2 бо мазмуни нав илова карда шуд, ки иҷозат барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯранда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ (дар мувофиқа бо Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои истифодаи қаъри замин) дарбар мегирад ва ба ҳамин модда қисми 2 илова шуд, ки мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда ҳуқуқ надоранд ба субъектҳои соҳибкорӣ ҳуҷҷатҳоеро диҳанд, ки хусусияти иҷозатдиҳӣ дошта, дар номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ мавҷуд набошанд. Аз ҷониби дигар, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқии дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ нагардида додани ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ манъ аст. Инчунин, ба дигар моддаҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки онҳо хусусияти техникӣ доранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, таҳти рақами №188 якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Қонуни мазкур тартиби бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби тағйир додан, ислоҳ, барқарор ва бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби ташкил намудани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиб ва муҳлати нигоҳ доштани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ (китобҳои аснод) ва вазъи ҳуқуқии мақомоте, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ мегиранд, танзим мекунад. Ба моддаи 50 қисми 3 илова карда шуд, ки он дорои чунин мазмун аст:

«3. Агар дар давоми як моҳи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд оид ба фарзандхондӣ шахсони дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида бо ариза ё хабарнома муроҷиат накунанд, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи бароварда шудани ҳалномаи суд бақайдгирии давлатии фарзандхондиро анҷом медиҳад.».

**Исмоилова М.,**
**мутахассиси пешбари**
**шуъбаи қонунгузорӣ оид ба**
**гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ, АНДОЗУ ГУМРУК ВА ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

Дар нимсолаи дуюми соли 2015 дар қонунгузории соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ як қатор навигариҳо ба вуҷуд омад, ки метавон онҳоро пешравиҳо дар соҳаи мазкур номид. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ".

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок" санаи 28 июни соли 2011 қабул гардида, бори аввал мебошад, ки ба қонуни мазкур тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад. Асос барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок" ин пеш аз ҳама, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба талаботи муосири бозори қоғазҳои қиматнок, бартараф намудани нуқсонҳо ва номутобиқатии меъёрҳои он, инчунин бартараф намудани камбудиҳои дар он ҷойдошта ва рушди бозори қоғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба қонуни зикргардида тағйироту иловаҳои зерин ворид гардидаанд:

Дар моддаи 1 сархати ҳафтум дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**"- биржаи фондӣ- шахси ҳуқуқие, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии ҷамияти саҳомӣ таъсис ёфта, ташкили савдои қоғазҳои қиматнок бо роҳи истифодаи низоми савдои биржаи фондӣ хизмат мерасонад;".**

Сархати чилу якум бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**"- ташкилоти нархгузорӣ бозори ғайрибиржавии қоғазҳои қиматнок - шахси ҳуқуқие, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии ҷамъяти саҳомӣ таъсис ёфта, ташкил ва таъмини техникаи савдои қоғазҳои қиматнокро бо роҳи истифода ва дастгирии низоми мубодилаи нархгузории байни мизоҷони ҳамин ташкилкунандаи савдо амалӣ менамояд;".**

Дар моддаи 4 қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шуд :

**"2. Арзиши номиналии саҳмияҳои эмитент-резидентҳо, инчунин метавонад бо асъори хориҷӣ ифода ёбад. Арзиши чунин саҳмияҳо дар санаи бароriш набояд аз ҳадди ақалли арзиши номиналии саҳмияҳои бо қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда камтар бошад.";**

Дар моддаи 5 қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**"3. Арзиши номиналии вомбаргҳои эмитент – резидентҳо, инчунин метавонад бо асъори хориҷӣ ифода ёбад. Арзиши чунин вомбаргҳо дар санаи барориш набояд аз ҳадди ақалли арзиши номиналии вомбаргҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда камтар бошад.";**

Ба моддаи 38 қисми 12 бо мазмуни зайл илова ворид карда шуд:

**"12. Тартиби амалӣ намудани фаъолияти брокерӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.".**

Ба моддаи 39 қисми 7 бо мазмуни зайл илова ворид карда шуд:

**"7. Тартиби амалӣ намудани фаъолияти дилерӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.".**

Дар моддаи 43 қисми 14 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**"14. Иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун муассис метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуздорандаи марказиро таъсис диҳанд. Тартиби фаъолияти маҳфуздорандаи марказӣ аз ҷониби Ҳукумати**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.”.**

Дар моддаи 44 қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**“1. Фаъолият оид ба ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун фаъолияти биржаи фондӣ ва ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок эътироф карда мешавад.”;**

Ҳамзамон қисми 2 моддаи мазкур хориҷ карда шуда, қисмҳои 3-12 мувофиқан қисмҳои 2-11 ҳисобида шуданд. Қисмҳои 12- 16 бо мазмуни зайл илова карда шуданд:

**“12. Қоидаҳои амалӣ намудани фаъолият оид ба ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок аз ҳисоби биржаи фондӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок тасдиқ карда мешаванд”.**

**13. Фаъолияти асосии ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок ин ташкили низоми мубодилаи нархгузории коғазҳои қиматнок байни мизоҷони ҳамин ташкилкунандаи савдо мебошад.**

**14. Мизоҷони ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок метавонанд танҳо иштирокчиёни касбии бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок бошанд.**

**15. Ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:**

**– истифодабарӣ ва дастгирии низоми мубодилаи нархгузории коғазҳои қиматнок;**

**– ба мизоҷони худ додани имконияти дастрасии истифода ва дастгирии низоми мубодилаи нархгузории коғазҳои қиматнок бо мақсади бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ва дигар воситаҳои молиявие, ки ба муомилот дар ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок ворид шудаанд;**

**– ташкили мубодилаи мунтазами нархгузории коғазҳои қиматнок байни мизоҷони ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок;**

**– ташкили мубодилаи иттилоот оид ба бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок байни мизоҷони ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок;**

**– ба мизоҷони худ пешниҳод кардани иттилооте, ки барои бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматноки ба муомилот дар ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок воридшуда зарур мебошад.**

**16. Қоидаҳои амалӣ намудани фаъолият оид ба ташкили савдо дар ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок аз ҷониби ташкилоти нархгузории бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори ғайрибиржавии коғазҳои қиматнок тасдиқ карда мешаванд.”.**

Дар моддаи 45 сархати чорум хориҷ карда шуд.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” санаи 28 феврали соли 2004 қабул гардидааст. Дар зербанди “а” банди 1 сархати якуми банди 12 ва сархати якуми банди 13 қисми 8 моддаи 4 калимаҳои “писархонд (духтархонд)” бо калимаи “фарзандхонд” иваз карда шуд. Сархати сеюми банди 13 қисми 8 моддаи 4 Қонуни мазкур дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**“- барои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати тасдиқи ваколатномаҳои ҳуқуқи истифодаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои ҳуқуқи ихтиёрдории онҳо - ба андозаи понздаҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;”.**

Ба қисми 16 моддаи 4 банди 9 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**“9) барои гузоштани апостил дар ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 62,5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар ҳуҷҷат аз шахсони воқеӣ ва 125% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар ҳуҷҷат аз шахсони ҳуқуқӣ.”.**

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” санаи 2 августи 2011 қабул гардида, бори аввал мебошад, ки ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Сархати ҳафтуми моддаи 1 дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**“- пасандозҳои суғурташуда – пасандозҳое, ки тибқи Қонун мазкур объекти ҳатмии суғурта мебошанд;”.**

Қисми 1 моддаи 16 дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**“1. Ташкилоти қарзӣ бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,25 фоизи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи пасандозҳои шахсони воқеии дар ташкилоти қарзӣ мавҷудбуда, ки суғурта мешаванд, ба истисноӣ пасандозҳои шахсони воқе-**

**ии дар моддаи 24 ҳамин Қонун номбаршуда, бо пули миллӣ пардохтҳои тақвимии бебозгаштро пардохт намояд.”.**

Номи Боби 5 дар таҳрири зайл илова карда шуд:

**“ПАСАНДОЗДОРОН ДАР НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО. ОБЪЕКТИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО. АНДОЗА ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА АЗ РӮИ ПАСАНДОЗҲО”.**

**“Моддаи 21[1]. Объекти ҳатмии суғурта**

**Уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ оид ба баргардонидани пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштани шахсони воқеӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар сурати барҳамдиҳии маҷбурии он, ки бо шартномаҳои пасандозҳои бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтии маош ва нафақа ва ё дафтарчаи амонат тасдиқ шудаанд, объктҳои ҳатмии суғуртакунӣ ба ҳисоб меравад.”.**

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, ба қисми 2 моддаи 4 сархати ҳаштум ба мазмуни зайл илова карда шуд:

**“- хироҷ барои гузоштани апостил;”.**

Боби 8[1] бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**“БОБИ 8[1] ХИРОҶ БАРОИ ГУЗОШТАНИ АПОСТИЛ**

**Моддаи 29[1]. Муқаррарот оид ба ситониданы хироҷ барои гузоштани аспотил**

**1. Барои баррасии ариза оид ба гузоштани апостил дар ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хироҷ ситонида мешавад.**

**2. Маблағи хироҷ аз рӯи меъёрҳои муқарранамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор барои гузоштани апостил пардохта мешавад.**

**3. Маблағи пардохтшудаи хироҷ баргардонида намешавад.”.**

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17 сентябри соли 2012 қабул гардида, маротибаи 3 мебошад, ки ба Кодекси мазкур тағйироту илова ворид карда мешавад. Банди 4 моддаи 138 Кодекси андози ҶТ дар таҳрири зайл ифода гардид:

**“4) Ҳуҷҷате, ки резидентии ғайрирезидентро тасдиқ мекунад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тасдиқ (легализатсия) карда шавад ё ба он апостил гузошта шавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.”.**

Ҳамзамон, ба Кодекси андози ҶТ боби нав- 472 илова гардид, ки асоси илова намудани ин боб ин пеш аз ҳама, ҳавасманд гардонидани субъектони бозори қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок, эмитентҳо ва сармоягузороне, ки дар бозори муташаккили қоғазҳои қиматнок иштирок мекунанд, маҳсуб меёбад.

Чи тавре, ки дар боло зикр кардем, Қонуни ҶТ “Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок” соли 2011 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад. Бинобар ин яке аз роҳҳои вусъат бахшидан барои рушди бозори қоғазҳои қиматнок ин ба талаботи муосир мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мебошад.

Ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 472 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

**“БОБИ 47[2]. ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗБАНДИИ СУБЪЕКТҲОИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК**

**Моддаи 313[2]. Хусусиятҳои андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок**

**1. Муқаррароти моддаи мазкур нисбат ба субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок – иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок (минбаъд – иштирокчиёни касбӣ), эмитентҳо ва сармоягузорон, ки дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок иштирок мекунанд, татбиқ карда мешаванд.**

**2. Ба фаъолияти иштирокчиёни касбӣ дохил мешаванд:**

**– фаъолияти брокерӣ;**

**– фаъолияти дилерӣ;**

**– фаъолият оид ба идораи портфели қоғазҳои қиматнок;**

**– фаъолият оид ба муайян кардани уҳдадориҳои тарафҳо (клиринг) аз рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматнок;**

**– фаъолият оид ба пешбурди феҳристи дорандагони қоғазҳои қиматнок;**

**– фаъолияти маҳфуздорӣ;**

**– фаъолияти ташкили савдо дар бозори қоғазҳои қиматнок.**

**3. Иштирокчиёни касбӣ, ки фаъолияти дар қисми 2 ҳамин модда муқарраршударо амалӣ менамоянд, зимни амалисозии чунин фаъолият аз пардохти андозҳои зерин ба муҳлати 5 сол озод карда мешаванд:**

**– андоз аз фоида;**

**– андоз аз арзиши иловашуда.**

**4. Эмитентҳо – шахсони ҳуқуқии резидент ва ғайрирезиденте, ки қоғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дар муомилот мебошанд, вобаста ба даромади аз чунин фаъолият бадастоварда ба муҳлати 5 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда) озод карда мешаванд.**

**5. Сармоягузорон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки резидент ва ғайрирезидент мебошанд ва аз муомилот бо қоғазҳои қиматнок дар биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, вобаста ба чунин даромад ба муҳлати 5 сол аз пардохти андозҳои зерин озод карда мешаванд:**

**– андози даромад аз афзоиши арзиши қоғазҳои қиматнок;**

**– андоз аз суди саҳмияҳо.**

**6. Бо мақсади амалисозии назорати имтиёзҳои додашаванда, ворид намудани шахсони дар қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи мазкур зикргардида ба қайди махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ ва асосҳои соҳиб шудан ба имтиёзҳои андозӣ аз ҷониби онҳо, биржаи фондӣ сари вақт ба мақоми ваколатдори давлатӣ барои ба қайдгирӣ маълумоти асоснокро пешниҳод менамояд. Имтиёзҳои дар моддаи мазкур номбаршуда танҳо пас аз қайди зикргардида ва пешниҳоди шаҳодатномаи дахлдор истифода мегарданд.**

**7. Дар сурати аз ҷониби эмитентҳо ва сармоягузорон ба анҷом расонидани амалиёт бо қоғазҳои қиматнок дар бозори номуташаккили қоғазҳои қиматнок, чунин амалиёт бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур андозбандӣ мешавад.**

**8. Барои субъектҳои бозори қоғазҳои қиматноки тибқи ҳамин боб андозбандишаванда муҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботии андоз, инчунин муҳлати даъво ба муҳлати (давраи) пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ мутобиқи қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи мазкур тамдид карда мешавад.**

**9. Дастурамал оид ба андозбандии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматноки тибқи ҳамин боб андозбандишаванда, инчунин шакли эъломияҳо (ҳисобот ва маълумотҳо) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.”.**

**Шаҳриёр Орифӣ,**
**сармутахассиси шуъбаи**
**қонунгузорӣ оид ба молия, андозу**
**гумрук ва фаъолияти бонкӣ**

**Абдураҳмони Баҳром,**
**мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ**
**оид ба молия, андозу гумрук**
**ва фаъолияти бонкӣ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ, ИСТИФОДАИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ВА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Бояд қайд кард, ки дар идомаи сиёсати хирадмандона ва вусъатбахши давлату Ҳукумати Тоҷикистон пайомадҳои нав ба нав дар соҳаи қонунгузорӣ ва дигар соҳаҳои гуногуни ҷомеа амалӣ карда мешаванд, ки беш аз пеш мавқеи қонун ва таъмини кафолати ҳуқуқии инсонро устувор намуда, сатҳи зиндагии мардум рӯз аз рӯз беҳтар шуда истодааст. Аз ин ҷониб, дар қонунгузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар семоҳаи охири соли 2015 як қатор навигариҳо ба амал омад, ки метавон онҳоро пешравиҳо дар соҳаи мазкур номид.

Ҳамин тариқ, аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се қонуни амалкунанда таъғиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ».

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ҳанӯз 5 январи соли 2008 қабул карда шуда буд. Бинобар сабабе, ки муносибатҳои нави кишоварзӣ рушд ёфтаанд, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур ба миён омад.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба вуҷудомада дар сархати даҳуми моддаи 2, қисми дуюми моддаи 7, қисми дуюми моддаи 27 калимаҳои «Феҳристи навъҳои тиҷоратӣ» ба калимаҳои «Феҳристи давлатии навъҳо» иваз карда шуд.

Инчунин, тибқи навигарии қонуни мазкур моддаи 2 сархати ҳабдаҳум дар таҳрири зайл ифода карда шуд:

**«-Феҳристи давлатии навъҳо – рӯйхате, ки ба он навъҳо ва дурагаҳои растании аз санҷиши расмӣ гузаронидашуда дохил карда мешаванд»**

Сархати ҳаждаҳум бо мазмуни зайл ифода карда шуд:

**«- Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо – дар тағйироти моддаи мазкур асосан рӯйхате, ки ба он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба истеҳсоли тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳои машғулбуда дохил карда мешаванд.».**

Инчунин мувофиқи тағйироту навигариҳои воридкардашуда дар қисми дуюми моддаи 6, қисми сеюми моддаи 7, қисми дуюми моддаи 8, қисми дуюми моддаи 9, қисми дуюми моддаи 10, қисми дуюми моддаи 11, қисмҳои чорум ва панҷуми моддаи 16, моддаи 17 қисми якуми моддаи 18, қисми дуюми моддаи 21, қисми сеюми моддаи 22, қисми сеюми моддаи 23, қисмҳои якум ва чоруми моддаи 24, қисми якуми моддаи 25, қисми панҷуми моддаи 26, қисмҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 27, калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии идораи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ» иваз карда шуданд.

**Моддаи 14 Қонуни мазкур бошад, дар таҳрири зайл ифода карда шуд:**

**«Моддаи 14. Феҳристи давлатии навъҳо**

**Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, фурӯш ва истифодаи тухмии растаниҳое иҷозат дода мешавад, ки ба Феҳристи давлатии навъҳо дохил карда шудаанд.**

**Ба Феҳристи давлатии навъҳо дохил ва хориҷ кардани навъҳоро мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо амалӣ менамояд.**

**Мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо маълумотро оид ба дохил ва хориҷ кардани навъҳо ба Феҳристи давлатии навъҳо дар нашрияи расмии мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ нашр ва ба шабакаи интернет дохил мекунад.**

**Тартиби дохил ва хориҷ кардани навъҳоро ба Феҳристи давлатии навъҳо, инчунин пешбурди онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.».**

Аз тарафи мақомоти қонунгузор ба Қонуни мазкур моддаҳои 141 ва 142 илова кар-

да шудааст: «Моддаи 141 Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо».

Тибқи тағйироти воридкардашуда ба Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо маълумот оид ба ном ва суроғаи шахси ҳуқуқӣ инчунин насаб, ном, номи падар ва суроғаи маҳалли зисти шахси воқеӣ, номгӯи растанӣ ва навъҳои истеҳсолшавандаи тухмии аслӣ ва элитаи растаниҳо дохил карда мешавад. Истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо уҳдадор мебошанд, ки на дертар аз як моҳи оғозшавии фаъолият оид ба истеҳсоли тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо ба мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо, ки онро ба Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растаниҳо дохил менамояд, маълумот пешниҳод намоянд. Мақоми давлатии санҷиш ва бақайдгирии навъҳо маълумоти дар Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯххои аслӣ ва элитаи растаниҳо мавҷудбударо ба шабакаи интернет дохил мекунад. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки тартиби пешбурди Феҳристи истеҳсолкунандагони тухмии гурӯҳҳои аслӣ ва элитаи растанҳоро мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ муқаррар менамояд.

Қонунгузор асосан тухмии растаниҳоеро, ки мансубияти навъӣ доранд ва ба Феҳристи давлатии навъҳо ворид карда нашудаанд, барои истифода бурдани корҳои зерин ҷудо намудааст: - гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ, санҷиши давлатии навъҳо ва намоиш; - барои истеҳсол ва фурӯши берун аз қаламрави ҶТ: - кишт дар ҳолатҳои талаф ё осеб дидани кишти растаниҳо ва дигар ҳолатҳои фавқулодда ё мавҷуд набудани тухмӣ дар Фонди суғуртавии тухмии растаниҳо дар асоси иҷозати мақоми давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Тибқи тағйироти қисми сеюми моддаи 19 Қонуни мазкур Фонди давлатии тухмӣ бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати ҶТ аз тарафи мақоми давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ташкил мешавад ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда шуда, моликияти ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки дар баробари тағйироти ворид кардашуда қисмҳои чорум, панҷум ва шашуми қонуни мазкур хориҷ карда шудааст.

Мувофиқи тағйироти моддаи 20 дар ҳолатҳои талафёбии растаниҳо ва дигар ҳолати фавқулода барои расонидани кумак ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсис дода мешавад.

Ба қонун инчунин моддаҳои 211 ва 212 илова карда шуд, ки дар он асосан талаботи стандартҳои давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ барои ҳар як гурӯҳи тухмӣ ва намудҳои растанӣ муқаррар карда шудааст. Санҷиши давлатии навъҳо барои муайян кардани аломатҳои монанд, навин, фарқунанда арзишнокии иқтисодӣ аз тарафи мақоми давлатии санҷиш ва ба қайдгирии навъҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ гузаронида мешавад.

Инчунин, тибқи тағйиру иловаҳо аз қисми дуюм моддаи 23, қисми сеюм моддаи 24, қисми дуюми моддаи 25 ва матни моддаи 30 калимаи «ваколатдори» хориҷ карда шуд.

Номи боби 7 аз «Ташкилотҳое, ки бақайдгирии навъҳо, назорати навъӣ ва тухмиро амалӣ менамоянд» ба «Танзими давлатии тухмипарварӣ» тағйир дода шуд.

Тибқи навигарӣ ва тағйироти моддаи 29 танзими давлатӣ дар соҳаи тухмипарвариро Ҳукумати ҶТ мақоми давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардонад.

Бояд қайд кард, ки бо дарназардошти тағйиру иловаҳои воридгардида ба се моддаи қонуни зикргардида бо мазмуни зайл иловаҳо ворид карда шудааст: «Моддаи 291 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тухмипарварӣ», «Моддаи 292 ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ оид ба тухмипарварӣ», «Моддаи 293 ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ». Мутобиқи тағйироти ворид гардида ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тухмипарварӣ дохил мешаванд:

– татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ;

– муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ;

– муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тухмипарварӣ;

– таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба танзим ва рушди соҳаи тухмипарварӣ;

– амалӣ намудани дигар салоҳиятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар навбати худ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ тадбирҳои зеринро амалӣ менамояд:

– Таҳияи барномаҳо, нақшаи чорабиниҳо дар соҳаи тухмипарварӣ, пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳр (ноҳия) ва назорати иҷрои онҳо;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» Қонуни мазкур 12 январи соли 2010 қабул гардида, аз 4 боб ва 23 модда иборат аст ва муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки байни мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ дар соҳаҳои истифодабарии самаранок ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба миён меоянд, танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии сарфаҷӯии бештари энергия, ҳифзи муҳити зист, сарфаю сариштаи манбаъҳои барқарорнашавандаи энергияро барои наслҳои оянда муайян менамояд. Тағйироти воридгардида ба қисми 1 моддаи 17 Қонуни мазкур мебошад, ки тибқи он нарх ва тарифҳои энергияе, ки аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол мешавад, барои фурӯхтан ба субектҳои монополияи табиӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Дар идомаи навигариҳо инчунин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ», ки 5 марти соли 2007 қабул шудааст, аз 5 боб ва 25 модда иборат мебошад, низ як қатор тағйиру иловаҳо бо мақсади аз байн бурдани номувофиқатӣ ва мухолифати меъёрҳои қонуни амалкунанда, мукаммал гардонидан, такмил додан ва дар амал татбиқ намудани он ворид карда шуд. Тибқи тағйироти воридгардида ба қонуни мазкур дар сархатҳои якум ва дуюми қисми якуми моддаи 5 пас аз калимаҳои «дар мавриди» калимаи «истеҳсол» илова карда шуд. Инчунин, ба сархати сеюми қисми дуюми моддаи 14 пас аз калимаи «шудаанд» калимаҳои «ба истиснои тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ» илова карда шуд.

Бояд қайд кард, ки қабули қонунҳои нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда номувофиқатии меъёрҳои ҷойдоштаро аз байн бурда, ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд ва дар ҷумҳурӣ далели пешравӣ ва фаъолияти пурсамари мақомоти ҳокимияти давлатиро нишон дода, баҳри дар амал татбиқ намудани онҳо мусоидат менамоянд.

**Абдулло Маҳмадшарифзода,**
**мутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист**

# НАВИГАРИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аз ҷониби мақомоти олии қонунгузории мамлакат дар нимсолаи дуюми соли 2015 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012 "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2002, №7, мод. 696) тағйирот ворид гардид.

Моддаи 53 Қонуни мазкур масъалаи тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадиро танзим менамояд. Савдои наздисарҳадӣ яке аз намудҳои савдои байналмилалии молҳо, кор ва хизматрасониҳо аст, ки ба воситаи сарҳад аз ҷониби субъектҳои истиқоматкунанда ва бақайдгирифташуда дар масофаи муайян аз сарҳади хушкии миёни ду давлат қарордошта анҷом дода мешавад. Бо мақсади ба низом даровардани савдои наздисарҳадӣ ҳанӯз то қабули Қонуни мазкур як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ташаккули савдои наздисарҳадӣ бо баъзе ҷумҳуриҳои ҳамсарҳад қабул гардидаанд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" аз 3 июли соли 2012 масоили савдои наздисарҳадиро худ ба танзим медарорад.

Қисми 3 моддаи 53, яъне масъалаи тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадӣ ва қаламрави дахлдорро, ки дар он низомҳои махсуси амалӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ муқаррар мегарданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи шартномаҳои байналмилалии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷии ҳамсарҳад муайян менамуд. Дар ин қисм баъд аз калимаи "мутобиқи" калимаҳои "қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё)" илова карда шуд. Яъне, тибқи тағйироти воридгардида масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷии ҳамсарҳад, балки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян менамояд.

Савдои наздисарҳадӣ аз тарафи шахсони дорои маҳалли доимии ҷойгиршавӣ (маҳали зист) ва шахсони хориҷии дорои маҳали доимии ҷойгиршавӣ (маҳали зист) дар қаламрави наздисарҳадии давлатҳои дахлдоре, ки дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати хориҷии ҳамсарҳад муайян шудааст, танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи маҳал бо молу хизматрасониҳои дар ҳудуди қаламрави дахлдори наздисарҳадӣ истеҳсолшуда ва барои истеъмол ва истифода дар қаламрави дахлдори наздисарҳадии таъмингардида, амалӣ гардонида мешавад.

**Носиров Д.Қ.,**
**мутахассиси пешбари шуъбаи**
**ҳуқуқи байналмилалӣ**

# МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «ҚОНУНГУЗОРИИ ИСТИФОДАИ САРВАТҲОИ ТАБИИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСОИЛ ВА ИНКИШОФ»

Санаи 6 октябри соли 2015 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Қонунгузории истифодаи сарватҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва инкишоф» баргузор гардид. Дар кори мизи мудаввар кормандон аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, олимон, мутахассисон, намояндагони ВАО ва дигар намояндагони ташкилоту идораҳо иштирок намуда, роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ маърӯзаҳо карданд.

Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мухтарам Раҳимзода М.З. бо сухани ифтитоҳии худ ба кори мизи мудаввар ҳусни оғоз бахшид. Дар идомаи суханронии хеш профессор Раҳимзода М.З. ҳозиринро барои ташриф овардан ва иштирок дар ин мизи мудаввар хайрамақдам гуфта, барои таваҷҷуҳ ба чунин масъалаи муҳими рӯз ба онҳо изҳори миннатдорӣ намуд.

Дар мизи мудаввар аз ҷониби иштироккунандагон маърӯзаҳои ҷолиб пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, Прокурори калони раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Гулчеҳра дар мавзӯи «Ҳифзи қонунии сарватҳои табиӣ» баромад намуда, қайд кард, ки дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 13) муқаррар шудааст, ки замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Кафолати мазкур тавассути як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои ҳифзи сарватҳои табииро ба танзим медароранд, амалӣ мегардад. Ба зумраи ин санадҳо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи олами ҳайвонот», «Дар бораи олами набобот», «Дар бораи ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера», инчунин кодексҳои об, замин ва ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиат ва таъмини амнияти экологӣ равона шудааст. Дар Қонуни мазкур муқаррар шудааст, ки сарватҳои табиӣ объектҳои ҳифзшавандаи муҳити зист ба ҳисоб рафта, аз ифлосшавӣ, вайроншавӣ, осеб дидан, камшавӣ, харобшавӣ ва дигар таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд.

Ба сарватҳои табиӣ замин, қаъри он, хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, ҳавои атмосфера, қабати озонии Замин, олами набототу ҳайвонот, аз ҷумла, тамоми намудҳои ҷангал, инчунин фонди генетикии онҳо дохиланд.



Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда» пешбинӣ шудааст, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ин қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае мебошанд, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқар-

рарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар гардидааст.

Сипас, дар мизи мудаввари мазкур Директори муассисаи давлатии ҳудудҳои табиӣ махсус муҳофизатшаванда Саидзода М.И. дар мавзӯи «Тафсири санадҳои меъёри ва ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷангал ва шикори Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуда, қайд кард, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ дар соҳаи ҷангал як зумра қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ қабул гаштааст аз ҷумла, ду маротиба Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1996 ва 2011), низомномаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти ҶТ аз 19 ноябри соли 2013, №17 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 феврали соли 2014, №132. ва ғайраҳо қабул карда шудаанд.

Инчунин мавсуф қайд намуд, ки имрӯзҳо такроршавии вазифаҳо ва ҳуқуқҳо байни Агентии хоҷагии ҷангал ва Кумитаи ҳифзи муҳити зист вуҷуд доранд ва ин як қатор мушкилиҳоро пеш овардааст.

Дар асоси Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №761 қабул шудааст, Агентии хоҷагии ҷангал ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҷангал, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли 2014, № 435 муайян карда шудааст ва ба зиммаи он як қатор ваколатҳои зарурӣ низ гузошта шудааст.

Баъдан сармутахассиси шуъбаи кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ Қурбонова М.Н. дар мавзӯи «Мафҳум ва меъёрҳои ҳуқуқи истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ» баромад намуда қайд кард, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ сарватҳои гуногуни табиӣ мавҷуд буда, аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо сарватҳои зеризаминӣ мебошанд. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳифзи табиат ва оқилона истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ дорад. Аз ин лиҳоз, тавсифи ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ, ин қисми қаъри замин, ки поён аз қабати хок ва дар мавриди набудани он дар қаъри баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо, ва дигар обанборҳо то умқи дастрас, ки қабати онҳо барои гузаронидани корҳои геологӣ ва истифодаи маъданҳои фоиданок дар асоси комёбиҳои илмию техникӣ дастрас аст, мебошад. Мавсуф қайд намуд, ки дар шароити имрӯза бо вуҷуди рушди иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ афзоиши босуръати истеъмоли захираҳои канданиҳои фоиданок ба назар расида, истифодаи сарфакоронаи сарватҳои зеризаминӣ аз масъалаҳои муҳими ҳаёти имрӯза мебошад. Ҳамчунин, мувофиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» талаботи асосӣ дар мавриди истифодаи самаранок ва ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ муқаррар карда шуда, дар ҳолати истифодабарии онҳо риояи тартиби муқаррар кардашудаи қонунгузорӣ дар бобати ба истифода додани манбаъҳои сарватҳои зеризаминӣ ва роҳ надодан ба истифодаи худсаронаи манбаъҳои сарватҳои зеризаминӣ; омӯзиши пурра ва хушсифати геологӣ, яъне истифодаи оқилонаи комплексӣ ва ҳифзи сарватҳои зеризаминӣ ва дигар талабот баҳри самаранок истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ ҷой дода шудаанд. Инчунин, аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23 январи соли 2015 бармеояд, ки дар шароити имрӯза азхудкунӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои қаъри замини Тоҷикистон, маблағгузорӣ барои истихроҷ ва коркарди маъдан, инчунин корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ ва иктишофии конҳои нав тавассути ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими рушди ҳамаи бахшҳои иқтисод ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, хусусан ташкили ҷойҳои нави корӣ маҳсуб меёбад.

Сипас сардори шуъбаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин ва муомилот бо партовҳои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ, дар мавзӯи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарватҳои табиӣ», директори Муассисаи Маркази татбиқи лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замини Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди қонунгузории замини ҶТ», мутахассиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ Маҳмашарифзода А.М. дар мавзӯи «Талошҳо барои рушди устувории захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигарон баромад намуданд.



Инчунин, дар мизи мудаввар баромадҳо ва муаррифиҳои Ҳисориев Ҳ.Ҳ., академик, Директори Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Захираи сарватҳои набототи Тоҷикистон ва истифодаи устувори онҳо», Хошаев Д., мутахассиси Раёсати захираҳои оби вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ дар мавзӯи «Захираҳои оби Тоҷикистон: ҳолати кунунӣ, проблема ва пешомад», Қориев А.Р., дотсенти кафедраи мелиоратсияи таҷдидсозӣ ва ҳифзи замини Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар мавзӯи «Қонунгузории сарватҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Нуров Ҳ., мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Сармоя омили инкишофи хоҷагии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Расулов Ғ.М., мутахассиси бахши ҳуқуқи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ дар мавзӯи «Талошҳо барои рушди устувории захираҳои оби ҶТ», Қаландаров Д., сармутахассиси Раёсати кадрӣ ва таъминоти ҳуқуқии Вазорати кишоварзии ҶТ дар мавзӯи «Накши инсон дар инкишоф ва пешрафти ҳифзи муҳити зист» ба таваҷҷуҳи иштироккунандагон пешниҳод гардиданд.

Дар ҷараёни мизи мудаввар оид ба мавзӯъҳои баромадкунандагон саволу ҷавоб ва баҳсу мунозираҳои илмӣ сурат гирифт. Музокираҳои мавриди таваҷҷуҳ оид ба масъалаҳои танзими қонунгузории замин, то ҳудуди қитъаи заминро муқаррар намудани мақомоти дахлдори танзими замин ва додани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи заминро тасдиқ менамоянд, ба истифода шурӯъ намудани он; тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ  кашидани амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки рӯйрост ё пинҳонӣ ҳуқуқи моликияти давлатиро ба об вайрон мекунанд ва он мухолифи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон  мебошад;  аз тарафи  хоҷагиҳои деҳқонӣ риоя гардидани меъёру қоидаҳои санитарӣ ва экологӣ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон  ҳангоми истеҳсол, коркард, нигаҳдорӣ, интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин фурӯши он; мустаҳкам намудани қонунгузории  идоракунии давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи  захираҳои об дар пайвастагӣ бо усулҳои ҳавзавӣ, марзӣ ва маъмурию ҳудудии идоракунӣ асосёфта, аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ буридани дарахту буттазор, несту нобуд кардани ҷангал, навниҳолҳои ҷангалзор, ниҳолу қаламчаи ниҳолхонаю плантатсияҳо, инчунин расонидани зарар ба ниҳолҳои худрӯй дар майдонҳое, ки барои барқарор намудани ҷангал пешбинӣ шудаанд.

Дар фарҷоми кори мизи мудаввар Директори Маркази миллии қонунгузорӣ кори чорабинии мазкурро ҷамъбаст карда, ба ҳамаи иштирокчиён барои ширкати фаъол ва маърӯзаҳои пурмазмунашон изҳори миннатдорӣ намуд.

**Абдулло Маҳмадшарифзода,**
**мутахассиси шуъбаи қонунгузории**
**кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ**
**ва ҳифзи муҳити зист**

# МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ»

26 ноябри соли 2015 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ: назария ва амалияи он» баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагон аз Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ВАО ва дигар намояндагони вазорату муассисаҳо иштирок намуданд.

Мизи мудавварро бо сухани ифтитоҳӣ муовини аввали директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳриддинзода Субҳиддин оғоз намуд. Баҳриддинзода С. ҳозиринро хайрамақдам гуфта, барои иштирокашон дар чорабинии мазкур изҳори сипос намуд. Мавсуф қайд намуд, ки сиёсати иҷтимоӣ-ҳуқуқии давлат, ки соҳаҳои мухталифро дарбар гирифтааст, ба ҳалли масоили муҳими иҷтимоӣ равона карда шудааст. Аз ин рӯ, ҷараёни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур зарурияти таҳлили қонунгузории иҷтимоиро дар шароити ҳозира тақозо менамояд. Зеро, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории сифатан нав ташаккул ёфта, таҷдиди ҷиддии меъёрҳо, ташкили соҳаҳои нав ва сифатан тағйирёбандаи амалкунанда ва институтҳои ҳуқуқ, мураттабсозии қонунгузорӣ зина ба зина амалӣ шуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки дар асоси Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф барои солҳои 2012-2015 имрӯзҳо ба якчанд қонунҳои соҳаи мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, инчунин якчанд қонунҳои дигар дар таҳрири нав қабул гардид. Аммо бо вуҷуди ин имрӯз ҳастанд мушкилиҳое, ки дар самти ҳифзи иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар самтҳои фаъолияти он низ ба назар мерасанд.



Сипас тибқи барномаи тарҳрезигардидаи мизи мудаввар сухан ба иштирокчиёни ин чорабинӣ дода шуд, ки ҳар яке бо мавзӯъҳои ҷолибу ҳалталаб баромад намуда, фикру ақидаҳои хешро иброз намуданд. Аз ҷумла, сардори Раёсати таъмини сиёсати суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистонҷ Ҳакимов Абдураҳмон Абсамадович бо мавзӯи худ «Низоми таъминоти нафақа: такмили низоми қонунгузорӣ ва татбиқиислоҳоти соҳа» баромад намуда, қайд намуд, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани таъминоти нафақаи шаҳрвандон то 1 январи соли 1994 дар асоси қонунгузории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ идома ёфт.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии мамлакат ва таъсис ёфтани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳуриро ба инобат гирифта, барои ташаккули низоми миллии таъминоти нафақа ва фароҳам овардани заминаҳои қонунгузории соҳа тадбирҳои зарурӣ андешид ва 25 июни соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида он аз 1 январи соли 1994 мавриди амал қарор дода шуд.

Дар Қонуни мазкур таъмини нафақа, ҳамчун кафолати конститутсионӣ барои тамоми категорияи шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор доштанд, шаҳрвандоне, ки собиқаи корӣ надоранд, шаҳрвандоне, ки вобаста аз намуди фаъолияти касбӣ ба таъминоти нафақаи имтиёзнок ҳуқуқ доранд, инчунин пардохти

нафақа дар мавриди дар муассисаҳоиислоҳӣ ва муассисаҳои статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ қарор доштани нафақагир, пардохти нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон ба кӯдакони ятим, ки таҳти таъминоти пурраи давлат қарор доранд, пешбинӣ гардидааст.

Ҷиҳати марҳила ба марҳила татбиқ намудани ислоҳоти низоми таъминоти нафақа аз 1 январи соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шуд. Яъне, аз 1 январи соли 2013 инҷониб дар низоми таъминоти нафақаи шаҳрвандӣ ду Қонун амал карда истодааст:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

Бояд тазаккур дод, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» то 1 январи соли 2017 амал менамояд ва дар ин давра нафақаҳои меҳнатӣ аз рӯи синну сол, аз ҷумла бо шартҳои имтиёзнок барои иҷрои корҳои махсус ва нафақаҳо барои хизмати дарозмуддат дар асоси шарт ва меъёрҳои ҳамин Қонун таъин карда мешаванд.

Сипас дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев П. З. дар мавзӯи "Мафҳуми ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун арзиши конститутсионӣ" баромад намуда, иброз намуд, ки дар асоси моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо ибораи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ нисбат ба ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун арзиши конститутсионӣ дуруст аст.

Солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ назарияи хатари таваккали иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки мувофиқи он таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун пешниҳоди неъматҳо ҳангоми тақсимоти маҳсулоти дастаҷаъмӣ ба аъзоёни ҷамъият, ки дар ҳолати бади зиндагӣ қарор дошта, ин ҳолат аз ҷониби ҷамъият узрнок эътироф мегардад, маънидод мешуд. Намояндагони ин назария В.М. Догадов, Н.А. Вигдорчик, Н.А. Семашко буданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Сангинов Д.Ш. таъминоти иҷтимоиро ҳамчун шакли ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат, ки баҳри таъминоти моддии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои марказонидашудаи хусусияти иҷтимоидошта, ҳангоми фаро расидани холатҳои аз тарафи давлат муқарраршуда, бо мақсади баробар намудани ваъзи иҷтимоии ин шаҳрвандон бо ваъзи иҷтимоии дигар аъзоёни ҷамъият нигаронида шудааст, маънидод мекунад, ки мо низ тарафдори он мебошем.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми таъминоти иҷтимоӣ тамоми намуди нафақаҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муолиҷаи тиббӣ, инчунин имтиёзҳои гуногун барои категорияи мушаххаси шаҳрвандон дохил мегарданд. Ба низоми таъминоти иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таҳсилоти ройгон ва таъминот бо манзил дар мавриди набудани ҳодисаи иҷтимоӣ, ки ба он таъминоти иҷтимоӣ вобаста аст, дохил намешаванд.

Баъдан, дар мизи мудаввари мазкур Сардори шуъбаи ҳуқуқи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Муқумов Неъмон дар мавзӯи «Ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» баромад намуда, қайд намуд, ки Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва татбиқи муқаррароти қонуну санадҳои ҳуқуқии меъёрии соҳавӣ барои рушди илм, адабиёт ва санъат накши муҳим дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои байни муаллифон ва истифодабарандагони асарҳои онҳо қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зеринро ба тасвиб расонидааст:

– Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 3) фасли 5, боби 57, «Моликияти зеҳнӣ» ном дошта, аз дувоздаҳ модда иборат аст. Кодекси мазкур 30 ноябри соли 2004 қабул гардида, аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд. Дар Кодекс танҳо муқарраротӣ асосӣ оварда шуда, масъалаҳои танзими соҳавии моликияти зеҳнӣ ба қонунҳои соҳавӣ ҳавола карда шудаанд

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», 13 ноябри соли 1998 қабул гардида, бо

мақсади мутобиқ гардонидани он ба талаботи аҳдноманомаҳои байналмилалӣ ва Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнии ҳуҷҷати Созмони умумиҷаҳонии савдо ва бо дарназардошти рушди техникаву технология солҳои 2003, 2006, 2009 ва 2014 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст.



Баъдан мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Ҳофиз дар мавзӯи «Қонунгузории муҳоҷират: рушд ва проблемаҳои он» суханронӣ намуда, иброз намуд, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ муҳоҷират ин ҷойивазкунии бебозгашт, муваққатӣ, инчунин мавсимии шахси воқеӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи он ва аз хориҷи он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вобаста ба тағйири маҳалли истиқомат, кор, кӯчидани шахси воқеӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки мавзӯи муҳоҷират, махсусан муҳоҷирати корӣ, мушкилоту печидагиҳои зиёде дорад ва онҳоро метавон танҳо дар сатҳи хукуматию давлатӣ ҳал кард.

Бо дарназардошти ин, бояд тазаккур дод, ки Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» яке аз сарчашмаҳои муҳими танзимкунанда ба ҳисоб меравад.

Қонуни мазкур 11 декабри соли 1999 қабул карда шуда, аз 27 модда иборат мебошад ва муносибатҳоро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ танзим карда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои муҳоҷират, инчунин сохтани шароити зарурии ҳаётро дар маҳалли нав барои шахс ва оилаҳое, ки ба Ватани аҷдодии худ бармегарданд, муайян менамояд.

Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ФР дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқии шаҳвандони ҶТ дар ФР ва шаҳвандони ФР дар ҶТ дар ҳалли мушкилоти ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатии ду кишвар мусоидат менамояд.

Имрӯз барои ҶТ имкони ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта тавассути Созишномаҳои байнидавлатӣ доир ба таъминоти суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ имкон дорад. Зеро, Тоҷикистон аъзои ИДМ ва дигар созишномаҳои минтақавӣ, аз қабили Авру - Осиё ва дигар созишномаҳои иқтисодӣ мебошад, ки заминаи ҳуқуқии ин ҳамкориҳо барои ҳалли масъалаи мазкур мувофиқанд. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати баҳисобгирии собиқаи суғуртавии муҳоҷирони меҳнати шаҳрвандони Тоҷикистон дар ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва интиқоли саҳми суғуртавии онҳо барои давраи фаъолияти меҳнатӣ дар ин давлатҳо Созишномаи ҳамкорӣ миёни мақомотҳои суғуртаи иҷтимоии Тоҷикистон ва ин давлатҳо баста шавад.

Ҳамин тариқ, дар мизи мудаввар меҳмонон, аз ҷумла Ҳаитов С.П., н.и.ҳ., дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи молиявӣ ва иқтисодии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи "Баъзе масъалаҳои ҳуқуқи иҷтимоӣ", Ормонов Бузургмехр Абдувакилович, сармутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар мавзӯи "Шуғли ғайрирасмӣ ва таъсири манфии он", Зеваров Хушачин Зеварович, муаллими калони кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи "Оид ба зарурати қабули консепсияи таъминоти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон", Зокирова Дилафрӯз Давлаталиевна, мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ", Бухориева С., мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Ҳифзи иҷтимоии занон: заминаи мавҷуда ва такмили минбаъда", Соҳибназаров Манучехр, мутахассиси шуъбаи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ" баромад намуда, таклифу пешниҳодҳои худро иброз намуданд ва ба саволҳои иштирокчиён ҷавобҳои мушаххас доданд.

Дар фарҷоми кори мизи мудаввар муовини аввали директори Маркази миллии қонунгузорӣ кори чорабинии мазкурро ҷамъбаст карда, ба ҳамаи иштирокчиён барои ширкати фаъол ва маърӯзаҳои пурмазмунашон изҳори миннатдорӣ намуд.

**Замираи Қурбон,**
**мутахассиси пешбари шуъбаи**
**қонунгузорӣ оид ба меҳнат,**
**муҳоҷират ва иҷтимоӣ**

*Масъули чоп*
*Ответственный за выпуск* **Ғуломҳайдаров Ҷ.М.**

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тархрезӣ шуда, дар матбааи «Азия-Принт» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.

Ба матбаа 09.12.2015 супорида шуд. Ба чопаш 21.12.2015 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии №1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Адади нашр 200 нусха. Супориши № 4G1215

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии «Азия-Принт».

Сдано в печать 09.12.2015 г. Разрешен к печати 21.12.2015 г. Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 200 экз. Заказ № 4G1215

**Маркази миллии қонунгузории**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13*
*телефон/факс 227-47-71*

**Национальный центр законодательства**
**при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13*
*телефон/факс 227-47-71*